# АЗОБҲО БАРОИ
# МАСЕҲ

Шубон Ричард Вурмбранд



# АЗОВҲО БАРОИ

# МАСЕҲ

Шубон Ричард Вурмбранд

Originally published in English as
*Tortured for Christ* by Richard Wurmbrand
© 1967, 1998 by The Voice of the Martyrs

© 2002 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

## Каме дар бораи муаллиф

Ин китоб барои шумо дар бораи одами зиндаи наҷиб ва таассуроти бениҳояти ӯ дар муддати чаҳордаҳ сол дар маҳбаси коммунистии Румыния нақл мекунад. Китоби мазкур саргузашти хаёлие нест, ки аз гуфти мардум гирифта шудааст ва дар он сухан дар бораи андешаҳои касе намеравад, ки коммунизмро аз берун, аз тарафи дигари пардаи оҳанин мебинад. Муаллифи китоб бо он ҷолиб аст, ки худро мухолифи коммунизм не, балки тарафдори масеҳият мебинад. Ӯ ба куллӣ ва пурра хатари коммунизмро эътироф мекунад, вале сухани ӯ бештар муҳаббати Масеҳро, ки Ӯ ба коммунистон низ дорад, баён мекунад ва барои ҳамин муаллиф моро даъват мекунад, ки аввалан мо дар ҷустуҷӯи рӯ овардани коммунистон ба Масеҳ бошем.

Дар як маҳбаси ифлоси пур аз калламуш, якчанд қадам аз марг ва девонагӣ буда, ин одами азобдида боре лабони хушкшудаи худро ба сӯи Худо бардошт ва хоҳиш кард, то ки Худо ба ӯ гап занад. Ва Худо гап зад... на бо суханон, балки бо он нидоҳои даҳшатноки Масеҳ, ки дар рӯи салиб мурда буд. Ӯ фарёди ҷисми азобдидаи Наҷотдиҳандаро шунид, ки дар асри бист ҳам дар паси Пардаи Оҳанин азоб мекашад ва ба он қаҳрамонона тоқат мекунад.

## Калисои Масеҳ — Ҷисми Ӯ мебошад

Акнун ин одам, ки дар ҳуҷраи якканишини ҳабсхона фарёди ҷисми азобдидаи Масеҳро шунид, ба таври мӯъҷизавӣ озод шуд ва дар олами озод аст.

Ин китоб фақат қисми якуми сухани ӯ аст, ки барои Ғарб оварда буд, сухане ки бешубҳа олами озодро бо калисоҳои гарми он то худи таҳкурсияшон ба ҳаяҷон меоварад, ҳамин ки он ба қадри кифоя паҳн шавад. То ҳол ҳеҷ одам бо дарди рӯҳии аз ин вазнинтар ва дар бораи кори таъҷилитаре сухан нагуфтааст. Падари Осмонии мо дар бораи ӯ чунин гуфта метавонист, чӣ тавре ки як вақтҳо дар бораи Писари Худ гуфта буд: „Ӯ қисми маҳбуби ҷисми Писари Ман аст, қисме ки аз баъзе ҷиҳатҳо бисёр азоб дид... ӯро гӯш кунед“.

Ҳақиқатҳои илоҳиёт, ки бевосита аз тарафи Худо ба ӯ кушода шудаанд, мӯъҷизаи ба худ хос ҳастанд. Дар ин ҷо ҳақиқатан чизи гӯш карданӣ ҳаст. Комилан маълум аст, ки ҳабси дарозмуддат ва шиканҷаҳо фақат барои он ки ӯ масеҳӣ буд, кори ғамангези худро карданд. Дар муддати кӯтоҳ шодии озодӣ ва ҳиссиёти пуршавии рӯҳ қувват ва рӯҳбаландии ӯро дастгирӣ мекарданд, вале оқибатҳои шиканҷаҳо ва вояҳои калони нашъа, ки дар вақтҳои „тозакунии майна" дода шудаанд, намоён ҳастанд. Ҳамаи ин ба ҷисм ва шуури бе ин ҳам азобкашида ҳуҷуми нав карда истодааст.

Шояд ба наздикӣ шунавандагони бисёр дар тамоми олами озод навиштаҳои олиҷаноби ин одамро дастрас кунанд.

Инак, мо онҳоро на ба забони китобатӣ, балки бо забони пурэҳсос ва суханваронаи муаллиф ба шумо пешниҳод мекунем, бо умеди он ки шумо ҳам гармӣ, муҳаббат ва самимиятеро ҳис мекунед, ки аллакай ба бисёр ҳазор шунавандагони мафтуншуда маълум ҳастанд.

Ричард Вурмбранд, башоратдиҳандаи ҳаваскор, чанде пеш аз маҳбаси румынӣ озод шуд, ки дар он ҷо 14 сол монда, азобу шиканҷаҳои даҳшатнокро аз сар гузаронд.

Ӯ дар Румыния ҳамчун яке аз башоратдиҳандагони пешқадам маълум аст. Ӯро ҳамчун роҳбар, нависанда ва муаллим мешиносанд. Ӯ таърихи Аҳди Ҷадидро дар семинарияи баптистӣ, дар Бухарест таълим медод ва бисёр китобҳои аҷоибро навиштааст.

Дар соли 1945, вақте ки коммунистон Румынияро гирифтанд ва кӯшиш мекарданд, ки калисоро барои мақсадҳои худ истифода баранд, Ричард Вурмбранд ҳамон лаҳза байни асирони румынӣ ва аскарони рус, ки Румынияро гирифтанд, хизматгузории „пинҳонӣ"-ро сар кард. Ҳазорон одамон тарғиботҳои ӯро дар анборҳо, чердакҳо, таҳхонаҳо ва саҳроҳои Румыния гӯш мекарданд. Барои аз полиси махфӣ пинҳон шудан ӯ дар деҳаҳои гуногун бо номҳои гуногун пайдо мешуд. Касоне ки имони худро дар он айёми сахт нигоҳ доштанд, ӯро ёд доранд, ва ӯро „одаме ки дар бораи Худо гап мезанад" меноманд. Барои тез-тез пайдо шудан ва ғайб задани ӯ дар ҳар ҷо ӯро „шабаҳи инҷилӣ" меномиданд. Ӯ дар қаторахо бо бисёр аскарони шӯравӣ ҳамроҳ шуда, ба онҳо башорат медод. Дар қатораҳо ӯ ба онҳо Каломи Худоро медод ва бо ёрии шахсони ба Масеҳ рӯоварда метавонист ҳамчун коргар ба лагери Аскарони Сурх дарояд. Ӯ дар сарбозхонаҳо ҳамон вақт башорат медод, ки „ҷанговарони Масеҳ" аз байни худи аскарони Армияи Сурх посбонӣ мекарданд ва бехатарии ӯро муҳофизат мекарданд.

Дар муддати чанд сол ӯ калисои пинҳониро роҳбарӣ мекард. Ӯ ҳазорон Инҷилро дар дастгоҳҳои чопии пинҳонкардашуда чоп кард. Дар рӯи муқова акси Карл Маркс буда, китоб „Дин — афюн барои

халқ“ ном дошт. Даҳ саҳифаи аввал иқтибосҳо аз асарҳои роҳбарони коммунистӣ буда, дар саҳифаи ёздаҳум гуфта мешуд, ки он чизе, ки ҳоло хонда будед, бемаънӣ ва нодуруст аст... ва акнун ба ҳақиқат гузаштан мумкин аст. Тамоми боқимондаи китоб Каломи Худо буд. Цензураи коммунистӣ аз нигоҳи аввал ин китобро таҳсин мекард ва дар ҷамъомадҳои калон ва съездҳои коммунистӣ онҳоро тақсим мекарданд.

Дар соли 1948 кори Ричард чунон бузург шуд, ки ӯро ҳамроҳи занаш Сабина, ки се солро дар лагерҳои корӣ гузаронд, ҳабс карданд. Шубон Вурмбранд се сол ба ҳуҷраи якканишин шинонда шуд ва ба ғайр аз азобдиҳандаҳои худ дигар ягон касро надид.

Бо гузаштани ин мӯҳлат ӯро ба муддати панҷ сол ба ҳуҷраи умумӣ гузаронданд ва шиканҷаҳо бо кордҳо ва оҳани тафсоншуда мунтазам кор фармуда мешуданд.

Ба туфайли номдор буданаш ва он мақоме ки ӯ ҳамчун роҳбари рӯҳонӣ, нависанда ва муаллим дошт, дипломатҳои хориҷӣ ба ҳабси тӯлкашидаи ӯ диққат доданд ва ӯро аз ҳукумати коммунистӣ талаб мекарданд. Дар ҷавоб хабар омад, ки Вурмбранд аз Румыния гурехтааст. Барои занаш шаҳодати расмӣ дар бораи марги ӯ фиристонда шуд. Полис пинҳонӣ дар намунаи дӯстони озодшудаи Вурмбранд марги шубонро бо шаҳодати иштироки шахсиашон дар дафкунӣ дар гӯристони ҳабсхона тасдиқ карданд. Ба хешовандонаш дар Румыния ва дӯстони берун аз сарҳад пешниҳод шуд, ки ӯро фаромӯш кунанд, азбаски ӯ дигар дар қайди ҳаёт нест.

# БОБИ ЯКУМ

АЗОБҲО

## Беимон Масеҳро меёбад

Ман дар оилае тарбия ёфтаам, ки дар он ягон хел дин ба назар гирифта намешуд. Дар хурдсолӣ ба ман маърифати динӣ дода нашуд ва дар синни 14-солагӣ ман атеистиислоҳнашаванда будам. Ин натиҷаи сангдилии кӯдакии ман буд. Ман аз рӯзҳои аввали зиндагиям ятим будам ва бо қашшоқӣ ва мушкилиҳои давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шинос будам. То синни 14-солагӣ ман чун коммунистони давраи худ атеисти қатъӣ будам. Дар ин синну сол ман ҳар гуна китобҳои бедиёнатро мехондам ва на танҳо ба Худо ва Масеҳ бовар намекардам, балки инчунин ҳар гуна зикри динро бад медидам, онро барои одам пурхатар ва зарарнок ҳисоб мекардам. Ман бо сангдилӣ ба муқобили дин ба воя расидам. Баъдтар ман фаҳмидам Худо бо файзи худ маро ба қатори интихобшудагони худ қабул кардааст, ки сабаби онро то ҳоло ҳам намефаҳмам. Ин сабабҳо ба хислати ман, ки тамоман бад буд, ягон муносибате надоштанд.

Агарчи ман атеист будам, чизи нофаҳмое маро ба калисо мекашид. Барои ман аз паҳлӯи калисо гузашта ва ба даруни он надаромадан мушкил буд. Ба ростӣ ман намефаҳмидам, ки чӣ рӯй медод. Ман мавъизаҳоро гӯш мекардам, вале онҳо ба дили ман намерасиданд. Ман комилан боварӣ доштам, ки Худо нест. Ман аз он фикр нафрат доштам, ки Худо ҳукмрон аст ва ман бояд ва ӯ итоат кунам.

Ман аз он тасаввуроти нодуруст дар бораи Худо, ки дар шуури ман буд, нафрат доштам. Ман бисёр мехостам, ки дар куҷое дили дӯстдоштае вуҷуд дошта бошад... дар ягон ҷое дар маркази олам. Барои ман хурсандиҳои кӯдакӣ ва ҷавонӣ кам шинос буданд.

Бисёр мехостам, ки дар куҷое барои ман ҳам дили дӯстдоштае зада истода бошад.

Ман медонистам, ки Худо нест, вале афсӯс мехӯрдам, ки ин гуна Худои дӯстдоштае ки ман мехостам дошта бошам, вуҷуд надошт.

Боре ман пур аз мухолифатҳои дарунии рӯҳӣ ба калисои католикӣ даромадам ва дидам, ки одамон ба зону нишаста, чизе худ ба худ гуфта истодаанд. Ман фикр мекардам, ки ман ҳам дар қатори онҳо истода, дуоҳои онҳоро такрор кунам ва бисанҷам, ки аз ин чӣ бармеояд.

Онҳо ба Бокираи Муқаддас дуо мекарданд: „Шодӣ кун, эй Пурфайз“. Ман аз паси онҳо боз ва боз такрор мекардам ва ба ҳайкали Марям менигаристам, вале ягон чиз рӯй намедод ва ман сахт ғамгин шуда рафтам.

Боре, гарчанде ман атеисти қатъӣ будам, ман ба Худо дуо мекардам: „Худоё, ман боварии комил дорам, ки Ту нестӣ, вале агар Ту тасодуфан вуҷуд дошта бошӣ, ки ба ин ман шубҳа дорам, ман маҷбур нестам, ки ба Ту бовар кунам, вале Ту маҷбур ҳастӣ ба ман кушода шавӣ“.

Ман атеист будам, вале атеизм ба дили ман осоиштагӣ надод.

Рӯзе дуредгари пир китоберо ба ман дод.

Китоби Муқаддасе ки ӯ ба ман дод, на бо сухан, балки бо алангаи муҳаббат ва дуои ӯ навишта шуда буд. Ман бо душворӣ онро мехондам. Ман намехондам, балки дар сари ҳар саҳифа мегиристам, зиндагии нуқсондори худро бо зиндагии Исо, нопокии худро бо покии Ӯ, нафрати худро бо муҳаббати Ӯ муқоиса мекардам ва Ӯ маро ба қатори мансубони Худ қабул кард. Ман ба Ӯ мутааллиқ шудам.

Баъдтар зани ман ҳам ба Масеҳ рӯ оварда, дигар ҷонҳоро ба назди Ӯ овард ва онҳо дар навбати худ дигаронро меоварданд ва ҳамин тавр дар Румыния ҷамоати масеҳии нав пайдо шуд.

Давраи миллатчигӣ расид ва мо дар Румыния аз барои онҳо сахт азоб мекашидем. Миллатчигӣ шакли ҳукмфармоии қатъӣ ва таъқибкуниро гирифт.

Давраҳои ҳукумати миллатчигӣ ба мо баъзе чизҳоро ёд доданд. Онҳо ба мо нишон доданд, ки ба зарбу латҳо тоқат кардан мумкин аст ва рӯҳи одам бо ёрии Худо метавонад ба шиканҷаҳои даҳшатнок тоб оварад. Мо корҳои Худоро пинҳонӣ карданро ёд гирифтем ва ин моро ба давраҳо ва азиятҳое тайёр кард, ки акнун дар пеши мо истода буданд.

## Хизмат ба русҳо

Аз гузаштаи беҳудаи худ афсӯс хӯрда, аз рӯзи аввали имон оварданам ман дар бораи имконияти ба одамони советӣ шаҳодат доданро орзу мекардам. Онҳо одамоне буданд, ки аз хурдсолӣ дар атеизм тарбия ёфтаанд. Орзуи ман амалӣ шуд ва амалӣ гаштани он ҳанӯз дар давраи миллатчиён сар шуда буд, вақте ки дар Румыния ҳазорон низомиёни советӣ буданд. Мо дар байни онҳо кори масеҳиро паҳн кардем ва ин кор таъсирбахш ва ҷиддӣ буд.

Ман ҳеҷ гоҳ вохӯрии аввалини худро бо асири рус фаромӯш намекунам. Ӯ ба ман гуфт, ки ӯ муҳандис аст ва ман аз ӯ пурсидам, ки оё ӯ ба Худо бовар мекунад? Агар ӯ дар ҷавоб ба ман „ҳа“ ё „не“ мегуфт, ман ӯро мазаммат намекардам, чунки бовар кардан ва

накардан ҳаққи ӯ аст, вале ӯ ба ман бо чашмони нофаҳмо нигоҳ карда гуфт: „Барои ман чунин фармон нест, ки бовар кунам ва агар ба ман фармон диҳанд, ман бовар мекунам“.

Бар рухсораҳои ман ашкҳо равон шуданд. Ман ҳис мекардам, ки чӣ хел дар синаам дилам пора мешавад. Дар назди ман одам бо шуури мурда меистод, ки қиматтарин тӯҳфаи Худоро гум кардааст: ҳаққи шахсият будан. Ӯ олати ҷангие дар дасти коммунистон буд, одами майнааш тозакардашуда, ки бо фармон тайёр буд бовар кунад ё не. Ӯ дигар қобилияти тафаккури шахсӣ надошт ва баъди бисёр солҳои ҳукумати коммунистӣ одами руси типӣ буд.

Баъд аз садамоти аввалин аз таассуроте ки ин муҳандис ба ман овард, ба худ омада, ман ба Худо ваъда додам, ки зиндагии худро ба ҳамин одамон мебахшам, то ки шахсияти онҳоро баргардонам ва ба онҳо барои пайдо кардани имон ба Худо ва Масеҳ ёрдам кунам. Ба ман зарур нашуд, ки ба Русия равам, то ки русҳоро дарёбам.

Аз 23 августи соли 1944 сар карда як миллион аскарони шӯравӣ ба Румыния омаданд. Дере нагузашта коммунистон дар мамлакати мо ба сари ҳокимият омаданд. Чунин даҳшате сар шуд, ки террори миллатчиёнро ба як чизи хурд ва сабуке табдил дод. Дар Румыния, ки он гоҳ 18 миллион аҳолӣ дошт, дар партия фақат даҳ ҳазор кас аъзо буд. Вале вазири корҳои хориҷии Иттиҳоди Шӯравӣ Вышинский ба утоқи подшоҳи мо Михаили Якум зада даромад ва бо мушт ба рӯи миз зада гуфт: „Шумо бояд дар мақомҳои ҳукуматӣ коммунистонро таъин кунед!“

Армия ва полиси мо беяроқ карда шуда буданд ва он гоҳ коммунистони қариб барои ҳама манфур зӯран ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд.

## Забони муҳаббат ва забони гумроҳкунӣ якхела ҳастанд

Вақте ки коммунистон дар Румыния ба сари ҳокимият омаданд, онҳо моҳирона дар навбати аввал ба назди калисо омаданд, то ки онро аз роҳ зананд ва ба тарафи худ гардонанд.

Касе ки мехоҳад духтарро ба занӣ гирад ва касе ки мехоҳад фақат як шаб бо вай бошад ва вайро биронад, ҳар ду мегӯянд: „Ман туро дӯст медорам!“

Исо моро ёд дод, ки забони муҳаббатро аз забони гумроҳшавӣ ва гургони дар пӯсти гӯсфандро аз гӯсфандони ҳақиқӣ фарқ кунем.

Коммунистон конгресси ҳамаи калисоҳои масеҳиро дар бинои Парлумон даъват карданд. Онҳо мехостанд, ки масеҳиён ба тарафи онҳо гузаранд, вале мо роҳи дигарро интихоб кардем.

Дар он ҷо 4000 шубонон, рӯҳониён ва мавъизакунандагони ҳамаи мазҳабҳо буданд ва ҳамаи ин 4000 хизматчиёни рӯҳонӣ Иосиф Сталинро раиси фахрии конгресс интихоб карданд. Сталин он вақт раиси ҳаракати байналхалқии беимонон ва қотили оммавии имондорон буд.

Дар бинои Парлумон усқуфҳо ва шубонҳо яке аз паси дигаре хеста, мегуфтанд, ки коммунизм ва масеҳият асосан якхела ҳастанд ва комилан метавонанд ҳамзистӣ кунанд. Яке аз паси дигаре башоратдиҳандагон ба коммунизм ҳамду сано меоварданд ва ҳукумати навро ба боварии калисо анҷом медоданд.

Ман бо занам дар ин конгресс иштирок кардам. Занам дар паҳлӯям нишаст ва ба ман пичиррос зад: „Ричард, бархез ва ин бадномиро аз рӯи Масеҳ бишӯй! Онҳо ба рӯи муқаддаси Ӯ туф мекунанд!“ Ман ба ӯ ҷавоб додам: „Агар ман ин корро кунам, ту шавҳари худро гум мекунӣ“. Вай гуфт: „Ман намехоҳам, ки шавҳари тарсончак дошта бошам“. Он гоҳ ман хеста дар ин конгресс гап задам ва на қотилони масеҳиён, балки Худо ва Масеҳро таъриф мекардам ва гуфтам, ки садоқати мо дар навбати аввал ба Худо тааллуқ дорад. Ҳамаи суханон дар ин конгресс ба воситаи радио шунавонида мешуданд ва тамоми мамлакат мешунид, ки ман аз манбари парлумони коммунистӣ чӣ мегуфтам. Ман Масеҳро баланд мебардоштам ва ин баҳри ман қимат меафтод, вале фикр мекунам, ки бояд чунин рафтор мекардам.

Калисоҳои православӣ ва протестантӣ дар гузашт кардан ба коммунизм мусобиқа мебурданд.

Як усқуфи православӣ ба тайласони худ дос ва болғаро баст ва аз зердастони худ хоҳиш намуд, ки ӯро дигар бо унвони оддӣ не, балки „рафиқ усқуф“ номанд.

Ман дар конгресси баптистон дар шаҳрчаи Ресит иштирок кардам. Анҷуман дар зери байрақи сурх мегузашт ва вақте ки суруди миллии Иттиҳоди Шӯравиро менавохтанд, ҳама аз ҷойҳои худ бархестанд ва раиси анҷуман изҳор кард, ки Сталин ба ғайр аз иҷро кардани аҳкоми Худо дигар ягон корро намекунад. Ӯ Сталинро ҳамчун устоди бузурги Китоби Муқаддас таъриф мекард!

Чунин рӯҳониён ба монанди Патрасиу ва Росиану боз ҳам дуртар мерафтанд: онҳо офисерони полиси пинҳонӣ шуданд. Ёрдамчии усқуфи калисои лютерании Румыния Рапп дар семинарияи динӣ таълим медод, ки Худо се ваҳйиро ба воситаи Мусо, Исои Масеҳ ва Сталин додааст ва ҳар як ваҳйи нав аз пештара беҳтар буд.

Бифаҳмед, ки масеҳиёни ҳақиқӣ ба Масеҳ содиқ монданд ва бисёр азоб кашиданд, вале коммунистон барои онҳо роҳбаронро „интихоб“ карданд ва онҳо ба ғайр аз қабул намудани ин роҳбарон чораи дигаре надоштанд. Ин шароит дар замони мо дар мавриди „роҳбарон“-и

баланди динӣ боқӣ мондааст. Онҳое ки на ғуломони Масеҳ, балки ғуломони коммунистон шуданд, бародарони худро рад мекарданд ва намехостанд, ки бо онҳо бошанд.

Имондорони рус баъд аз Инқилоб дар Русия Калисои Пинҳониро ташкил карданд. Мо дар мамлакати худамон аз рӯи амали онҳо рафтор кардем, зеро медидем, ки чӣ хел ҳокимияти коммунистон боз ҳам мустаҳкамтар мешавад ва чӣ хел баъзе роҳбарони расмии калисо бародарони худро мефурӯшанд. Мо Калисоро бино кардем, ки тайёр буд ба мардум башорат диҳад ва ҳатто ба кӯдакон Инҷилро мавъиза кунад. Коммунистон ҳамаи инро манъ карданд ва роҳбарони расмии Калисо ба ин шарт розӣ шуданд.

Ҳамроҳи дигарон ман кори Калисои ба қайд нагирифтаро кушодам. Зоҳиран ман вазъияти сазовори эҳтироми ҷамъиятро ишғол намудам, ки ба кори махфии ман ҳеҷ дахл надошт ва ҳамчун пардапӯш хизмат мекард. Ман шубони Миссияи Лютерии норвегӣ будам ва дар худи ҳамон вақт намояндаи Шӯрои Умумиҷаҳонии Калисоҳо будам. Ин ду мақом барои ман дар пеши коммунистон намои шоистаро медоданд ва онҳо дар бораи кори пинҳонии ман ягон чизро намефаҳмиданд, ки он ду шӯъба дошт: хизмат ба миллионҳо аскарони шӯравӣ ва хизмат ба халқи асири Румыния.

## Одамони шӯравӣ ҷонҳои мӯҳтоҷ доранд

Башорати Инҷил барои одамони шӯравӣ ба ман чун осмон дар замин менамуд. Ман Инҷилро барои бисёр миллатҳо мавъиза мекардам, вале ягон бор надидам, ки касе Инҷилро мисли одамони шӯравӣ қабул кунад. Онҳо чунин ҷонҳои мӯҳтоҷро доранд!

Як шиноси рӯҳонии православӣ бо телефон ба ман занг зада гуфт, ки офитсери рус ба назди ӯ барои омурзиш омадааст. Шиноси ман бо забони русӣ гап намезад, вале чун фаҳмид, ки ман бо забони русӣ гап мезанам, ба ӯ суроғаи маро додааст. Дар рӯзи дигар ин одам ба назди ман омад. Ӯ Худоро дӯст дошта, мехост Ӯро бештар бифаҳмад, вале ягон бор Китоби Муқаддасро надидааст, ягон бор дар ибодати Худо набудааст (калисоҳо дар Русия хеле каманд) ва ягон тайёрии динӣ надошт. Ӯ Худоро дӯст медошт, вале дар бораи Ӯ ягон тасаввуроте надошт.

Ман ба ӯ хондани Мавъизаи Болои Кӯҳ ва масалҳои Исоро сар кардам. Ҳамаи инро гӯш карда, ӯ дар рӯи хона ба рақс кардан сар кард ва хурсандона хитоб мекард: „Ин чӣ зебоӣ! Чӣ тавр ман ин Масеҳро надониста, зиндагӣ карда метавонистам!“

Ман бори аввал одамеро дидам, ки барои Масеҳ бо чунин ҷидду ҷаҳд ва шавқ хурсандӣ мекунад.

Вале дар ин ҷо ман ба хатоие роҳ додам, таърихи азобҳо ва таслиби Исоро бе тайёрии пешакӣ ба ӯ хондам. Ӯ инро интизор набуд ва вақте шунид, ки Масеҳро заданд, маслуб карданд ва чӣ хел Ӯ дар охир бо азобҳои даҳшатнок ҷон дод, вай ба рӯи курсӣ афтод ва гиряро сар кард. Ӯ ба Наҷотдиҳанда бовар кард ва акнун ин Наҷотдиҳанда ҷон дод. Ман ба ӯ нигоҳ карда, шарм мекардам, ки ман муаллим ва шубони дигарон номида мешудам, вале ягон бор ба азобҳои Масеҳ шарик нашудаам, чунон ки ин офитсери русе ки ҳоло нав дар бораи онҳо фаҳмида буд.

Ба ӯ нигоҳ карда, ман чун аз нав Марями Маҷдалиро, ки дар пояи салиб мегирист ва баъд Исоро, ки фақат ҷисми беҷоне дар даруни қабр буд, медидам. Ман ба ӯ хондани ҳикоятро дар бораи эҳё шудани Масеҳ сар кардам. Ӯ намедонист, ки Наҷотдиҳандаи ӯ аз байни мурдагон эҳё шуд ва вақте ки ин хабари хушро шунид, ба зонуҳои худ мезад ва дашноми бадро такрор мекард, ки онро ҳамон замон „муқаддас“ номидан мумкин буд. Сухани ӯ дағал буд, чунки ӯ дигар хел гап заданро ёд нагирифта буд. Ӯ боз аз нав шодӣ мекард ва фарёд мезад: „Ӯ зинда аст! Ӯ зинда аст!“ Хурсандӣ боз аз нав дар ӯ ҷӯш мезад ва ӯ боз дар рӯи хона рақс мекард.

Ман ба ӯ гуфтам: „Биёед дуо кунем“. Ӯ дуоро намедонист ва суханони муқаддаси мо ба ӯ ношинос буданд. Ӯ дар паҳлӯи ман ба зону нишаст ва суханони дуои ӯ чунин буданд: „Худоё, Ту аҷаб хуб ҳастӣ! Агар Ту ба ҷойи ман мебудӣ, ва ман ба ҷойи Ту мебудам, ман ҳеҷ гоҳ гуноҳҳои Туро ба Ту намебахшидам, вале Ту ҳақиқатан меҳрубон ҳастӣ ва ман аз таҳти дил Туро дӯст медорам!“

Ба ман чунин менамояд, ки ҳамаи фариштаҳо дар осмон корҳои худро монда ба ин дуои бузурги офитсери рус гӯш медоданд. Ин одам аз тарафи Масеҳ қабул шуд.

Дар мағоза ман офитсери дигари рус ва офисерзанеро вохӯрдам. Онҳо мехостанд хариди бисёре кунанд ва барои онҳо бо фурӯшандае ки ягон сухан бо русӣ намегуфт, маслиҳат кардан мушкил буд. Ман хизмати худро пешниҳод кардам. Мо шинос шудем ва ман онҳоро ба хӯроки нисфирӯзӣ ба назди худ даъват кардам. Пеш аз он ки ба хӯрдан сар кунем, ман ба онҳо гуфтам: „Шумо дар хонаи масеҳиён ҳастед ва мо одат кардаем, ки пеш аз хӯрок дуо кунем“. Ман бо забони русӣ дуо мекардам. Онҳо чангакҳо ва кордҳоро монданд ва дигар ба хӯрок аҳамият намедоданд. Дар бораи Масеҳ, дар бораи Худо ва дар бораи Китоби Муқаддас саволҳо сар шуданд. Онҳо ҳақиқатан ягон чизро намедонистанд. Бо онҳо гап задан барои ман душвор буд.

Ман ба онҳо масалеро дар бораи хӯҷаине ки садто гӯсфанд дошт ва яке аз онҳо гум шуд, нақл кардам, вале чизе ки ман гуфтам, онҳо

намефаҳмиданд ва пурсиданд: „Ин чӣ хел, ки ӯ сад гӯсфанд дошт? Наход ки колхоз онҳоро аз ӯ нагирифтааст?“

Баъд ман ба онҳо гуфтам, ки Масеҳ Подшоҳ аст ва онҳо ба ман ҷавоб доданд, ки ҳамаи подшоҳон одамони бад буданд ва мардумро ситам мекарданд ва барои ҳамин мумкин Исо ҳам ситамгар будааст.

Вақте ки ман ба онҳо масал дар бораи коркунони токзорро нақл кардам, онҳо ҷавоб доданд: „Онҳо хуб карданд, ки ба муқобили соҳиби токзор шӯриш бардоштанд. Токзор бояд ба коллектив тааллуқ дошта бошад!“

Барои онҳо ҳама нав буд.

Вақте ки ман ба онҳо дар бораи таваллуди Исои Масеҳ нақл кардам, онҳо бо суханоне ҷавоб доданд, ки барои ҳар як одами бомаданият таҳқиромез менамуданд: „Оё Марям зани Худо буд?“ Он гоҳ ман фаҳмидам, ки барои Инҷилро мавъиза кардан ба мардуме ки бисёр солҳоро дар зери коммунизм гузарондаанд, бояд тамоман забони дигарро, забонеро, ки ба онҳо фаҳмо аст, кор фармудан даркор аст.

Миссионероне ки ба Африқои Марказӣ мерафтанд, ҳеҷ наметавонистанд суханони Ишаъёи Набиро тарҷума кунанд: „Агар гуноҳҳои шумо мисли қирмиз бошанд, мисли барф сафед хоҳам кард“. Сокинони маҳаллӣ ягон бор барфро надидаанд ва тарҷумонҳо маҷбур буданд, ки гуноҳи сафедшударо бо чормағзи норҷилӣ муқоиса кунанд.

Инак, мо маҷбур шудем, ки Инҷилро ба забони марксистӣ тарҷума кунем, то ки барои ин мардум мақбул шавад. Мо худамон ин корро наметавонистем, вале Рӯҳи Муқаддас кори Худро ба воситаи мо кард. Офитсери рус ва рафиқааш худи ҳамон рӯз ба Масеҳ рӯ оварданд ва баъдтар ба кори пинҳонии мо дар байни одамони шӯравӣ бисёр ёрдам карданд.

Мо дар байни онҳо Аҳди Ҷадид ва дигар адабиётҳои диниро чоп карда тақсим мекардем. Бо ёрии аскарони сурх, ки ба Масеҳ рӯ оварданд, мо тавонистем қисмҳои Китоби Муқаддас ва Китоби Муқаддаси пурраро ба СССР равон кунем.

Барои паҳн кардани Инҷил байни аскарони шӯравӣ мо аз усулҳои ҳархела истифода мебурдем. Онҳо аллакай бисёр меҷангиданд ва бисёрии аз онҳо дар хонаҳо фарзанд доштанд ва барои онҳо бисёр зиқ мешуданд.

Писарчаи мо Михай ва дигар бачаҳои то синни даҳсола бо Китобҳои Муқаддас ва дигар адабиётҳо дар киса, ба назди иморатҳои аскарони шӯравӣ меомаданд. Аскарони сурх сари онҳоро сила мекарданд ва фарзандони азизи худро, ки солҳо надида буданд, ёд карда, ба фарзандони мо шоколад, қандҳо ва бачаҳо ба онҳо китобҳои Китоби Муқаддас ва дигар китобҳоро медоданд, ки аскарони рус қабул

мекарданд. Аксар вақт чизе ки барои мо хатарнок буд, фарзандонамон мекарданд, ки барои онҳо бехатар буд. Онҳо „миссионерони ҷавон“ буданд ва натиҷаҳои корҳои онҳо бисёр хуб буданд. Бисёрии аскарон Инҷилро ҳамин тавр қабул мекарданд, вақте ки дигар ягон илоҷи додани он набуд.

## Мавъиза дар иморатҳои ҳарбӣ

Мо дар байни аскарони сурхи рус кор мекардем ва на танҳо бо шаҳодатҳои шахсӣ ба онҳо хизмат мекардем. Мо имконият доштем, ки бо онҳо маҷлисҳои начандон калон гузаронем. Одамони шӯравӣ соатҳои дастиро бисёр дӯст медоранд. Аскарон аз ҳама соатҳоро медуздиданд. Онҳо одамонро дар кӯчаҳо бозмедоштанд ва ин одамон бояд хомӯшона соатҳои худро медоданд. Аскареро вохӯрдан мумкин буд, ки дар ҳар даст якчанд соат дошт ва ман ҳатто офисерзанеро вохӯрдам, ки соати рӯимизии зангдорро дар гардан дошт.

Агар ба румынӣ соат даркор мешуд, ӯ бояд ба иморатҳои русҳо мерафт ва соати дуздидашударо мехарид, ки баъзан соати шахсиашон буд. Даромад ба иморатҳои русҳо барои румынҳо кушода буд ва мо хизматгорони Калисои Пинҳонӣ дар намуди харидорон ба он ҷо медаромадем.

Кӯшиши аввали мавъизаи худро ман бо иди православии Петрус ва Павлуси муқаддас мувофиқ овардам. Ман ба истиқоматгоҳи аскарон бо баҳонаи хариди соат омадам ва онҳоро рад мекардам, чунки соатҳо хеле калон ё хеле хурд, ё барои ман қимат буданд. Дар гирди ман аскарон ҷамъ шуда, ҳар яке ягон чизро барои харид пешниҳод мекард ва ман бо шӯхӣ ҷавоб медодам: „Ягон кас аз шумоён Павлус ё Петрус ном дорад?“ Якчанд кас чунин номҳо доштанд ва ман пурсидам: „Оё шумо медонед, ки имрӯз иди Павлус ва Петрус аст?“ Чанд нафар аз калонсолон дар бораи ин медонистанд. Он гоҳ ман пурсидам: „Шумо медонед, ки Павлус ва Петрус киҳо буданд?“ Ҳеҷ кас намедонист ва ман ба онҳо дар бораи ҳавворийён нақлро сар кардам, вале як аскар маро боздошт ва гуфт: „Ман мебинам, ки шумо ба ин ҷо на барои хариди соат, балки барои гуфтан дар бораи имон омадаед. Бишинед ва гап занед, вале фақат эҳтиёткорона. Мо медонем, аз кӣ эҳтиёт шудан даркор.

Ин одамон дар ин ҷо бехатаранд, вале вақте ки ман дастамро ба зонуи шумо мегузорам, шумо бояд фақат дар бораи соат гап занед ва вақте ки мебардорам, шумо метавонед сухани худро давом диҳед“.

Издиҳоми нисбатан калоне ҷамъ шуд ва ман ба онҳо дар бораи Петрус, Павлус ва Масеҳ, ки онҳо барои Ӯ ҷони худро доданд, нақл мекардам. Баъзе вақтҳо касе меомад, ки онҳо ба ӯ боварӣ надоштанд

ва он гоҳ аскар дасти худро ба рӯи зонуи ман мегузошт ва ман ҳамон дам дар бораи соат гап мезадам. Вақте ки ин одам мерафт, ман сухани худро дар бораи Масеҳ давом медодам.

Чунин зиёратҳо бо ёрии аскарони имоновардаи рус бисёр такрор мешуданд. Он гоҳ бисёр аз рафиқони онҳо ба Исо имон оварданд ва ҳазорон Инҷилҳо пинҳонӣ тақсим шуданд.

Бисёр бародарон ва хоҳарони мо барои ин кор ба даст афтоданд ва зада ва азоб дода мешуданд, вале ягон кас ба ташкилоти мо хиёнат накард.

Дар вақтҳои хизматгузориамон мо бо аъзоёни Калисои Пинҳонии Русия шинос шудем ва имконият доштем дар бораи таассуротҳои онҳо бештар бифаҳмем. Мо дар онҳо аломатҳои муқаддасони бузургро медидем. Онҳо солҳои дарози тарбияи коммунистиро гузаштанд ва баъзеяшон дар донишгоҳҳои коммунистӣ мехонданд, вале чӣ тавре ки моҳӣ дар оби шӯри бахр зиндагӣ карда, метавонад тани худро бенамак нигоҳ дорад, онҳо ҳам аз мактабҳои шӯравӣ гузашта, худро дар Масеҳ тоза нигоҳ доштанд.

Ин одамони рус чунин ҷонҳои зебо доштанд! Онҳо мегуфтанд: „Мо медонем, ки ситора, дос ва болғае ки мо дар кулоҳҳои худ дорем, — аломати зидди Масеҳ аст“.

Онҳо инро бо садои ғамгинона мегуфтанд ва барои паҳн кардани Инҷил дар байни аскарони рус ба мо ёрдам мекарданд.

Ман бояд бигӯям, ки онҳо дорои ҳамаи сифатҳои хуби масеҳӣ буданд, ба ғайр аз хурсандие ки онҳо фақат дар вақти имон овардани худ доштанд. Баъд ин хурсандӣ ғайб зад ва ман ҳар гоҳ дар бораи ин фикр мекардам.

Рӯзе ман як масеҳиро пурсидам: „Барои чӣ шумо хурсандӣ намекунед?“ Ӯ ҷавоб дод: „Ман чӣ тавр метавонам хурсандӣ кунам, агар ман бояд аз шубони калисои худ пинҳон дорам, ки ман масеҳии ҳақиқӣ ҳастам ва бо дуо зиндагӣ карда, кӯшиш мекунам, ки ҷонро барои Масеҳ ба даст орам? Шубони Калисо хабаркаши полиси махфӣ мебошад ва моро яке аз паси дигаре дастгир мекунанд.

Шубонон бо қавми калисо хиёнат мекунанд! Дар қалбҳои худ мо хурсандии наҷотро дорем, вале мо мисли шумо ошкоро хурсандӣ карда наметавонем. Масеҳият барои мо фоҷиа аст. Вақте ки шумо, имондорони озод, ҷонеро барои Масеҳ ба даст меоваред, шумо аъзоро барои Калисои худ ба даст меоваред, вале вақте ки мо ин корро мекунем, рӯоварандаи нави мо метавонад ба ҳабс афтад ва фарзандони ӯ абадан бепарастор мемонанд. Хурсандӣ аз овардани касе ба назди Масеҳ ҳамеша бо ин ҳиссиёти пурдард ва фаҳмиши қимате ки онро пардохтан даркор аст, якҷоя мебошад“.

Мо бо имондорони шакли тамоман нав шинос шудем: масеҳиёни Калисои Пинҳонӣ. Мо бо бисёр ҳодисаҳои ғайричашмдошт дучор шудем.

Худи ҳамин тавре ки бисёр имондорон ҳастанд, ки дар ҳақиқат чунин нестанд, дар байни беимонони рус мо чунин одамонро ёфтем, ки дар ҳақиқат имондор буданд.

Ман бо ҷуфти бомаърифат шинос шудам. Ҳардуяшон ҳайкалтарошанд. Вақте ки ман бо онҳо дар бораи Худо гап задам, шавҳар гуфт: „Худо нест. Мо беимон ҳастем, вале мо ба шумо чизи аҷоиберо нақл мекунем, ки бо мо рӯй дода буд. Боре мо дар болои ҳайкали Сталин кор мекардем ва дар вақти кор ҳамсарам пурсид: «Дар хусуси ангушти калонӣ чӣ хел?» Агар мо ангушти калониро дар муқобили дигар ангуштон намедоштем ва дастони мо мисли пойҳои мо мебуданд, мо болға, асбобҳо, китоб, порчаи нонро гирифтан наметавонистем. Ангуштони калониро кӣ сохтааст? Мо ҳардуямон марксизмро дар мактаб омӯхтем ва медонем, ки замин ва осмонро Худо наофаридааст, балки худ ба худ пайдо шуданд. Моро ҳамин тавр ёд додаанд ва чунин бовар мекунем, вале агар Худо заминро ҳам наофаридааст ва фақат ҳамин ангушти калониро, мо аллакай барои ин қисми хурди ҷисми худ хурсанд мебудем. Мо Эдисон ва Стивенсонро таъриф мекунем, барои он ки онҳо чароғи электрикӣ, телефон, роҳи оҳан ва бисёр дигар чизҳоро ихтироъ кардаанд, вале барои чӣ касеро, ки ангушти калонии моро ихтироъ кардааст, таъриф накунем? Агар Эдисон ангушти калонӣ намедошт, ӯ ягон чизро ихтироъ намекард ва барои ҳамин Худоро таъриф кардан ҳақ аст, ки ангушти калониро офаридааст“.

Шавҳараш хеле хашмгин шуд, чуноне ки ин ҳодиса ҳар бор бо мардон рӯй медиҳад, вақте ки зан ягон чизи оқилона мегӯяд ва фарёд зад: „Гапҳои бемаъниро назан! Ту медонӣ, ки Худо нест. Инро ба ту дар мактаб таълим медоданд ва ба ғайр аз ин ту боварӣ надорӣ, ки касе моро гӯш намекунад. Мо метавонем ба фалокати ҷиддӣ афтем ва ман ба ту маслиҳат медиҳам, то дар сари худ дошта бошӣ, ки Худо нест. Дар осмон „ҲЕҶ КАС“ нест!“

Вай ҷавоб дод: „Пас ин мӯъҷизаи бузург аст. Агар дар осмон Худое мебуд, ки аҷдодони мо аз ҷоҳилии худ ба Ӯ бовар мекарданд, пас ин комилан табиист, ки мо ангуштони калон дорем. Худои тавоно метавонад ҳама корро кунад ва метавонист ангушти калонро низ офарад, вале агар дар осмон ягон кас нест, ман аз тарафи худ қарор мекунам, ки ин ҲЕҶ КАСРО аз самими қалб таъриф кунам, ки ангушти калонии маро офаридааст!“

Онҳо ибодаткунандагони „ҲЕҶ КАС“ шуданд ва ин имон бо мурури замон меафзуд. Онҳо Ӯро на танҳо Офарандаи ангушти калон, балки ситораҳо, гулҳо, фарзандон ва тамоми зебоиҳои ҷаҳон ҳисоб

мекарданд. Ин айнан мисли он буд, ки дар Афина ҳаввори Павлус ибодаткунандагони „Худои ношинос“-ро ёфта буд.

Онҳо ба Худо бовар карда, номи Ӯро намедонистанд ва ман сабукие ҳис мекардам, агар онҳоро фақат як қадам ба пеш, ба сӯи дидани наҷот ва омурзиш ба воситаи Масеҳ равон кунам.

Боре ман офисерзани русро дар кӯча вохӯрдам ва ба назди ӯ омада узр пурсидам. „Ман медонам, ки ба хонуми ношинос дар кӯча муроҷиат кардан аз рӯи одоб нест, вале ман масеҳӣ ҳастам ва ниятҳои ман нек ва ҷиддӣ ҳастанд. Ман мехоҳам бо шумо дар бораи Масеҳ гап занам“. Вай маро пурсид: „Шумо Масеҳро дӯст медоред?“ Ман ҷавоб додам: „Ҳа, аз самими қалб!“ Вай маро ба оғӯш кашид ва бӯса кард.

Ин барои шубон нисбатан ҳолати ноқулай буд ва ман ҳам вайро бӯса кардам, бо умеди он ки одамон дар кӯча моро ҳамчун хешон ҳисоб кунанд. Вай хитоб кард: „Ман ҳам Масеҳро дӯст медорам!“ Ва ман вайро ба хонаи худамон даъват кардам ва бо тааҷҷуб фаҳмидам, ки вай ба ғайр аз номи Масеҳ дигар дар бораи Ӯ ягон чизро намедонад. Ва ба ҳар ҳол вай Ӯро дӯст медошт. Вай намедонист, ки Ӯ Наҷотдиҳанда аст, ё ин ки наҷот чист. Вай намедонист, ки Ӯ дар куҷо ва чӣ тавр зиндагӣ карда ҷон додааст, дар зиндагӣ чиро таълим медод ва чӣ тавр хизмат мекард. Барои ман ин зан аҷоиботи психологӣ менамуд. Чӣ хел касеро, ба ғайр аз номи ӯ дигар дар бораи ӯ ягон чизро нафаҳмида, дӯст доштан мумкин аст?

Вақте ки ман вайро пурсидам, вай чунин фаҳмонд: „Вақте ки хурд будам, хонданро ба ман ба воситаи расмҳо ёд медоданд. Барои ҳар як ҳарф ашёе буд. Вақте ки ман ба мактаб рафтам ва ба синфҳои болоӣ расидам, маро насиҳат мекарданд, ки вазифаи муқаддаси ман — ҳифзи Ватан аст. Ба ман ахлоқи коммунистиро дарс медоданд, вале ман намедонистам, ба худ тасаввур кардан наметавонистам, ки «вазифаи муқаддас» ва «ахлоқ» чӣ намуде доранд. Барои ин фаҳмишҳо ба ман расмҳо лозим буданд. Ман медонам, ки аҷдодони ман барои ҳамаи зебоиҳо, муқаддасот, арзишҳо ва ҳақиқатҳои зиндагӣ расмҳо доштанд. Модаркалони ман дар назди чунин сурат таъзим мекард ва номи «Масеҳ»-ро талаффуз мекард ва ман ин номро худ ба худ дӯст медоштам. Он барои ман ҳақиқӣ шуд! Фақат бо як бор талаффуз шудани ин ном маро хурсандӣ пур мекард“.

Вайро гӯш карда, ман Навиштаҳои Муқаддасро ба хотир овардам, ки дар он ҷо навишта шуда буд: „Дар назди номи Исо ҳар зонуе хам хоҳад шуд“.

Мумкин ба зиддимасеҳ муяссар мешавад, ки муваққатан аз шуури одамон фаҳмишро дар бораи Худо тоза кунад, вале дар худи номи Исо қуввае мемонад, ки одамонро ба сӯи равшанӣ меоварад.

Вай дар хонаи ман бо хурсандӣ Масеҳро қабул кард ва акнун номи КАСЕ, ки вай аз хурдсолӣ дӯст медошт, дар дили вай маскан гирифт.

Ҳамаи он чизе, ки ман дар вақти муомила бо одамони шӯравӣ аз сар мегузарондам, барои ман маънии махсусе дошт.

Як хоҳар, ки дар стансияҳои роҳи оҳан адабиётҳоро тақсим мекард, суроғаи маро ба офитсери ҳавасманде додааст. Боре, бегоҳирӯзӣ ӯ ба хонаи ман даромад. Ин лейтенанти босалобат, қадбаланд ва хушандом буд. Ман ӯро пурсидам: „Чӣ хизмат?“ Ӯ ҷавоб дод: „Ман барои маслиҳат омадам“. Он гоҳ ман барои ӯ ҷойҳои муҳими Навиштаҳоро хонда сар кардам. Ӯ дасти худро ба дасти ман монда гуфт: „Ман аз самими қалб аз шумо хоҳиш мекунам, ки маро ба иштибоҳ наандозед. Ман ба халқе тааллуқ дорам, ки онро бисёр солҳо дар торикӣ нигоҳ доштанд. Бигӯед, ин Каломи Худо ҳақиқӣ аст?“

Ман ӯро бовар кунондам, ки ин ҳамин тавр аст ва баъди бо диққат гӯш кардани он чизе ки ман хонда будам, ӯ Масеҳро қабул кард.

Одамони шӯравӣ ҳеҷ гоҳ дар корҳои динӣ бедиққат ё беаҳамият намешаванд. Дар мубориза барои дин ё ба муқобили он, онҳо ҷони худро дареғ намедоранд. Ана барои чӣ дар Русия ҳамаи имондорон миссионер буда, ҷонҳоро ба Масеҳ меоваранд. Ва барои ҳамин дар ҷаҳон мамлакате нест, ки барои башорати Инҷил бештар тайёр бошад.

Халқи рус яке аз халқҳои табиатан диндори ҷаҳон мебошад ва агар ба он Инҷилро диҳанд, тамоми ҷаҳон метавонад ҷараёни худро дигар кунад.

Афсӯс ки Иттиҳоди Шӯравӣ бо чунин мардуми ҳақиқатҷӯй барои кори миссионерӣ қариб ягон касро надорад.

Боре дар қатора дар муқобили ман офитсери русе менишаст. Ман ба ӯ дар бораи Масеҳ нақл сар кардам ва якчанд ибораро ҳам нагуфта, ӯ бо иқтибосҳои атеистӣ аз навиштаҳои Маркс, Сталин, Волтер, Дарвин ва дигарон маро хомӯш кард. Ӯ ба ман имконияти гуфтан надод ва қариб як соат гап зада, маро дар он бовар мекунонд, ки Худо нест.

Вақте ки ӯ тамом кард, ман ӯро пурсидам: „Агар Худо нест, барои чӣ шумо вақте ки ба фалокат меафтед, дуо мекунед?“ Мисли дузде ки дар вақти дуздӣ дастгир мешавад, ӯ пурсид: „Шумо аз куҷо медонед, ки ман дуо мекунам?“ Ба ӯ имконияти рафтан надода, ман гуфтам: „Ман ба шумо пештар савол додам ва акнун шумо бояд ба он ҷавоб диҳед“.

Ӯ сарашро хам карда иқрор шуд: „Дар фронт, дар вақти дар муҳосира буданамон, мо ҳама дуо мекардем ва чӣ гуфтанро намефаҳмидем ва мегуфтем: «Худо ва рӯҳи материя». Ман қарор додам, ки ин дуо дар чашмони Касе ки ба дил нигоҳ мекунад, бад нест“.

Хизматгузории мо барои русҳо басе самаранок буд. Ман Пётрро дар хотир дорам. Ҳеҷ кас намедонад, ки ӯ дар кадом зиндон мурд. Ӯ чунон ҷавон буд! Ӯ бистсола буд! Ӯ бо лашкари шӯравӣ ба Румыния омад ва дар маҷлиси пинҳонӣ ба Масеҳ рӯ оварда хоҳиш намуд, ки ӯро таъмид диҳанд. Ман ӯро таъмид додам ва баъд аз таъмид пурсидам, ки кадом ояти Китоби Муқаддас ба ӯ бештар таъсир кард ва ӯро водор кард, ки ба Масеҳ рӯ оварад? Ӯ гуфт, ки дар яке аз маҷлисҳо ӯ бо диққати калон гӯш кардааст, вақте ман аз боби 24-уми Инҷили Луқо мехондам, ки дар он ҷо дар бораи ду шогирд дар роҳ ба Аммоус гуфта мешавад. Вақте ки онҳо ба деҳа наздик шуданд, „Исо чунин намуд кард, ки мехоҳад роҳро давом диҳад“. Ман фикр мекардам, — мегуфт ӯ, — барои чӣ Исо чунин рафтор кард. Охир, шояд ӯ мехост бо Шогирдони Худ бимонад. Пас барои чӣ он вақт ӯ вонамуд мекард, ки рафтан мехоҳад? Ва ман инро чунин фаҳмондам, ки Исо Одами хеле хушмуомила буд ва мехост комилан боварӣ дошта бошад, ки Ӯ Меҳмони азиз аст. Вақте Ӯ дид, ки ҳақиқатан дар ин хона будани Ӯро мехоҳанд, Ӯ бо хурсандӣ даромада, бо онҳо хӯрок хӯрд.

Коммунистон хушмуомила нестанд. Онҳо ба шуур ва дили мардум бо зӯрӣ медароянд. Онҳо моро маҷбур мекунанд, то ки онҳоро аз саҳар то бегоҳ ва ҳатто шабона ҳам гӯш кунем. Онҳо инро бо ёрии мактабҳои худ, радио, рӯзномаҳо, кино, маҷлисҳои даҳрӣ дар ҳар қадам мекунанд. Ба шумо хоҳ маъқул бошад, хоҳ не, шумо бояд тарғиботҳои онҳоро мунтазам гӯш кунед. Исо барои озодии мо нархро дод. Ӯ меҳрубонона дарро тақ-тақ кард ва бо хушмуомилагии Худ моро мафтун кард. Ин зиддияти сахт байни Масеҳ ва коммунистон ӯро бовар кунонд.

Ӯ ягона одами русе набуд, ки аз меҳрубонии Масеҳ мутаассир шуда буд (Ман ҳамчун шубон ҳеҷ гоҳ ба ин ҷиҳати иродаи Наҷотдиҳанда аҳамият насдодаам).

Баъди рӯ овардани худ Пётр ҳаёташро дар хатар гузошта, адабиётҳоро тақсим мекард ва бо тамоми қувваташ кӯшиш мекард, ки бо роҳи ғайриқонунӣ адабиётҳоро ба Русия фиристонад. Ӯ ба Калисоҳои Махфии Румыния ва Русия ёрдам мекард. Дар охир ӯ ба даст афтод ва ман медонам, ки дар соли 1959 ӯ ҳанӯз дар ҳабсхона буд. Оё ӯ мурд? Намедонам. Фақат Худо медонад, ки ӯ акнун дар куҷост.

Ба монанди ӯ бисёриҳо ба Масеҳ на фақат рӯ оварданд. Мо бояд ҳеҷ гоҳ бо рӯ овардани ҷонҳо ба Масеҳ наистем, чунки бо ҳамин мо фақат ними корро кардаем. Ҳар ҷоне ки ба Масеҳ рӯ меоварад, дар навбати худ бояд дигаронро ба рӯ оварондан сар кунад. Русҳо на танҳо худашон рӯ меоварданд, балки дар байни худиҳо аз Калисои Махфӣ миссионерон буданд. Онҳо барои Масеҳ фидокор ва шуҷоъ

буда, ҳама вақт мегуфтанд, ки барои Масеҳ, ки барои онҳо ҷон дод, ин қадар кам хизмат мекунанд.

## Хизмати пинҳонии мо

Мо инчунин ба халқи асири Румыния хизмат мекардем.

Ба зудӣ коммунистон ниқобҳои худро партофтанд ва баъди илтифоти риёкоронаи роҳбарони калисо террори даҳшатнок сар шуд. Ҳазорҳо нафар ба ҳабс гирифта шуданд ва ба даст овардани як ҷон барои Масеҳ, чунон ки барои мо мушкил шуд, барои русҳо ҳам дар мамлакати онҳо чунин шуд.

Баъдтар ман дар зиндон одамонеро вохӯрдам, ки худам онҳоро ба назди Масеҳ оварда будам. Дар як ҳуҷра ҳамроҳи ман одаме буд, ки ӯ шаш фарзанд дошт ва ӯ барои имон ба Масеҳ ҳабс шуда буд. Зан ва кӯдакони ӯ гурусна буданд ва ӯ умед надошт, ки бо онҳо вохӯрад. Ман ӯро пурсидам: „Барои он ки ман шуморо ба назди Масеҳ овардам ва акнун шумо ва оилаи шумо дар чунин ҳолати бад ҳастед, ба муқобили ман ягон чиз доред?“

Ӯ ҷавоб дод: „Ман сухане надорам, ки миннатдориро барои он ки шумо маро ба назди чунин Наҷотдиҳандаи мӯъҷизакор овардаед, баён кунам. Ман намехостам ягон чизро дар зиндагӣ дигар кунам“.

Башорати Инҷил дар шароити нав осон набуд. Ба мо муяссар шуд, ки чанд китобчаи диниро чоп кунем, ки онҳоро ба воситаи сензураи қатъии коммунистӣ гузарондем. Мо барои онҳо китобчаеро пешниҳод кардем, ки дар муқоваи он акси асосгузори коммунизм, Карл Маркс буд ва номаш чунин буд: „Дин — тарёк барои халқ“. Мо ҳамеша китобчаҳои худро чунин номгузорӣ мекардем, то ки диққати сензураро аз мундариҷаи онҳо ба тарафи дигар ҷалб кунем. Онҳо китобчаҳои моро чун коммунистӣ пиндошта, мӯҳри худро дар онҳо мегузоштанд. Дар ин китобҳо баъди якчанд саҳифаи иқтибосҳои Маркс, Ленин ва Сталин, ки махсус барои сензура чоп шуда буданд, Хабари Хуши Исои Масеҳ сар мешуд.

Калисои Махфӣ монанди пиряхи обӣ аст. Қисми хурди он дар боло намудор аст. Бо китобчаҳои худ, ки ба коммунистӣ монанд буданд, мо ба маҷлисҳо ва намоишҳои онҳо рафта, ошкоро онҳоро тақсим мекардем. Коммунистон, ки ба аксҳои роҳбарони худ ҷалб шуда буданд, китобчаҳоро талошкунон мегирифтанд. Вақте ки онҳо то саҳифаи даҳум расида, медиданд, ки дар он чӣ гуфта мешавад, мо аллакай дур будем.

Халқ бисёр рӯҳафтода буд. Ҳукуматдорон ҳама чизро аз халқ мегирифтанд: аз деҳқонон онҳо киштзорҳо ва гӯсфандон, аз

сартарош ва дӯзанда кори хурди онҳоро, ки бо он рӯз мегузаронданд, мегирифтанд. На фақат капиталистон аз ҳама маҳрум монданд, балки камбағалон ҳам сахт азоб диданд. Қариб ҳар оила ягон касро дар зиндон дошт ва дар ҳама ҷо қашшоқии тоқатнопазир ҳукмрон буд. Одамон мепурсиданд: „Барои чӣ Худои муҳаббат ба чунин бадӣ роҳ медиҳад?“

Барои ҳаввориён дар рӯзи Ҷумъаи Даҳшатнок башорати Масеҳият мушкил буд, вақте ки Масеҳ дар рӯи салиб овезон буд ва хитоб мекард: „Худоё, Худоё, барои чӣ Ту Маро тарк кардӣ?“ Он далеле ки кор ба ҳар ҳол иҷро мешуд, ба мо дар бораи он мегӯяд, ки он на аз мо, балки аз Худо буд.

Имони масеҳӣ барои чунин саволҳо ҷавоб дорад. Исо ба мо дар бораи Лаъзори бечора нақл кард, ки ӯ таҳқиршуда ва рӯҳафтода буд, чӣ тавре ки мо дар он замон будем: ӯ мемурд, гурусна мемонд, захмҳои ӯро сагон мелесиданд, вале вақте ки ӯ мурд, Фариштаҳо ҷасади ӯро ба оғӯши Иброҳим бурданд.

## Калисои Махфӣ чӣ тавр кор мекард

Калисои Махфӣ дар хонаҳои шахсӣ, ҷангалҳо, таҳхонаҳо, дар ҳама ҷое ки имкон буд, ҷамъ мешуд. Дар он ҷо кори худро пинҳонӣ тайёр мекард. Дар зери ҳокимияти коммунистон мо нақшаи ибодатҳои кӯчагиро тартиб медодем, ки бо мурури замон басе хатарнок мешуданд, вале ҳамин тавр ҷонҳоеро ба даст меовардем, ки бо ягон роҳи дигар дастрас набуданд. Хусусан зани ман дар ин кор пешқадам буд. Якчанд нафар имондорон дар як кунҷ ҷамъ шуда, касе сурудхониро сар мекард. Ин диққати мардумро ҷалб мекард ва он гоҳ зани ман дар бораи Худованд сухан мегуфт. Пеш аз он ки полис пайдо шавад, мо мерафтем.

Боре, ҳангоми набуданам, занам дар назди издиҳоми ҳазорнафараи коргарон дар даромадгоҳи фабрикаи калон, дар Бухарест баромад мекард. Вай барои онҳо дар бораи Худо ва наҷот гап мезад. Дар рӯзи дигар баъзе коргарони ин фабрика барои эътироз ба муқобили ноҳақиҳои коммунизм ба қатл расонда шуданд. Онҳо Хабари Хушро маҳз дар вақташ шуниданд!

Мо Калисои Махфӣ будем, вале ба монанди Яҳёи Таъмиддиҳанда, мо дар назди мардум ва ҳокимони он ошкоро дар бораи Масеҳ гап мезадем.

Боре ду бародари имондор аз зинапояи бинои ҳукуматӣ ба утоқи сарвазири Румыния Георгиу Деж даромада, дар муддати якчанд дақиқае ки дар ихтиёри онҳо буданд, ба ӯ дар бораи Масеҳ шаҳодат дода, ӯро ба он водор карданӣ шуданд, то тавба кунад ва гуноҳҳои

худ ва таъқибкунии мардумро тарк кунад. Вай фармон дод, ки онҳоро барои нотарсона шаҳодат доданашон ба зиндон партоянд.

Баъди бисёр солҳо, вақте ки ин одам бемори сахт шуд, сухани Инҷил, ки аз тарафи бародарони барои нотарсиашон азобдида дар қалби ӯ кошта шуда буд, ба ёди ӯ омад ва самараи хубе овард. Дар вақти зарурӣ сарвазир суханеро ба ёд овард, ки „зинда, амалкунанда ва аз шамшери дутеға ҳам тезтар“ аст. Он сахтии дили ӯро бурид ва ӯ ба Масеҳ дода шуд. Ӯ ҳанӯз касал буда, гуноҳҳои худро эътироф намуд барои онҳо тавба кард ва Наҷотдиҳандаро қабул карда, ба Ӯ хизмат карданро сар кард. Дере нагузашта ӯ вафот кард, вале фақат барои ҳамин ба сӯи Худованди худ рафт, ки ду бародари масеҳӣ тайёр буданд қимати баландро бипардозанд. Онҳо дар даврони мо, дар мамлакатҳои коммунистӣ байни масеҳиёни шуҷоъ типӣ ҳастанд.

Калисои Махфӣ на танҳо дар маҷлисҳои пинҳонӣ кор карда, бо корҳои махфӣ машғул мешуд, инчунин ошкоро, далерона Инҷилро дар кӯчаҳо ва дар назди ҳукуматдорон эълон мекард. Ин барои мо қимат меафтод, вале мо барои пардохтани нарх тайёр будем. Дар рӯзҳои мо ҳам Калисои Махфӣ тайёр аст, ки Инҷилро бо ҳар роҳ паҳн намояд.

Полиси пинҳонӣ Калисои Махфиро сахт таъқиб мекард, чунки дар он ягона имконияти мондагии эътирозро медид, ки он ҳамчун рӯҳонӣ, метавонист ба қувваи атеизм зарар расонад. Онҳо медиданд, чуноне ки фақат худи шайтон дида метавонад, ки ба онҳо хатари калон таҳдид мекунад.

Онҳо медонистанд, ки вақте одам ба Масеҳ имон меоварад, ӯ дигар аз рӯи ақида коммунист намешавад. Онҳо медонистанд, ки метавонанд одамонро ба маҳбас партоянд, аммо имон ба Худоро ҳабс кардан наметавонанд. Барои ҳамин онҳо бо мо чунин сахт мубориза мебурданд. Вале Калисои Махфӣ ҳатто дар байни полиси пинҳонӣ ва дар ҳукумат ҳам дӯстони хайрхоҳ дошт. Мо ба баъзе бародарони худ маслиҳат додем, ки ба полиси пинҳонӣ даромада, либоси аз ҳама нафратангез дар мамлакатро бипӯшанд, то ки тавонанд дар бораи амалҳо ва нақшаҳои полиси пинҳонӣ ба мо хабар диҳанд. Баъзе бародарони мо ҳамин тавр рафтор карданд... Нафрати хешон ва наздикон ва пӯшидани либосе ки барои ҳама бад буд ва инчунин пинҳон доштани вазифаи ҳақиқии худ барои онҳо осон набуд.

Вале онҳо ин корро барои он мекарданд, ки муҳаббати онҳо ба Масеҳ аз ҳама бештар буд.

Маро дар кӯча дастгир карда, якчанд сол қатъӣ пинҳон доштанд ва барои фаҳмидани он ки ман дар куҷо ҳастам, як духтури имондор ба полиси пинҳонӣ даромад. Ҳамаи дӯстони ӯ қарор доданд, ки ӯ коммунист шуд ва аз ӯ рӯ гардонданд. Охир, дар либоси азобдиҳанда

гаштан нисбат ба гаштан дар либоси зиндонӣ боз ҳам фидокории калонтар аст.

Ин духтур маро дар таҳхонаи торик, дар камераи якканишин ёфт ва ба ҳама касоне ки даркор буд, хабар дод, ки ман зинда ҳастам. Бо шарофати ӯ хабар дар бораи ман байни имондорон паҳн шуд ва дар давраи „нармшавӣ“-и соли 1956, вақте ки дар сари ҳокимият Хрущёв ва Айзенхауер буданд, бародарон озодшавии маро талаб карданд ва ман боз озодиро дидам. Бе фидокории ин бародари духтур ман ҳеҷ гоҳ аз зиндон намебаромадам ва шояд кайҳо боз зинда ҳам намебудам.

Аз мақоми худ дар полиси пинҳонӣ истифода бурда, ин бародарони Калисои Махфӣ моро борҳо аз хатар огоҳ мекарданд ва бо ҳамин барои мо мадади калон мерасонданд. Ҳоло ҳам дар полиси пинҳонӣ аъзоёни Калисои Махфӣ ҳастанд, ки ба бародарони худ ёрӣ дода, онҳоро аз хатарҳо огоҳ мекунанд. Баъзе аз онҳо дар доираҳои олии коммунистон ҷойгир ҳастанд. Имон дар Масеҳро дар пинҳонӣ нигоҳ дошта, онҳо ба мо бисёр ёрдам мекунанд.. Рӯзе мерасад, ки онҳо метавонанд дар осмон Масеҳро ошкоро таъриф кунанд, ки барояшон дар ин ҷо пинҳонӣ хизмат мекарданд.

Вале дар байни мо „Яҳудоҳо“ ҳам буданд. Ба бисёр бародарон хиёнат карда шуд ва онҳо ба зиндон меафтоданд. Бо тамоми воситаҳо коммунистон хоинонро аз қатори шубонон ва имондорони қаторӣ ба даст меоварданд, ки тайёр буданд ба бародарон хиёнат кунанд. Баъзан ба онҳо зарбу лат, таҳдид, маводи мухаддир даркор мешуд, вале онҳо ба мақсади худ мерасиданд.

# БОБИ ДУЮМ

То 29-уми феврали соли 1948 ман расмӣ ва пинҳонӣ кор мекардам. Бисту нӯҳуми феврал рӯзи якшанбе буд. Якшанбеи хубе буд! Дар роҳ ба сӯи калисо маро полиси пинҳонӣ дуздид.

Ман пештар бисёр вақт ба худ савол медодам, ки дар Китоби Муқаддас дуздидани одам чӣ маъно дорад, ки якчанд бор такрор шудааст? Коммунистон чашмони маро ба маънои ин калима кушоданд.

Он вақтҳо бисёр касонро, ба монанди ман, медуздиданд. Дар пеши ман мошини боркаши пӯшондашудаи полис истод, чор нафар баромада, маро дастгир карда ба мошин тела доданд.

Дар муддати ҳаштуним сол ягон кас намедонист, ки ман зиндаям ё не?

Ба назди занам ҷосусони полис дар намуди зиндониҳои озодшуда меомаданд. Онҳо ба вай нақл мекарданд, ки дар дафнкунии ман дар ҳабсхона иштирок карданд. Вай аз ғам пур буд.

Ҳазорҳо имондорони динҳои гуногун он вақт дар зиндон менишастанд. На танҳо рӯҳониён, балки деҳқонони оддӣ, духтарон ва писарони наврас барои он менишастанд, ки дар бораи имони худ шаҳодат медоданд. Ҳабсхонаҳо пур буданд.

Дар ҳабсхонаи коммунистӣ дар Румыния ё дар ҳар давлати дигари иттифоқ будан ҳама вақт маънои азобҳоро дорад, ки даҳшатноки беназир буданд ва ман беҳтар мешуморам, ки дар бораи он чи ман худам аз сар гузарондам, гап назанам. Ин хотираҳо чунин вазнинанд, ки вақти онҳоро ба ёд овардан ман хоб рафтан наметавонам.

## Шиканҷаҳои тасвирнопазир

Шубоне бо насаби Флореску шиканҷаҳоро бо оҳани тафсонидашуда ва кордҳо аз сар гузаронд. Ӯро ба таври даҳшатовар заданд ва ба камера партофтанд. Ба воситаи қубурҳо ба назди ӯ калламушҳои гуруснаро сар медоданд ва ӯ наметавонист хоб равад, балки маҷбур буд, ки тамоми шаб аз онҳо раҳо ёбад. Агар ӯ лаҳзае ором менишаст, ё хоб мерафт, калламушҳо ба ӯ ҳуҷум мекарданд. Ӯро маҷбур мекарданд, ки дар муддати ду ҳафта, шаб ва рӯз биистад, то маҷбур шавад, ки ба бародарони имондори худ хиёнат кунад, вале ӯ устуворона

муқобилият мекард. Ниҳоят онҳо писари 14-солаи ӯро оварда, дар пеши чашмони падараш мезаданд ва мегуфтанд, ки то даме шубон номҳои бародарони худро нагӯяд, онҳо азоби кӯдакро бас намекунанд. Одами бечора қариб девона шуд. Ӯ ҳарчанд тавонист тоқат мекард ва вақте ки дигар тоқати воқеаи рӯйдодаро надошт, ба писараш фарёд зад: „Александр, чизе ки онҳо мехоҳанд, ман бояд бигӯям! Ман ба он нигоҳ карда наметавонам, ки чӣ хел туро азоб медиҳанд!“ Писар ҷавоб дод: „Падарам, маро ин тавр озор надеҳ. Бигзор дар оиламон хоин набошад. Тоқат кун. Агар онҳо маро кушанд, ман бо суханони «Исо ва ватан» мемирам!“

Коммунистон чунон ба ғазаб омаданд, ки ба писарбача ҳамла оварда, ӯро куштанд. Хун ба рӯи деворҳо ва шифт пошида шуд. Ӯ Худоро ҷалол дода мемурд, бародари мо Флореску бошад дигар мисли пештара набуд.

Ба дастони мо дастбандҳои бо мехҳои тези ба дарун баровардашуда меандохтанд. Агар мо тамоман ҳаракат намекардем, мехҳо моро ноором намекарданд, вале вақте ки мо дар камераҳои гармношуда аз хунукӣ меларзидем, мехҳо пӯсти моро медаронданд.

Имондоронро аз пойҳояшон бо арғамчинҳо овезон карда, чунон сахт мезаданд, ки аз зарба задан тани онҳо ба пеш ва қафо ҳаракат мекард. Имондоронро дар камераҳо-яхдонҳо монда, онҳоро ях мекунонданд. Об мекарданд ва қариб то мурдан ях мекунонданд ва баъд боз об мекарданд. Ман худам дар чунин камера будам, ки дар деворҳо ва шифти он ях буд. Моро дар он ҷо қариб ки бе либос мемонданд. Духтурони зиндон аз сӯрохиҳо назорат мекарданд ва вақте ки аломатҳои яхкуниро медиданд, ба назоратчиён бонг мезаданд ва онҳо моро баровардa гарм мекарданд, барои он ки боз аз нав ба яхдон тела кунанд.

Имондоронро ба қуттиҳои танг меандохтанд, ки каме аз ҷисми онҳо васеътар буданд. Ба паҳлӯ гаштан ҳеҷ мумкин набуд. Он гоҳ аз ҳар тараф ба қуттӣ мехҳои тез мезаданд ва то он даме ки мо беҳаракат мехобидем, ҳама хуб буд, вале чун андак паҳлӯ мегаштем, мехҳо ба тани мо медаромаданд. Моро маҷбур мекарданд, ки дар ин қуттиҳо соатҳои беҳисоб биистем ва вақте ки мо монда шуда ба паҳлӯ хам мешудем, мехҳо ба танамон мехалиданд.

Он коре ки коммунистон бо имондорон мекарданд, аз ҳар гуна тасаввурот берун аст. Вақте ки онҳо имондоронро азоб ва шиканҷа медоданд, ман дар рӯйи азобдиҳандагон хурсандии номафҳумеро медидам. Онҳо дар вақти азобдиҳӣ фарёд мекарданд: „Мо худи иблис ҳастем!“

Оре, „мубориза мо на ба муқобили тан ва хун аст, балки ба муқобили роҳбарият, ба муқобили ҳукуматдорон, ба муқобили

ҳокимони ҷаҳони ин аср, ба муқобили рӯҳҳои хашмгини зери осмон аст“. Мо бо қувваи рӯҳӣ — қувваи бадӣ кор дорем, ки фақат бо қувваи тавонотари Рӯҳи Худо ба он муқобилат кардан мумкин аст.

Ман ҳар бор аз азобдиҳандагони худ мепурсидам: „Наход шумо дар дил ҳиссиёти раҳмдилӣ надоред?“ Онҳо одатан бо иқтибосе аз навиштаи Ленин ҷавоб медоданд: „Тухмро нашикаста, тухмбирён кардан номумкин аст ва ҷангалро чунин буридан номумкин аст, ки парахаҳо напаранд“. Ман гуфтам, ки ин иқтибосро аз навиштаҳои Ленин медонам, вале байни дарахт ва одам фарқ аст. Дарахт дардро ҳис намекунад, вақте ки онро мебуранд, вале шумо бо одамони зинда сару кор доред. Зарбу лат ашки модаронро меоваранд ва ба касе ки мезананд, дард мерасонанд. Насиҳатдиҳии ман бефоида буд. Ин одамон материалисон буданд, ки барои онҳо ҳама моддӣ буд ва одам ба онҳо чун чӯб ё пӯчоқи тухм менамуд. Бо чунин имон онҳо бераҳмии бениҳоятро ноил шуданд. Бераҳмии онҳо ба чизи аз ҳақиқат дур монанд аст.

Вақте ки одам ба мукофот барои некӣ ва ҷазо барои бадӣ бовар намекунад, ӯ барои одамгарӣ асос надорад. Ягон чиз бадии беандозаеро, ки дар одам зиндагӣ мекунад, нигоҳ дошта наметавонад.

Коммунистон ҳар гоҳ такрор мекарданд: „Худо нест, зиндагии абадӣ нест. Ҳар кореро, ки хоҳем, метавонем бикунем“. Ман ҳатто шунидам, ки як ҷаллод мегуфт: „Ман ба Худое ки боварӣ надорам, сипосгузорам, ки то ба ҳамин рӯзе расидам, ки тамоми ин бадиро, ки дар қалби ман нишастааст, озодона нишон додан мумкин аст“. Ӯ бадии худро дар бераҳмии даҳшатнок, ки бо он зиндониёнро азоб медод, нишон медод.

Ман афсӯс мехӯрам, вақте ки тимсоҳ одамро мехӯрад, вале ман барои ин тимсоҳро гунаҳкор кардан наметавонам. Чунки он фақат тимсоҳ аст, на мавҷуди маънавӣ. Худи ҳамин тавр, коммунистонро ҳам гунаҳкор кардан мумкин нест, зеро онҳо дар худ ҳиссиёти маънавиро куштаанд. Онҳо бо он худситоӣ мекарданд, ки дилсӯзӣ надоштанд.

Ман аз онҳо бисёр чизҳоро омӯхтам: онҳо дар дилҳои худ барои Исо ҷой намемонданд ва ман қарор додам, ки барои шайтон як зарра ҷой намонам. Ман дар назди Кумитаи бехатарии дохилии ИМА дар Сенат шаҳодат додам ва дар бораи азобҳои даҳшатноке ки имондорон тоқат мекарданд, нақл кардам. Ман нақл кардам, ки чӣ тавр имондоронро ба салибҳо баста, якчанд рӯз ва шаб мемонданд. Баъд салибҳоро дар рӯйи фарш мемонданд ва садҳо зиндониён бояд омада, ба рӯйи имондорони азобдида қазои ҳоҷат мекарданд. Баъд аз ин салибҳоро боз бардошта, коммунистон механдиданд ва масхара мекарданд ва фарёд мезаданд: „Ба Масеҳи худ нигоҳ кунед! Ӯ чӣ хел зебо аст! Чӣ хел бӯйи хушро Ӯ аз осмон меоварад!“

Ман дар бораи он нақл кардам, ки чӣ тавр ба коҳинон табақҳои бо наҷосат ва пешоб дода, онҳоро маҷбур мекарданд, ки аз ин табақҳо „Табаррукӣ“ диҳанд.

Ин фақат қисми он воқеаҳоест, ки дар як якшанбе ва бисёр якшанбеҳои дигар дар зиндони Питести рӯй медод. Дигар чизҳоро ман тасвир кардан наметавонам, чунки дили ман такрори гузаштаро тоқат намекунад, он чунон ношоиста буд, ки онро такрор кардан шармовар аст ва хусусан дар рӯйи коғаз.

Қаҳрамони ҳақиқии имон шубон Милан Хаймович буд. Ҳабсхонаҳо пур буданд ва посбонон ҳамаи моро ном ба ном намедонистанд.

Онҳо касонеро чеғ мезаданд, ки барои онҳо бисту панҷ зарбаи қамчин барои вайрон кардани ягон қоидаи зиндон муқаррар шуда буд. Шубон Хаймович дафъаҳои бешумор ба ҷои дигарон ба зери тозиёна мерафт. Зиндониён барои ҳамин ӯро ва ҳамроҳи ӯ Масеҳро, ки барои Ӯ вай чунин рафтор мекард ва Ӯро намояндагӣ мекард, ҳурмат мекарданд.

Агар ман ба шумо дар бораи ҳамаи азобҳои имондорон нақл карданро давом диҳам, мумкин ман ҳеҷ гоҳ тамом намекунам. На танҳо шиканҷаҳо, балки рафторҳои қаҳрамонона дар зиндон низ ба ҳама маълум буданд ва барои бародароне ки ҳанӯз дар озодӣ буданд, ҳамчун дастгирии маънавӣ хизмат мекарданд.

Яке аз миссионерони мо духтаре аз Калисои Махфӣ буд. Полис фаҳмид, ки вай адабиётҳои динӣ ва Инҷилро тақсим мекард ва ба бачаҳо дар бораи Масеҳ нақл мекард. Онҳо қарор доданд, ки ӯро ҳабс кунанд, вале барои он ки ҳабс барояш боз ҳам пурдардтар бошад, онҳо қарор доданд, ки онро ба якчанд ҳафта, то рӯзи тӯйи вай, мавқуф гузоранд. Дар он рӯз ӯ дар бар куртаи арӯсӣ дошт ва ин рӯзи аз ҳама хурсандӣ дар зиндагии вай буд! Ногаҳон дар кушода шуд ва ба хона ҷосусони полиси пинҳонӣ зада даромаданд... Вақте ки вай онҳоро дид, дастонашро дароз кард, то ки тавонанд ба онҳо дастбандҳо андозанд. Ба чашмони домод нигоҳ карда, вай ӯро бӯсид ва гуфт: „Ман аз Домоди Осмонии худ барои ин ороишҳо миннатдорам, ки Ӯ барои тӯй ба ман тӯҳфа кард. Ман аз Ӯ сипосгузорам, барои он ки Ӯ маро ба азобҳо барои Ӯ мушарраф гардонд“.

Вайро дар зери гиряи дӯстони имондоронаш гирифта бурданд. Домод бо андӯҳ аз пайи ӯ нигоҳ мекард. Ҳама медонистанд, ки духтари ҷавонро дар дасти зиндонбонони коммунистӣ чӣ интизор аст. Баъди панҷ сол вайро озод карданд, вале ин аллакай ӯ набуд, балки зани харобшуда ва ба сӣ сол пиршуда буд. Домод вайро интизор шуд. Вай гуфт, ки барои Масеҳи худ фақат чизи ниҳоят каме кардааст.

Ана ҳамин хел имондорони хуб дар Калисои Махфӣ ҳастанд!

## Тозакунии мағзҳо чиро мефаҳмонад?

Шумо, шояд, дар бораи тозакунии мағзҳо дар давраи ҷанги Корея ва акнун дар Вьетнам, шунидаед. Ман худам аз тозакунии мағзҳо гузаштаам ва фаҳмидам, ки ин азоби аз ҳама даҳшатнок аст. Дар муддату якчанд сол мо бояд менишастем ва рӯзе 17 соат фақат ҳамон як суханонро гӯш мекардем: „Коммунизм — хуб аст! Коммунизм — хуб аст! Коммунизм — хуб аст!Масеҳият — аҳмақист! Масеҳият — аҳмақист! Таслим шавед! Таслим шавед! Таслим шавед!“ Ва ҳамин тавр рӯзе 17 соат дар муддати якчанд соли пайиҳам!

Баъзе имондорон маро мепурсиданд, чӣ тавр ба тозакунии мағзҳо муқобилият кардан мумкин ҳаст. Фақат як роҳи халосӣ аз тозакунии мағзҳо аст: тозакунии дил.

Вақте ки дил муҳаббати Масеҳро тоза мекунад ва Ӯро дӯст медорад, аз ҳамаи азобҳо гузаштан мумкин аст. Арӯси дӯстдошта барои домоди худ чӣ корҳоеро намекард! Модари дӯстдошта барои кӯдаки худ чӣ кореро намекард! Агар мо Масеҳро ба монанди Маряме ки Ӯро дар вақти кӯдакиаш дар дастонаш нигоҳ дошта буд, дӯст дорем, мо метавонем ҳар азобро аз сар гузаронем. Худо на барои он ки мо чӣ қадар аз сар гузарондем, балки барои он ки чӣ тавр дӯст дошта метавонистем, моро доварӣ мекунад. Онҳо метавонистанд Худо ва одамонро дӯст доранд.

Шиканҷаҳо ва бераҳмӣ тамом намешуданд. Агар ман беҳуш мешудам, ё чунон суст мебудам, ки азобдиҳандаҳои ман умеди гирифтани „иқроршавӣ“-ро аз ман меканданд, маро ба ҳуҷраи маҳбас партофта, дар он ҷо беназорат, нимҷон мемонданд, то даме ки ман қувва ҷамъ кунам, то ки онҳо тавонанд боз маро азоб диҳанд. Бисёриҳо дар ин ҳолат мемуранд, вале қуввати ман ҳамеша ким-чӣ хел боз ба ман бармегашт. Дар байни бисёр солҳо дар зиндонҳои гуногун, ба азобдиҳандаҳои ман муяссар шуд, ки чор мӯҳраи гардан ва бисёр устухонҳои дигари маро бишкананд. Онҳо тани маро дар бисёр ҷойҳо мебуриданд. Онҳо 18 захмро дар тани ман сӯзонданд ва буриданд, ки пайи онҳо дар тамоми зиндагии ман боқӣ мондаанд.

Духтурон дар Осло, баъди озодшавӣ маро аз назар гузаронда, ҳамаи инро ва пайҳои ҷароҳатро аз касалии сил дар шуши ман диданд. Онҳо қарор доданд, ки саломатии ман ва умуман, он ки ман ҳанӯз зинда ҳастам, мӯъҷизаи бузурге аст! Аз рӯйи китобҳои тиббии онҳо, ман бояд кайҳо мемурдам. Ман худам медонам, ки ин мӯъҷиза аст. Худо Худои мӯъҷиза ҳаст!

Ман боварӣ дорам, ки Худо ин мӯъҷизаро барои он кард, то ки шумо садои маро шунавед, ки он барои ҳимояи Калисои Махфӣ аз

паси Пардаи Оҳанин фарёд мезанад. Ӯ ба ман имконият дод, ки зиндагӣ кунам ва озодиро ба даст оварам, то ки тавонам дар бораи бародарони содиқи азобдида дар Калисои Махфӣ ба шумо хабар диҳам.

## Озодии кӯтоҳмуддат ва боз ҳабс

Соли 1956 фаро расид. Ман ҳаштуним сол дар зиндон будам. Ман бисёр хароб шудам, бо захмҳои безеб пӯшонда шудам, тез-тез бераҳмона азоб медидам, масхара ва таҳқир мешудам. Ман гурусна мемондам, фишор ва пурсишҳоро то беҳузуршавии дил аз сар мегузарондам, ба ман таҳдид ва беэҳтиромӣ мекарданд, вале ягон чиз ба он натиҷае наовард, ки азобдиҳандаҳои ман интизор буданд. Бо тамоми ноумедӣ маро озод карданд ва боз ба сабаби он ки ба онҳо ҳанӯз талабномаҳо дар бораи озодкунии ман меомаданд.

Ба ман иҷозат доданд, ки ба калисои кӯҳнаи худ ба мудати як ҳафта баргардам ва дар он ҷо ман ду мавъиза кардам. Маро даъват карда гуфтанд, ки ман дигар ҳақ надорам мавъиза кунам, ё бо ягон тарзи дигар хизмати рӯҳонӣ гузаронам. Ман дар бораи чӣ мавъиза кардам? Ман ба шунавандагони худ гуфтам, ки барои ҳамаи мо тоқат, тоқат ва тоқат даркор аст.

„Ин чунин маъно дорад, ки ту ба онҳо гуфтӣ, ки онҳо тоқат кунанд, то вақте ки америкоиҳо омада онҳоро озод мекунанд!“ — фарёд зад полис.

Ман инчунин гуфтам, ки дар зиндагӣ ҳама чиз дигар мешавад, чархҳо тоб мехӯранд ва замона дигар мешавад. „Ту ба онҳо мегӯӣ, ки коммунистон дар сари ҳокимият абадан намеистанд! Ин ҳама дурӯғи аксулинқилобӣ аст!“ — дод мезаданд онҳо. Инак хизматгузории ман дар назди омма ба охир расид.

Шояд ҳукуматдорон умед доштанд, ки ман аз муқобилият ба онҳо метарсам ва дигар пинҳонӣ кор намекунам, вале маҳз дар ҳамин ҷо онҳо хато карданд. Ман пинҳонӣ ба кори худ, ки пештар карда будам, боз баргаштам. Оилаи ман маро дастгирӣ мекард. Ман боз ба гурӯҳҳои имондорони пинҳоншуда мавъизаро сар карда, мисли шабаҳ дар зери назорати одамони боэътимод меомадам ва мерафтам. Ин дафъа ман асар аз захмҳое доштам, ки бо онҳо метавонистам дар бораи даҳшатҳои ҷаҳонбинии атеистӣ ва зиндонҳо шаҳодати худро тасдиқ кунам. Ман рӯҳҳои ноустуворро мустаҳкам карда, онҳоро даъват кардам, ки ба Худо содиқ бошанд ва бебок бошанд. Ман шабакаи пинҳонии башоратдиҳандагонро роҳбарӣ мекардам, ки тайёр буданд ҳар замон ба якдигар ёрӣ диҳанд, то дар пеши чашмони

коммунистон, ки онҳоро Худо кӯр кардааст, Хабари Инҷилро паҳн кунанд. Охир, агар одам чунон нобино мешавад, ки амалҳои дасти Худоро дар гирди худ намебинад, пас ӯ кори башоратдиҳандагонро ҳам намебинад.

Дар охир маро боз ёфтанд ва ҳабс карданд.

Ман ҳаштуним солро дар зиндон гузарондам ва баъди се сол ҳуқуқи озодии нисбӣ доштам ва акнун маро боз ба 25 соли машаққатгоҳ маҳкум карданд.

Ҳабси дуюми ман нисбат ба якум аз бисёр ҷиҳатҳо бадтар буд. Ман донистам, ки маро чӣ интизор аст. Ҳолати ҷисмонии ман қариб якбора хеле бад шуд. Бо вуҷуди ин мо кори башоратдиҳии худро дар зиндон давом медодем. Мо чунин аҳд кардем: мо мавъиза мекардем ва онҳо моро мезаданд.

Дар зиндон мавъиза кардан қатъиян манъ буд ва ҳама медонистанд, ки барои мавъиза бераҳмона мезаданд, вале баъзеҳо аз байни мо тайёранд, ки барои имтиёзи башоратдиҳии Каломи Худо нархро бидиҳанд ва мо ин шартҳоро қабул кардем. Ин созиш буд: Мо хурсанд будем, ки мавъиза мекардем ва онҳо хурсанд буданд, ки моро мезаданд ва ҳаман тавр ҳама хурсанд буданд.

Он чи ман дар бораи он акнун нақл мекунам, чунон тез-тез рӯй медод, ки ҳисобашро гум кардам. Бародари имондор ба зиндониён мавъиза мекард. Ногаҳон посбонон даромада, мавъизаи ӯро дар ними сухан буриданд. Онҳо ӯро аз роҳрав кашола карда, ба „ҳуҷраи зарбу лат“ бурданд. Баъди чанд фосилаи вақт, ки барои мо беохир менамуд, ӯро, ки шаллоқхӯрда ва пури хун буд, оварда, дар рӯйи фарши ҳуҷра мепартофтанд. Оҳиста-оҳиста, бо душворӣ вай ба оринҷ мехест ва баъд тамоман ба по хеста, либосҳои худро даст мезад ва оҳиста мегуфт: „Хайр бародарон, мо дар куҷо истодем? Дар куҷо суханони моро буриданд?“ Бародарон барои риштаи суханро ёфтан ба ӯ ёрдам медоданд ва ӯ бе мамоният онро тамом мекард. Оре, ман корҳои хуберо дида будам!

Бисёр вақт башоратдиҳандагон имондорони қаторӣ буданд ва ин одамони оддии бо Рӯҳи Муқаддас илҳомбахшшуда хеле хуб мавъиза мекарданд! Онҳо аз таҳти дил гап мезаданд. Чунки дар чунин шароит мавъиза кардан кори осон набуд.

Дар зиндон, дар Герла, имондоре бо номи Греку буд, ки ӯро ба воситаи зарбу лат ба марг ҳукм карда буданд. Ӯро хеле оҳиста азоб медоданд. Ӯро бо чӯбдасти резинӣ ба кафи пояш мезаданд ва фақат баъди як дақиқа боз аз нав мезаданд, баъди чанд дақиқа боз, баъд боз... Баъд духтур ӯро сӯзан мезад, ки баъди он ӯ беҳтар мешуд ва ба ӯ хӯроки хуб мехӯронданд, то ки қувватро фақат барои он барқарор

кунад, ки азобдиҳии оҳистаро аз нав сар кунанд, ки баъди он, ӯ дар охир мурд. Ин азобдиҳиро аъзои Кумитаи Марказии Ҳизб бо насаби Рек роҳбарӣ мекард. Дар вақти маълум ин одам ба азобдида он чизеро мегуфт, ки ҳар гоҳ коммунистон ба имондорон мегуфтанд: „Ту медонӣ, ки ман худо ҳастам? Дар дасти ман ҳокимият барои зиндагӣ ва марги ту ҳаст. Оне ки дар осмон аст, наметавонад қарор кунад, ки ту зиндагӣ мекунӣ ё мемурӣ. Ҳама ба ман вобаста аст. Ман мехоҳам ва ту зиндагӣ мекунӣ, мехоҳам ва ту мемурӣ. Ман худо ҳастам!“

Ҳамин тавр онҳо имондоронро масхара мекарданд.

Бародар дар омади гап ба ин одами бад ҷавоби хеле хубе дода буд: „Ту намедонӣ, ки ту чӣ хел сухани бомаъниро талаффуз кардӣ. Ту ҳақиқатан худо ҳастӣ. Ҳар як кирм метавонад шапалак шавад, фақат агар дуруст инкишоф ёбад. Ту азобдиҳандаи қотил офарида нашудаӣ. Ту барои он офарида шудӣ, ки мавҷуди худомонанд шавӣ. Боре Исо ба ҳамзамонони Худ гуфт: «Шумо худоён ҳастед». Зиндагии Худо дар дили ту ҷойгир аст. Бисёр одамон ба монанди ту масеҳиёнро таъқиб мекарданд, ба монанди Ҳаввориӣ Павлус, ва як вақт боздошта шуданд ва фаҳмиданд, ки бадӣ кардан барои одам айб аст ва ӯ метавонад кори басе беҳтареро кунад.Ин одамон алоқадорони сиришти Худованд шуданд. Ҷаноб, ба ман бовар кунед...

Рек, шумо даъват шудед, то ки одами нек, худомонанд бошед, вале на азобдиҳанда“.

Дар он вақт Рек ба суханони ин одам, ки қурбонии ӯ буд, кам диққат медод. Чӣ тавре ки Шоул аз Тарс ба шаҳодати Истефанус диққат надод ва ӯро дар ҳузури ӯ куштанд, Рек суханони бародари накӯкорро гӯш накард, вале онҳо амали худро дар дили ӯ иҷро карданд ва баъдтар Рек фаҳмид, ки ин даъвати ӯ аст.

Як дарси бузургро мо дар вақти шиканҷаҳо, азобҳо ва таҳқир аз тарафи коммунистон аз худ кардем: рӯҳ бар тан ҳукмрон аст! Ҳар гоҳ баъди зарбу лат ва шиканҷаҳо мо дардро ҳис мекардем, аммо на дар ҳақиқат, мисли чизи хеле дур ва ҷудо аз рӯҳ, ки ба шӯҳрати Масеҳ дахлдор буд ва ҳузур доштани Ӯро дар байни мо ҳис мекард.

Вақте ки ба мо дар як рӯз як пораи нон ва шӯрбои ифлос медоданд, мо қарор додем, ки аз ин озуқа даҳякро диҳем. Ҳар ҳафтаи даҳум мо аз ин хӯроки худ ба бародарони нисбатан камқувват чун қурбонӣ медодем, мисли „даҳяке“, ки барои Худо медиҳем.

Як имондорро ба ҳукми қатл маҳкум карданд, вале пеш аз марг иҷозат доданд, ки бо занаш вохӯрад. Ман суханони охирини ӯро, ки ба занаш гуфта буд, меоварам: „Бидон, ки ман мурда истода, онҳоеро дӯст медорам, ки маро мекушанд. Онҳо намефаҳманд, ки чӣ кор мекунанд ва хоҳиши охирини ман аз ту ин аст, ки ту ҳам онҳоро

мисли ман дӯст бидор. Дар дил андӯҳро нигоҳ надор, ки онҳо одами дӯстдоштаи туро куштанд. Мо дар осмон вомехӯрем“.

Ин суханон ба офисери полиси пинҳонӣ, ки дар ин воҳӯрӣ иштирок мекард, таассуроти калон оварданд. Баъдтар ӯ ин воқеаро дар зиндон, ки ба он ҷо барои имон овардан ба Масеҳ афтод, ба ман нақл кард.

Дар зиндон, дар Тиргу-Окна як маҳбуси ҷавон бо номи Матскевич буд. Вақте ки ӯ ҳанӯз 18 сола буд, ӯро ба зиндон андохтанд. Баъд аз шиканҷаҳо ӯ ба касалии сил гирифтор шуд ва тамоман қувваашро гум кард. Хешони ӯ бо кадом роҳе дар бораи ҳолати бади ӯ фаҳмида, барои ӯ сад шиша доруи стрептомисин фиристоданд. Офитсери сиёсии зиндон ӯро баровард ва халтаро бо доруҳо нишон дода, гуфт: „Ана доруе ки метавонад туро наҷот диҳад, вале ба ту мумкин нест, ки аз хешон амонатҳо гирӣ. Ман мехостам ба ту ёрӣ диҳам, ту ин қадар ҷавон ҳастӣ, ман барои ту маргро дар зиндон намехостам. Ба ман ёрдам кун, то ки ба ту ёрӣ дода тавонам! Ба ман дар бораи бародарони худ, ки дар озодӣ ҳастанд, хабари даркорӣ бидеҳ ва ин маро дар назди роҳбарият маъзур медорад, агар ман ба ту халтаро бидиҳам“. Одами ҷавон ҳамон дам ҷавоб дод: „Ман намехоҳам зиндагӣ кунам ва баъд бо нанг ба оина нигоҳ кунам, ки дар он ҷо рӯйи хоин акс меёбад. Ман чунин шартҳоро қабул кардан наметавонам. Ман маргро афзалтар мешуморам“.

Офитсери политсияи пинҳонӣ дасти ӯро фишурд ва гуфт: „Туро табрик мекунам. Ман аз ту ҷавоби дигарро интизор набудам, вале мехоҳам як пешниҳоди дигар ба ту кунам. Баъзе зиндониён ҷосусон ва хабаркашҳои мо шуданд. Онҳо изҳори боварӣ мекунанд, ки коммунист шуданд ва туро инкор мекунанд. Онҳо нақши дутарафаро мебозанд ва мо ба онҳо боварӣ надорем. Мо мехостем бифаҳмем, ки то кадом дараҷа онҳо рост мегӯянд. Барои ту онҳо хоин ҳастанд ва ба ту бо хабаркашиҳои худ дар бораи ҳама чизе ки ту мегӯӣ ва мекунӣ, бисёр зарар мерасонанд. Ман мефаҳмам, ки барои чӣ ту наметавонӣ ва намехоҳӣ дӯстони худро ошкор кунӣ, вале дар бораи душманони худ ба мо ягон хабар бидеҳ ва ин метавонад зиндагии туро наҷот диҳад“.

Матскевич чун бори аввал боз тез ҷавоб дод: „Ман шогирди Масеҳ ҳастам, ки ба мо фармуд, то ки душманонро ҳам дӯст дорем. Одамоне ки ба мо хиёнат мекунанд, ҳақиқатан ба мо бисёр зарар мерасонанд, вале ман наметавонам бадиро бо бадӣ подош диҳам. Ман наметавонам ба муқобили онҳо шаҳодат диҳам. Маро аз онҳо раҳмам меояд. Ман барои онҳо дуо мекунам“.

Одами ҷавон ба ҳуҷра баргашта, дар он ҷо мурд. Ман ҳам дар он ҳуҷра будам ва дар вақти мурдани ӯ ҳозир будам: ӯ Худо ҳамд мекард. Муҳаббат ҳатто бар ташнагии табиии зистан ғалаба кард.

Агар одами камбағал мусиқиро дӯст медорад, ӯ доллари охиринро медиҳад, то ки ба консерт равад. Ӯ пул надорад, вале ӯ худро ғамгини бадбахт ҳис намекунад. Ӯ чизи хуберо шунид ва ин ба ӯ қаноатмандии тасвирнашаванда дод.

Ман худро барои он ки бисёр солҳо дар зиндонҳо гузарондам, бадбахт ҳисоб намекунам. Ман ҳам чизҳои зеборо медидам ва мешунидам. Ман худам дар зиндон нотавон ва суст будам, вале бартарӣ доштам, ки қаҳрамонони бузурги имонро бинам, ки ба масеҳиёни асри якум баробар буданд. Онҳо бо шавқу ҳавас барои Масеҳ ҷон медоданд ва зебоии рӯҳии чунин қаҳрамонон ва муқаддасҳо дар ҳақиқат тасвирнопазир аст.

Ҳама чизе ки ман дар ин ҷо мегӯям, истисно набуд. Ҳодисаҳои ғайриоддӣ дар байни масеҳиёни пинҳонкор муқаррарӣ мешуданд. Калисои Махфӣ — ҳамон калисоест, ки ба муҳаббати аввал баргашт.

Пеш аз ҳабс ман кӯшиш мекардам, ки Исои Масеҳро дӯст дорам ва акнун „Арӯси Масеҳ“, ҷисми Рӯҳонии Ӯро бо чашмони худам дида, ман метавонам бигӯям, ки Калисоро мисли Худи Худованд дӯст медорам.

## Бо зан ва писари ман чӣ воқеа рӯй дод

Маро аз пеши занам гирифтанд ва ман намефаҳмидам, ки вай дар куҷост ва бо вай чӣ шуд ва фақат баъди якчанд сол фаҳмидаи, ки ӯро ба зиндон андохтанд. Занони имондор нисбат ба мардон дар ҳабсхона бештар азоб мебинанд. Ба духтарон посбонони дағал ва бераҳм таҷовуз мекарданд. Таҳқир ва беодобӣ даҳшатнок буданд.

Занони имондорро маҷбур мекарданд дар зиндон дар сохтмони канал кор кунанд. Онҳо бояд ҳамон қадар кор мекарданд, ки мардон кор мекарданд. Онҳо заминро дар зимистон побел мекарданд.

Фоҳишаҳоро ҳамчун назоратчӣ аз болои занони зиндонӣ мемонданд. Онҳо бераҳмона имондоронро таҳқир мекарданд. Зани ман алаф мехӯрд, то ки аз гуруснагӣ намурад. Зиндониёне ки дар сохтмони канал кор мекарданд, морҳо ва мушҳоро, ки дошта метавонистанд, мехӯрданд. Назоратчиён дар рӯзҳои якшанбе занонро ба Дунай мепартофтанд ва онҳоро баъд дошта мегирифтанд, то ки ба ҳоли онҳо хуб биханданд, вақте ки тани онҳо тар буд ва либосашон ба онҳо ҷафс мешуд. Зани маро ҳам ҳамин тавр ба Дунай мепартофтанд.

Писари ман ба зиндагӣ дар кӯча маҳкум шуда буд, вақте ки волидайни ӯ дар зиндон буданд. Михай аз хурдсолӣ хеле диндор буд ва ба корҳои динӣ шавқ дошт. Вақте ки ӯ нӯҳсола буд ва маро ҳамроҳи занам аз ӯ гирифтанд, дар зиндагии маънавии ӯ бӯҳрон

сар шуд. Ӯ сангдил шуд ва аз дин шубҳа мекард. Ӯ мушкилиҳое дошт, ки бояд бачагони синни ӯ надошта бошанд. Ба ӯ лозим буд, ки дар бораи бозёфт барои зиндагӣ фикр кунад. Ёрдам ба оилаҳои ҳабсшуда манъ буд. Ин ҷиноят ҳисоб мешуд. Ду зане ки ба ӯ ёрдам мекарданд, ҳабс шуда, чунон сахт лату кӯб карда шуданд, ки ҳатто то ба ин рӯз маъюб мондаанд — баъди 15 сол. Зани дигаре ки ба зиндагии худ хатар оварда, Михайро ба назди худ гирифт, ба ҳашт соли ҳабси зиндон маҳкум карда шуд, барои он ки ба оилаи ҳабсшудагон ёрдам мекард. Ҳамаи дандонҳо ва устухонҳои ӯро шикастанд ва вай дигар ҳеҷ вақт кор кардан наметавонад. Вай дар тамоми зиндагӣ маъюб аст.

## „Михай, ба Исо бовар кун!“

Дар ёздаҳсолагӣ Михай барои рӯз гузарондан кор карданро сар кард. Азобҳо имони ӯро ноустувор гардонданд. Баъди ду соли ҳабс кардани мо, ба Михай иҷозат доданд, ки аз паси панҷараи зиндони коммунистӣ модарашро бубинад. Вай дар пеши ӯ ифлос, хароб ва бо дастони бо обила пӯшондашуда, дар либоси зиндонӣ меистод. Ӯ бо мушкилӣ вайро шинохт, вале ибораи аввали вай чунин буд: „Михай, ба Исо бовар кун!“

Назоратчӣ бо ғазаби сахт зани маро аз Михай кашида, вайро берун баровард ва писарбача ба ин нигоҳ карда гиря кард. Ин лаҳза — лаҳзаи рӯ овардани ӯ ба Худованд буд, лаҳзаи зиндадил шудани ӯ.

Ӯ фаҳмид, ки агар Масеҳро дар чуни шароитҳо дӯст доштан мумкин аст, Ӯ бояд Наҷотдиҳандаи ҳақиқӣ бошад.

Баъдтар ӯ гуфт: „Агар масеҳият дигар ягон исботи ҳақиқӣ буданро намедошт, ба ғайр аз он ки модари ман ба он бovarӣ дорад, ин барои ман басанда мебуд“. Дар мактаб ӯ доимо барои ҳаёт мубориза мебурд. Ӯ хуб мехонд ва тӯҳфа барои ин галстуки сурх — аломати мансубият ба ташкилоти коммунистии ҷавонон-пионерон буд. Михай гуфт: „Ман ҳеҷ гоҳ галстуки онҳоеро намебандам, ки падари маро ба зиндон андохтанд“. Барои ин ӯро аз мактаб пеш карданд. Як соли пурраро гум карда, ӯ боз ба мактаб дохил шуд ва ин дафъа ӯ нагуфт, ки писари имондорони ҳабсшуда аст.

Баъдтар ӯ бояд ба муқобили Китоби Муқаддас иншо менавишт, вале ӯ далерона менавишт: „Далелҳо ба муқобили Китоби Муқаддас асос надоранд ва иқтибосҳо ба муқобили он ба ҳақиқат мувофиқат намекунанд. Ман боварӣ дорам, ки профессор Китоби Муқаддасро нахондааст. Китоби Муқаддас ба илм мухолифат намекунад“. Ӯро боз аз мактаб хориҷ карданд ва ин дафъа ӯ ду солро гум кард.

Ниҳоят ба ӯ иҷозат доданд, ки дар „семинария“ таҳсил кунанд, ки дар он ҷо илоҳиёти марксистӣ таълим дода мешуд. Ҳама мувофиқи таълимоти Карл Маркс фаҳмонда мешуд. Михай ошкоро эътироз баён мекард ва дигар донишҷӯён ба ӯ ҳамроҳ мешуданд. Дар натиҷа ӯ хориҷ шуд ва натавонист маълумоти рӯҳонии худро тамом кунад.

Боре, дар синф ҳангоми лексияи атеистӣ Михай хеста муаллимро ошкоро дар бораи масъулият ёдовар кард, ки ӯ онро ба зиммаи худ мегирад ва вақте ки ба ҷавонон бедиёнатиро таълим дода, бо ҳамин онҳоро ба иштибоҳ меоварад. Тамоми синф тарафи Михайро гирифт. Муҳимаш он аст, ки касе ҷуръат карда, аввал гап занад. Барои гирифтани маълумот ӯ доимо пинҳон медошт, ки ӯ писари шубон Вурмбранд, имондори ҳабсшуда аст. Ин тез-тез ошкор мешуд ва ба даъват шудан ба пеши директор ва хориҷ шудан аз мактаб меовард.

Михай бисёр вақт гурусна буд. Оилаҳои имондорони ҳабсшуда дар мамлакатҳои коммунистӣ аз ҷиҳати моддӣ дар ҳолати бад буданд. Ёрдам ба онҳо ҷиноят ҳисоб мешавад.

Роҳбарони деноминатсияи худро бипурсед, ки кадом қисми садақаи ҷамъшуда барои ёрӣ ба оилаҳои имондорони ҳабсшуда дар давлатҳои коммунистӣ меравад? Роҳҳои махфии ёрдам барои ин бадбахтон вуҷуд доранд. Ман метавонам шуморо бовар кунонам, ки оилаҳои маҳбусони католикӣ, православӣ ва протестантии румынӣ ҳеҷ гоҳ ягон ёрдамро аз берун нагирифтаанд.

Ман ба шумо фақат дар бораи як оилаи азобдида, ки онро шахсан медонистам, нақл мекунам. Бародар барои кор дар Калисои Махфӣ ба зиндон афтод. Дар хона зан ва шаш фарзанд монданд. Духтарони калонии 17 ва 19-сола кор ёфтан наметавонистанд, чунки дар давлатҳои коммунистӣ корро фақат аз ҳукумат гирифтан мумкин аст, вале он ба фарзандони „масеҳиёни ҷинояткор“ кор намедиҳад.

Илтимос, барои ин ҳодиса аз нуқтаи назари стандарти маънавӣ баҳо надиҳед! Танҳо далелҳоро қабул кунед!

Ду духтари масеҳии азобдида, ки худашон ҳам масеҳӣ ҳастанд, барои он фоҳиша шуданд, ки бародарон ва хоҳарони хурдӣ ва модари касалашонро хӯронданд. Бародари 14-сола онҳо дар бораи ин фаҳмида девона шуд ва дар хона барои девонаҳо ҷойгир карда шуд. Вақте ки баъди бисёр солҳо падар ба хона баргашт, дуои ӯ ин буд: „Худовандо, бигзор беҳтараш ман боз дар зиндон бошам, то чизеро, ки дар ин ҷо рӯй медиҳад, набинам!“ Дуои ӯ мустаҷоб шуд ва ӯ барои он ки ба кӯдакон мавъиза мекард, боз дар зиндон аст. Духтарони ӯ мисли пештара он корро намекунанд. Онҳо кор ёфтанд, баъд аз он ки ба шартҳои полиси пинҳонӣ розӣ шуда, дар бораи имондорон хабаркашӣ мекарданд. Одамон мефаҳмиданд, ки онҳо духтарони масеҳии азобдида

ҳастанд ва онҳоро бо ҷону дил қабул мекарданд, вале онҳо дар бораи ҳама ба полис хабаркашӣ мекарданд.

Нагӯед, ки ин қабеҳ ва бадахлоқона аст. Албатта, ин ҳамин тавр аст, вале ба худ савол диҳед, ки оё на бо айби шумо, қисман чунин чизҳо рӯй медиҳанд? Оё шумо ҳам ба дараҷае ба он айбдор нестед, ки оилаҳои имондорони ҳабсшуда бе дастгирӣ ба таҳқир ҳавола шуда, бе ягон ёрӣ аз тарафи ҷаҳони озод мондаанд?

# БОБИ СЕЮМ

Чордаҳ соли маҳбас гузашт, ки дар онҳо ман на Китоби Муқаддас ва на ягон Китоби дигарро дидам. Баъди гуруснагии дарозмуддат, вояҳои нашъа ва шиканҷаҳо ман навиштанро фаромӯш кардам. Ман Навиштаи Муқаддасро фаромӯш кардам, вале дар рӯзи озодшавии ман аз куҷои номаълум ба назди ман ояте аз Аҳди Ҷадид омад: „Ва Яъқуб барои Роҳел 14 сол хизмат кард ва онҳо ба назараш мисли якчанд рӯз намуданд, чунки вайро дӯст медошт“.

Дере нагузашта ман мувофиқи афви умумӣ, ки он дар тамоми мамлакати мо дар зери таъсири афкори умумии амрикоӣ эълон шуда буд, озод шудам.

Ман боз зани худро дидам, ки ҳамаи ин вақт маро содиқона интизор буд. Мо зиндагии навро дар эҳтиёҷмандии бисёр сар кардем, чунки аз ҳабсшудагон ҳама чизеро, ки доштанд, мегирифтанд.

Рӯҳониён ва шубононе ки ба озодӣ баромаданд, метавонистанд боз ҷамоатҳо ва калисоҳои начандон калон кушоянд. Барои ман калисоро дар шаҳраки Орсова доданд. Департаменти Коммунистии Парастишҳо ба ман хабар дод, ки дар ин калисо 35 аъзо ҳастанд ва ман барои он ҷавобгар ҳастам, то дар он ҳеҷ гоҳ 36 аъзо нашавад! Дар айни замон ба ман гуфта шуда буд, ки ман бояд ҷосуси онҳо бошам ва дар бораи ҳар як аъзо хабар диҳам ва ба маҷлисҳо ҷавононро роҳ надиҳам.

Ана чӣ тавр коммунистон калисоро дар зери назорати худ нигоҳ медоранд.

Ман медонистам, ки агар мавъиза кунам, бисёриҳо барои гӯш кардан меоянд ва барои ҳамин қарор додам, ки дар калисои расмӣ кор карданро ҳам сар намекунам. Ман боз дар Калисои Махфӣ корро сар карда, ба зебоӣ ва хатари хизмати он шарик мешудам.

Дар байни солҳое ки ман набудам, Худо кори бузургеро дар Калисои Махфӣ ба амал овард. Он дигар холӣ ва фаромӯшшуда набуд. Имондорон аз Ғарб барои мо дуо мекарданд ва аз рӯи ҳадди имконият ёрдам мекарданд.

Боре ман дар хонаи бародари имондор дар музофот истироҳат мекардам. Ӯ маро бедор карда, хабар дод: „Бародарон аз хориҷа омаданд“. Дар Ғарб бародароне буданд, ки моро фаромӯш накардаанд. Имондорони қаторӣ кори ёриро ташкил дода, адабиётҳо ва ёрии

моддиро барои оилаҳои азобдидагон пинҳонӣ мегузаронданд. Онҳо бо ман бисёр гап заданд ва дар сӯҳбат аён шуд, ки онҳо ким-чӣ тавр фаҳмидаанд, ки дар ин ҷо одаме зиндагӣ мекунад, ки 14 солро дар зиндон гузарондааст ва онҳо омаданд, то ки бо ӯ гап зананд. Ман ба онҳо гуфтам, ки ин ман ҳастам. Онҳо гуфтанд, ки одами ғамгинро интизор буданд, вале ман пури шодӣ ҳастам. Ман онҳоро бовар кунондам, ки ман ҳамон одам ҳастам ва барои он хурсандӣ мекунам, ки онҳо омаданд ва мебинам, ки мо фаромӯш нашудаем. Ба Калисои Махфӣ омадани ёрии мунтазам сар шуд. Мо бо роҳҳои пинҳонӣ бисёр Китобҳои Муқаддас ва дигар адабиётҳои динӣ ва ёрӣ барои оилаҳои азобдидагон мегирифтем.

Бо ҳамин ёрӣ мо метавонистем басе хубтар кор кунем. Онҳо барои мо на фақат Каломи Худо, балки муҳаббати худро низ оварданд. Онҳо барои мо сухани тасаллоро оварданд.

Дар рӯзҳои тозакунии мағзҳо мо ҳар гоҳ мешунидем: „Шуморо дигар ҳеҷ кас дӯст намедорад, шуморо дигар ҳеҷ кас дӯст намедорад, шуморо дигар ҳеҷ кас дӯст намедорад...“ Акнун мо дидем, ки чӣ тавр имондорони ғарбӣ ба ҷони худ хатар меоварданд, то ки муҳаббати худро ба мо нишон диҳанд.

Нархи Китоби Муқаддас, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба назди мо оварда мешуд, наметавонад барои имондорони мамлакатҳои озод, ки бо Китобҳои Муқаддас пур шудаанд, фаҳмо бошад.

Ман бо оилаи худам бе ёрии имондорони хориҷӣ зинда намемондам. Ҳамчунин дар бораи бисёр шубононии пинҳонӣ ва имондорони қаторӣ дар зиндонҳои коммунистӣ гуфтан мумкин аст.

Фиристодагони хориҷӣ ба мо мисли фариштаҳо менамуданд.

Вақте ки кор дар Калисои Махфӣ ба таври васеъ кушода шуд, ман ба хатари ҳабс дучор шудам. Ду ташкилоти масеҳӣ: миссияи яҳудии Норвегӣ ва Иттиҳоди Яҳудиёни Масеҳӣ барои ман 10 000 долларро пардохтанд ва ман тавонистам Румынияро тарк кунам.

## Барои чӣ ман Румынияи коммунистиро тарк кардам

Бо вуҷуди хатарнокӣ ман кишварро тарк намекардам, вале роҳбарони Калисои Махфӣ ба он исрор карданд, то ман мамлакатро барои он тарк кунам, ки „овози“ Калисои Махфӣ барои ҷаҳони озод шавам. Онҳо маро вазифадор карданд, ки аз номи Калисои Махфӣ дар бораи азобҳо ва эҳтиёҷҳои он гап занам. Ман ба Ғарб омадам, вале дили ман бо онҳо монд. Агар ман зарурияти калонро дар он намедидам, ки шумо дар бораи азобҳои Калисои Махфӣ бифаҳмед, ман ҳеҷ гоҳ Румынияро тарк намекардам. Ин миссияи ман аст.

Пеш аз он ки ман Румынияро тарк кунам, маро ду бор ба полиси пинҳонӣ даъват карданд. Ба ман хабар доданд, ки фидия гирифта шуд (Румыния шаҳрвандони худро аз боиси мӯҳтоҷии сахти иқтисодӣ ба ивази пул мефурӯшад). Ба ман гуфтанд: „Ба Ғарб рафта, чӣ қадар ки мехоҳӣ мавъиза кун, вале моро ташвиш надеҳ! Ба муқобили мо сухане нагӯй! Мо росташро ба ту мегӯем, ки бо ту чӣ кор мекунем, агар ту ин шартро қабул накунӣ. Бо ҳазор доллар мо метавонем роҳзанеро ёбем, ки бо майли тамом туро нест мекунад, ё мо метавонем худамон туро бидуздем“. Ҳамроҳи ман дар зиндон усқуфи православӣ Василий Леул буд, ки ӯро дар Австралия дуздида, ба Румыния оварданд. Ҳамаи нохунҳои ӯро канданд. Ҳамроҳи ман дигар дуздидашудагон дар Берлин ҳам буданд ва чанде пеш румынҳо дар Италия ва Париж дуздида шуда буданд.

Ба ман гуфта шуда буд: „Мо метавонем некномии туро бо воқеаи алоқаи ишқӣ, дуздӣ ё ягон гуноҳи дигари ҷавонӣ нест кунем. Сокинони Ғарб ва хусусан амеркоиҳо ба чунин воқеаҳо ҳарис ҳастанд ва онҳоро фиреб додан осон аст“.

Бо ҳамин тариқ ба ман таҳдид карда, онҳо маро ба Ғарб роҳ доданд ва ба тозашавии майна, ки дар зиндон маро бо он ҷазо медоданд, умед мебастанд.

(Он чизеро, ки ман аз сар гузарондам, дар Ғарб ҳам бисёр касоне ҳастанд, ки аз он гузаштаанд, вале онҳо хомӯш ҳастанд. Баъд аз он ки коммунистон онҳоро азоб медоданд, баъзе аз онҳо ҳатто онҳоро таъриф мекунанд. Коммунистон боварӣ доштанд, ки ман хомӯш мешавам).

Инак, моҳи декабри соли 1965 ба ман иҷозат доданд, ки ҳамроҳи оилаам Румынияро тарк кунам. Барои хайрбод ман ба қабри полковнике рафтам, ки бо фармони ӯ ман ҳабс шуда, муддати бисёр солҳо азоб дидам. Ман дар қабри ӯ гул мондам. Ман ба Ғарб омадам, то ки аз номи Калисои Махфии азобдида, мазлум, таъқибшуда, вале содиқ, ки ба дуоҳо ва ёрии амалии шумо мӯҳтоҷ аст, салом бирасонам.

# БОБИ ЧОРУМ

Пеш аз ҳама ман бояд бигӯям, ки дар дил ягон озурдагӣ ва талхӣ ба муқобили коммунистон ва ҷаллодони онҳо надорам. Ба замми он, ман коммунистонро бо тамоми дили худ дӯст медорам. Ман ба гуноҳ нафрат дорам, вале гунаҳкорро дӯст медорам. Коммунистон метавонистанд имондоронро бикушанд, вале муҳаббати онҳоро, ки ҳатто ба қотилони худ доштанд, куштан наметавонистанд.

Яҳудиён ривояте доранд, ки дар он дар бораи баромадани аҷдодони онҳо аз Миср гуфта мешавад. Вақте ки мисриён дар Баҳри Сиёҳ ғарқ шуданд, фариштаҳо гӯё ба хурсандии исроилиён ҳамроҳ шуданд, вале Худо ба фариштаҳо гуфт: „Исроилиён одамонанд ва барои ҳамин аз марги душманони худ хурсандӣ мекунанд, вале аз шумо Ман фаҳмиши басе чуқури чизҳоро интизор ҳастам. Оё мисриён ҳам офаридаи Ман нестанд? Оё Ман онҳоро ҳам дӯст намедорам? Пас барои чӣ шумо аз оқибати фоҷиавии онҳо ғамгин нестед?“

Ва ҳангоме Еҳушаъ назди Ериҳӯ буд, ӯ чашмонашро боло бардошта, нигарист ва инак, марде дар рӯ ба рӯи ӯ истодааст, ва шамшери бараҳна дар дасти вай аст; ва Еҳушаъ назди вай омада ба вай гуфт: „Оё ту аз мо ҳастӣ ё аз душманони мо?“ (Еҳушаъ ибни Нун 5:13).

Агар мусофире ки бо Еҳушаъ ибни Нун вохӯрд, одам мебуд, вай метавонист фақат ҷавоб диҳад: „Ман бо шумо ҳастам“ ё „Ман бо душманони шумо“ ё дар ҳолати дигар „Ман бетараф ҳастам“. Чунин ҳастанд се имконияти ҷавоби одамӣ ба ин савол. Вале мусофире ки бо Еҳушаъ вохӯрд, аз олами дигар буд ва барои ҳамин ба савол: „Бо Исроил ё муқобили он?“ — ӯ ҷавоби басе ногаҳонӣ ва нофаҳмо дод: „Не“.

Ин „не“ чӣ маъно дошт? Ӯ аз оламе буд, ки дар он ҷо тарафдор ё муқобили ягон кас будан мумкин нест ва ба ҳама чиз бо дилсӯзӣ ва бо ғамхорӣ, бо муҳаббат ва фаҳмиш нигоҳ карда мешавад.

Ҷиҳати одамӣ ҳаст ва агар коммунизмро аз ин ҷиҳат бинем, бо он муборизаи шадид бурдан даркор аст ва на фақат бо он, балки бо касоне ки ин идеологияи бераҳм ва бемаънӣро дастгирӣ мекунанд.

Аммо масеҳиҳо аз одамони оддӣ бештаранд. Онҳо — фарзандони Худо, алоқадорони моҳияти Худо ҳастанд. Ана барои чӣ шиканҷаҳо дар зиндонҳои коммунистӣ маро ба муқобили коммунистон сангдил

накарданд. Онҳо ҳам офариниши Худо ҳастанд. Чӣ тавр ман метавонам ба онҳо нафрат кунам? Ва ба ҳар ҳол ман наметавонам рафиқи онҳо бошам. Дӯстӣ — як дил дар ду сина аст, вале ман бо коммунистон як дил надорам. Онҳо ба Худо нафрат доранд, ман бошам Ӯро дӯст медорам.

Агар маро мепурсиданд: „Ту тарафдори коммунистон ҳастӣ ё муқобили онҳо?“, ҷавоби ман басе мураккаб мебуд. Коммунизм хатари даҳшатноке барои тамоми одамият аст ва ман ба он муқобил ҳастам ва тайёр ҳастам, ки то он вақте ки он сарнагун нашудааст, бо он мубориза барам, вале бо яроқи Офаридгор, бо Каломи Худо.

Барои ҳамин ман ба худ мақсад гузоштам, ки ба коммунистон Инҷилро мавъиза кунам, то ба онҳо имконият диҳам, ки Хабари Хушро дар бораи зиндагии абадӣ шунаванд.

Исои Масеҳ, Худованди ман, коммунистонро ҳам дӯст медорад ва Худаш гуфт, ки барои як гӯсфанди гумшуда тайёр аст 99 гӯсфанди порсоро тарк кунад. Ҳавворийни Ӯ ва ҳамаи устодони бузурги масеҳият ба номи Масеҳ ин муҳаббатро ёд медоданд.

Макарийи муқаддас гуфта буд: „Агар одам ҳамаро бо шавқ дӯст дорад, вале гӯяд, ки фақат як касро тоқат кардан наметавонад, ӯ аллакай масеҳӣ нест, чунки муҳаббати ӯ дигар ҳамаҷониба нест“.

Августини муқаддас таълим медод: „Агар тамоми одамият парҳезгор ва фақат як одам гунаҳкор мебуд, Масеҳ аз барои ин як нафар меомад ва азобҳои салибро аз сар мегузаронд, чунки Ӯ ҳар яки моро алоҳида дӯст медорад“.

Таълимоти Масеҳ маълум аст. Коммунистон одамон ҳастанд ва Масеҳ одамонро дӯст медорад. Ҳар касе ки ҳиссиёти Масеҳро дорад, чунин рафтор мекунад. Гарчанде ки мо гуноҳҳоро бад мебинем, гуноҳкоронро дӯст медорем.

Ман дар зиндон имондорони ҳабсшударо вохӯрдам, ки онҳо дар пойҳо то 50 фунт занҷир доштанд, онҳоро бо оҳани тафсондашуда азоб медоданд, ба даҳони онҳо бо қошуқ намак андохта, муддати дароз об ва хӯрок намедоданд, онҳоро мезаданд, дар хунукӣ нигоҳ медоштанд, вале онҳо бо эҳтимом барои коммунистон дуо мекарданд. Аз нуқтаи назари одамият ин номафҳум аст! Вале инро муҳаббати Масеҳ кард, ки онро Рӯҳи Муқаддас дар дилҳои онҳо фаровон ҷорӣ кардааст.

Баъзе вақтҳо коммунистоне ки моро азоб медоданд, худашон ба зиндон меафтоданд. Азобдида ва азобдиҳанда дар як ҳуҷра меафтоданд ва он вақте ки беимонон нафрати худро ба азобдиҳандаҳои худ нишон медоданд ва онҳоро мезаданд, имондорон онҳоро муҳофизат карда, хатар доштанд, ки худашон азоб кашанд ё дар шарикӣ бо коммунистон

айбдор шаванд. Ман дидам, ки чӣ хел имондорон пораи охирини нон (он вақт барои мо ҳафтае фақат як порча медоданд) ва доруро медоданд, ки метавонистанд зиндагии онҳоро наҷот диҳанд. Онҳо инро ба коммунистон медоданд, ки акнун ҳамсояи онҳо дар ҳуҷраи маҳбас буданд.

Собиқ президенти Румыния Иулиу Маниу пеш аз марги худ дар зиндон гуфт: „Агар коммунистонро дар давлати мо сарнагун кунанд, имондорон бояд муҳофизати онҳоро аз ғазаби ҳақиқии халқ, ки ба он ситам мекарданд, вазифаи муқаддаси худ ҳисоб кунанд“.

Дар рӯзҳои аввали баъди рӯ овардан ман фикр мекардам, ки дигар зиндагӣ карда наметавонам, чунки дар кӯча рафта, барои ҳар як одами аз пеши ман гузаранда дарди ҷисмониро ҳис мекардам. Мисли корди тез дар дили ман савол дар бораи наҷоти одамони аз пеш гузаранда меистод. Агар аъзои ҷамоати ман гуноҳ мекард, ман гиря мекардам. Шукр ба Худо, ки хоҳиши наҷот додани ҷонҳои ҳамагон то ҳоло дар ман зинда аст.

Дар маҳбаси танҳо мо мисли пештара дуо карда наметавонистем. Мо бисёр мехостем, ки бихӯрем ва вояҳои сахти нашъа моро девона мекарданд. Мо қамқувват ва мисли скелет лоғар будем. Дуои „Падари Мо“ барои мо басе дароз менамуд. Мо қувваи худро чунон ҷамъ кардан наметавонистем, ки онро ҳама такрор кунем. Мо фақат аз нав ва боз такрор мекардем: „Исо, ман Туро дӯст медорам!“

Ногаҳон, дар як рӯзи зебо ман аз Исо ҷавоб гирифтам: „Ту Маро дӯст медорӣ? Акнун ман нишон медиҳам, ки Ман туро чӣ хел дӯст медорам“. Худи ҳамон дам ман сӯзишеро дар дил ҳис кардам, ки ба сӯзиш аз шуои офтоб монанд буд.

Шогирдон дар роҳи Аммоус мегуфтанд, ки дилҳои онҳо аланга мезаданд, вақте ки Исо ба назди онҳо омада гап зад. Бо ман ҳам чунин буд.

Ман муҳаббати Он Касро дидаам, ки ҷони Худро дар рӯйи салиб барои ҳамаи мо дод. Ин хел муҳаббат коммунистонро чӣ қадаре ки гуноҳкор набошанд, рад карда наметавонад.

Коммунистон ҷиноятҳои вазнинро содир кардаанд ва акнун ҳам карда истодааст, вале „муҳаббат мисли марг сахт, мисли рашки ҷаҳаннам пурраѓбат аст... обҳои калон наметавонанд муҳаббатро хомӯш кунанд ва дарёҳо онро пур карда наметавонанд“.

Чунон ки қабр ҳамаро: сарватмандон ва камбағалон, пиронсолон ва ҷавонон, одамони ҳамаи нажодҳо, халқиятҳо ва ақидаҳои сиёсӣ, поксириштон ва ҷинояткоронро ба худ талаб мекунад, муҳаббат ҳамаро фаро мегирад. Масеҳ, ки Муҳаббати таҷассумшуда аст, то он даме ки коммунистонро ба даст наоварад, ором намешавад.

Боре ба ҳуҷраи ман башоратдиҳандае дар ҳолати ниммурда афтод. Хун аз рӯй ва тани ӯ мерехт. Ӯро сахт зарбу лат карда буданд. Мо чӣ қадаре ки тавонистем, ӯро шустем ва баъзе зиндониён коммунистонро лаънат мекарданд. Мавъизачӣ бо нола овоз баровард: „Онҳоро лаънат нахонед! Хомӯш шавед! Ман мехоҳам барои онҳо дуо кунам!“

## Чӣ тавр мо дар зиндон ҳам хурсандӣ мекардем

Ба 14 соли зиндон нигоҳ накарда, ман мебинам, ки баъзе вақтҳо мо дар ҳолати басе хурсандиовар қарор доштем. Маҳбусони дигар ва посбонони зиндон ҳар гоҳ ҳайрон мемонданд, ки чӣ тавр имондорон метавонанд дар чунин шароити вазнин хурсандӣ кунанд. Ба мо сурудхониро иҷозат намедоданд ва барои сурудхонӣ мезаданд, вале мо мехондем. Ман фикр мекунам, ки ҳатто булбулон ҳам дар зери таҳдиди марг мехонданд. Имондорон баъзе вақтҳо дар зиндон аз хурсандӣ рақс мекарданд. Чӣ тавр онҳо метавонистанд дар чунин шароит рақс кунанд?

Ман ҳар гоҳ дар бораи суханони Исо фикр мекардам, ки Ӯ ба шогирдони Худ гуфта буд: „Хушо чашмоне ки он чиро, ки шумо дида истодаед, мебинанд“. Шогирдон нав аз сафари Фаластин баргашта буданд, ки дар он ҷо бисёр даҳшатҳоро диданд. Фаластин он вақт дар зери ситами Рум буд ва дар ҳама ҷо нишонаҳои бедодгарӣ ба назар мерасиданд. Шогирдон бо касалиҳо, гуруснагӣ ва бадбахтиҳо дучор мешуданд. Онҳо дар хонаҳое буданд, ки дар онҳо ватанпарастонро гирифта, ба зиндон андохта буданд ва танҳо волидайн ё занҳо бо ашкҳо монда буданд. Ба ин олам нигоҳ кардан дилпазир набуд ва ба ҳар ҳол Исо гуфт: „Хушо чашмоне ки он чиро, ки шумо дида истодаед, мебинанд“.

Ӯ инро барои он гуфт, ки онҳо на танҳо азобҳоро мediданд. Онҳо инчунин Наҷотдиҳандаи ҳамаро, Кунандаи некии ниҳониро диданд, ки мақсади он бояд ба даст овардани тамоми одамият мебуд. Аввалин бор кирмҳои баднамо, ки дар рӯйи дарахтон мехазанд, фаҳмиданд, ки баъди мавҷудияти ҳақирона зебоии дигар — зиндагии шапалаки гуногунранг фаро мерасад, ки қобилияти аз як гул ба гули дигар париданро дорад!

Ана, мо ҳам ҳамин хурсандиро доштем!

Ман бо „Айюбҳо“ гирд шуда будам. Дар атрофи ман „Айюбҳо“ буданд, ки онҳо дар баъзе ҷиҳатҳо аз худи Айюб аз нақли Китоби Муқаддас ҳам бисёртар ба балоҳо гирифтор буданд. Ман оқибати воқеаи Айюбро медонистам, ки ӯ назар ба гумкарда ду баробар зиёдро ба даст овард. Ман одамонеро дидам, ки ба Лаъзор монанд буданд. Онҳо гурусна буданд ва тани онҳо бо карахш пӯшонида шуда буд, вале

ман фаҳмидам, ки фариштаҳо онҳоро ба оғӯши Иброҳим мебаранд ва ман онҳоро чунон медидам, ки онҳо дар оянда чунин хоҳанд буд. Ман дар симои риёзаткаши ифлос, нотавон ва ночизе ки дар назди ман буд, шӯҳрат ва тоҷи муқаддаси ояндаро медидам.

Ба ҳолати ояндаи одамон нигоҳ карда, ман инчунин дар симои азобдиҳандаҳои худ, „Шоулҳо аз Тарс“, симои ҳаввориёни муқаддас, Павлусҳои ояндаро медидам. Баъзеҳо аллакай монанди онҳо шуданд. Баъзе офисерони полиси пинҳонӣ, ки мо ба онҳо дар бораи Масеҳ шаҳодат медодем, худашон масеҳӣ шуданд ва бо ҷону дил тайёр буданд, ки дар зиндон азоб бинанд, барои он ки Масеҳи моро ёфтанд. Дар симои назоратчиёне ки моро мезаданд, мо посбони маҳбасро дар Филиппӣ медидем, ки пеш ҳавворӣ Павлусро мезад, вале баъд худаш ҳам масеҳӣ шуд. Мо орзуи онро мекардем, ки ба наздикӣ касе аз онҳо мепурсад: „Чӣ бояд кард, то наҷот ёбем?“

Дар зиндон мо умеде пайдо кардем, ки коммунистоне ки моро азоб медоданд, метавонанд наҷот ёбанд. Дар он ҷо мо барои онҳо ҳиссиёти масъулиятро вусъат медодем. Дар он вақте ки онҳо моро азоб медоданд, мо дӯст доштани онҳоро омӯхтем.

Қисми зиёди оилаи ман кушта шуд, вале дар хонаи ман қотили онҳо ба Худованд рӯ овард. Ва ин ҷойи аз ҳама мувофиқ буд. Ҳамин тариқ дар зиндон ақида дар бораи миссияи масеҳӣ барои коммунистон пайдо шуд.

Худо ҳама чизро на монанди мо мебинад, чуноне ки мо ҳама чизро на ба монанди мӯрчаҳо мебинем.

Аз нуқтаи назари инсоният ба салиб баста шудан ва бо наҷосати одам молида будан хеле даҳшатнок аст, вале ба ин нигоҳ накарда, Китоби Муқаддас азобҳои озордидагонро „сабук“ меномад. Чордаҳ сол дар зиндон барои мо мӯҳлати дароз менамуд, вале Китоби Муқаддас инро „азобҳои муваққатӣ“ меномад, ки дар муқоиса бо он шӯҳрате ки дар мо кушода мешавад, ҳеҷ аст.

Дар асоси ин мо ҳаққи хулоса дорем, ки ҷиноятҳои вазнини коммунистон, ки барои мо, одамон, авфнопазиранд ва мо бояд ба муқобили онҳо то охир одилона мубориза барем, нисбат ба назари мо, дар назари Худо чунин бад наменамоянд.

Ситами онҳо, ки аллакай ним аср давом дорад, барои Ӯ метавонад фақат як лаҳзаи иштибоҳ намояд, ки барои Ӯ як рӯз мисли ҳазор сол ва ҳазор сол мисли як рӯз аст. Онҳо ҳоло ҳам имконияти наҷот ёфтанро доранд. Ерусалими Осмонӣ — модари дӯстдошта аст. Дарвозаҳои осмон барои коммунистон пӯшида нашудаанд. Инчунин рӯшноӣ барои онҳо хомӯш нашудааст. Онҳо метавонанд мисли одамони дигар тавба кунанд ва мо бояд онҳоро ба тавба кардан даъват кунем.

Фақат муҳаббат метавонад коммунизмро дигар кунад, вале на он муҳаббате ки ба ҳамкорӣ бо онҳо меоварад ва бисёр роҳбарони калисоҳо онро амалӣ мекунанд. Не!

Нафрат нобино мешавад. Гитлер зидди коммунизм буд, вале бо нафрат амал мекард ва барои ҳамин, ба ҷои он ки ғалаба кунад, ӯ ба онҳо ёрӣ дод, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ғалаба кунанд.

Ҳанӯз дар зиндон буда, мо кори худро дар байни коммунистон бо муҳаббати калон тайёр мекардем. Дар нақшаи аввал мо ҳамаи ҳокимони коммунистиро мондем.

Ба ман чунин менамояд, ки баъзе роҳбарони миссияҳо таърихи калисоро бо диққат наомӯхтаанд. Норвегия масеҳиятро чӣ тавр қабул кард? Аввал подшоҳ Олаф онро қабул кард. Русия дар бораи Инҷил он вақт фаҳмид, ки княз Владимир онро қабул кард. Венгрия масеҳиятро фақат баъди он қабул кард, ки подшоҳ Стефани муқаддас онро қабул карда буд. Чунин ҳодиса бо Полша низ рӯй дод. Агар сардори қабила дар Африка Масеҳро қабул мекард, тамоми қабила аз рӯйи намунаи ӯ амал мекард. Мо барои одамони оддӣ миссияҳоро мекушоем ва умед дорем, ки онҳо масеҳӣ мешаванд, вале доираи эътибори онҳо басе маҳдуд аст, ва аз эҳтимол дур аст, ки онҳо мавқеи умумии чизҳоро тағйир дода тавонанд. Ба даст овардани сардорон барои Масеҳ зарур аст. Барои мо одамоне даркоранд, ки дар доираҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва артистӣ мақоми баланд дошта бошанд. Онҳо дар тарбияи ҷонҳо ёрӣ медиҳанд. Онҳоро ба даст оварда, мо одамонеро ба даст меорем, ки онҳо ба бисёриҳо таъсири калон доранд.

Аз нуқтаи назари миссионерӣ коммунизм як бартарӣ дорад, ки дигар системаҳои иҷтимоӣ онро надоранд: он мутамарказ аст. Агар президенти ИМА католик шавад, Амрико барои ин католик намешавад, вале агар Мао-Цзе-Дун масеҳӣ шавад (ё Брежнев ва Чаушеску), он гоҳ бисёр касонро ба даст овардан мумкин аст. Эътибори роҳбарон чунин бузург аст!

Вале оё метавонад роҳбари коммунистӣ ба Масеҳ рӯ оварад? Албатта! Аллакай барои он ки ӯ бадбахт аст ва вазъияти ӯ ноустувор аст, мисли вазъияти қурбонии ӯ.

Қариб ҳамаи роҳбарон дар Русия ба зиндон меафтоданд ё бо дасти рафиқони худашон кушта мешуданд, Дар бораи Хитой ҳам чунин гуфтан мумкин аст. Ҳатто вазирони корҳои хориҷӣ, ба монанди Ягода, Ежов ва Берия, ки гӯё ҳокимияти пурра доштанд, мисли аксулинқилобчиёни пасттарин ҳалок шуданд: тир дар пушти сар ва тамом!

## Чӣ тавр ба коммунизм ҳуҷуми рӯҳӣ кардан мумкин аст?

Коммунизм ба ягон кас хурсандӣ намеоварад, инчунин ба онҳое низ, ки аз он фоида доранд. Онҳо аз фикри он меларзанд, ки ягон шаб фойтуни полиси пинҳонӣ омада, метавонад онҳоро барад, чунки хати равиши ҳизб дигаргун шуд.

Ман бисёр роҳбарони ҳизбро шахсан медонистам. Онҳо одамони басе серташвиш ҳастанд. Танҳо Исо метавонад онҳоро ором кунад.

Роҳбарони коммунистиро ба назди Масеҳ овардан метавонад маънои наҷоти ҷаҳонро аз нестшавии атомӣ ва гуруснагӣ дошта бошад. Охир, қисми зиёди даромади давлатҳои ҷаҳон барои мусаллаҳшавӣ меравад. Ба даст овардани роҳбарони коммунизм метавонад маънои анҷоми шиддати байналхалқӣ ва овардани хурсандии бузург барои Масеҳ ва фариштаҳо дошта бошад. Ин метавонад ғалабаи Калисоро ифода кунад ва чунин ҷойҳо ба монанди Гвенияи Нав ва Мадагаскар, ки дар он ҷо акнун миссионерон бо ғайрат кор мекунанд, худашон аз паси Масеҳ мераванд, агар роҳбарони коммунистӣ Ӯро қабул кунанд ва бо ҳамин ба масеҳият қувваи тамоман навро медиҳанд.

Ман бисёр коммунистонро шахсан медонистам, ки ба Масеҳ рӯ оварданд, ва худам дар ҷавонӣ беимони ҷангҷӯй будам ва медонам, ки коммунистони ба Масеҳ рӯоварда Масеҳро бисёр дӯст медоранд, чунки онҳо бисёр гуноҳ карданд, ва ба касе бисёр бахшида шудааст, ӯ бисёр дӯст медорад.

Дар кори миссионерӣ андешаи стратегӣ даркор аст. Аз нуқтаи назари наҷот ҳамаи рӯҳҳо баробаранд, вале аз нуқтаи назари стратегияи миссионерӣ онҳо ҳама баробар нестанд. Одами боэътиборро ба даст овардан зарууртар аст, ки ӯ метавонад ҳазорҳоро ба даст оварад, нисбат ба он ки дар ҷангал бо одами ваҳшӣ гап зада, фақат барои ӯ наҷотро таълим додан.

Ана, барои чӣ Исо на деҳаи дурдаст, балки Ерусалим — маркази динии ҷаҳонро ҷои анҷоми хизмати Худ дар замин интихоб кард! Бо чунин сабаб ҳаввории Павлус ба Рум шитоб мекард.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки „Насли зан морро аз сараш неш мезанад", вале мо шиками морро қитиқ мекунем, то онро бихандонем. Сари мор тақрибан дар байни Москва ва Пекин ҷойгир аст, на дар Тунис ва Мадагаскар. Ҷаҳони коммунистӣ бояд дар нақшаҳои калисо, роҳбарони миссияҳо ва инчунин имондорони қаторӣ ҷои аввалро бигирад.

Мо бояд хизматгузории кӯҳнаро тарк кунем. „Лаънат ба касе ки кори Худоро исрофкорона мекунад". Ин даҳшатнок аст, вале Китоби Муқаддас чунин мегӯяд.

Фақат бо ёрии стратегияи ҳамла дар ҷангҳо ғалаба ба даст овардан мумкин аст, на бо муҳофизат.

Нисбати коммунизм Калисо то ҳоло фақат мавқеи муҳофизатро гирифта буд ва мамлакатҳоро яке аз паси дигаре аз даст дода, онҳоро ба дасти коммунистон медод. Чунин вазъиятро фавран дар тамоми Калисоҳо тағйир додан даркор. Забур мегӯяд, ки Худо бандҳои оҳанинро дур мекунад. Пардаи оҳанин — барои ӯ чизи майда аст.

Калисои аввалин пинҳонӣ ва ғайриқонунӣ кор мекард ва ғолиб шуд. Мо бояд бо чунин тарз кор карданро боз ёд гирем!

То ҳокимияти коммунистӣ ман намефаҳмидам, барои чӣ бисёр персонажҳои Аҳди Ҷадид аз лақабҳо истифода мебурданд: Шимъӯн, ки Петрус номида мешуд, Юҳанно, ки Марқӯс номида мешуд ва дигарон.

Мо ҳам дар замони худ дар ҷаҳони коммунистӣ аз лақабҳо истифода мебарем.

Ман пештар намефаҳмидам, барои чӣ Исо хонаро барои Шоми Махфӣ тайёр карда, гуфт: „Ба шаҳр равед ва ҳангоме ки одами дар даст кӯзаи об доштаро мебинед, аз қафои вай равон шавед“. Акнун ин барои ман фаҳмо шуд. Мо ҳам дар кори Калисои Махфӣ аз чунин аломатҳо истифода мебарем. Агар мо барои чунин усулҳо баргаштан розӣ шавем, мо дар кори худ дар мамлакатҳои коммунистӣ ба муваффақият соҳиб мешавем.

Лекин вақте ки бо роҳбарони Калисоҳои ғарбӣ вохӯрӣ кардам, ман дидам, ки ба ҷои ба коммунистон муҳаббат доштан, ки метавонад дар кори миссионерӣ дар байни онҳо комёбиҳо оварад, онҳо тарафдори коммунистон ҳастанд. Ман ҳамдардии сомарии накӯкорро ба рӯҳҳои роҳгумшудаи хонаи Карл Маркс надидам.

Одам на ба он бовар мекунад, ки ӯ фақат дар рамзи имони худ такрор мекунад, балки ба он бовар мекунад, ки барои он тайёр аст бимирад.

Имондорони Калисои Махфӣ исбот карданд, ки онҳо тайёр ҳастанд, то барои имони худ ҷон диҳанд. Ман акнун ҳам кореро мекунам, ки метавонам барои он ба зиндон дар давлати коммунистӣ биафтам ва боз шиканҷаҳоро аз сар гузаронам ва ба чашмони марг нигоҳ кунам...

Ман ба он чи менависам, боварӣ дорам. Ман ҳақ дорам, ки бипурсам: „Оё шубҳонони амрикоӣ, ки бо коммунистон бозӣ мекунанд, тайёр ҳастанд, ки барои ақидаҳои худ бимиранд?“

Оё бо суханон тасвир кардан мумкин аст, ки одаме ки ӯро бояд ҳозир ба оташдони натсистӣ мепартофтанд, чӣ фикр мекард, ӯ чӣ ҳис мекард, вақте медид, ки дар пеши чашмони ӯ кӯдакашро ба он ҷо партофтанд? Барои ҳамин, он чиро, ки имондорон дар зиндонҳо

аз сар гузаронданд ва то ҳол аз сар мегузаронанд, тасвир кардан бефоида аст. Ман чунин азобҳоеро дидам, ки ҳамаи тасвиротҳои дӯзах дар Китоби Муқаддас ва „Мазҳакаи илоҳӣ“-и Данте дар пеши онҳо ҳеҷ чизанд. На муаллифони Китоби Муқаддас, на Данте одамонеро ба худ тасвир кардан наметавонистанд, ки ба салиб баста шуда, дар рӯйи фарш барои он монда шудаанд, то ки рафиқони онҳо аз рӯйи бадбахтӣ дар зери шиканҷаҳо тавонанд наҷосати худро дар рӯй ва тани онҳо бимонанд. Вақте ки ин тамом мешуд, салибҳоро боз амудӣ мегузоштанд ва зиндонбонон механдиданд ва фарёд мезаданд: „Ба Масеҳи худ нигоҳ кунед! Ӯ чӣ хел зебо аст! Чӣ хел буйи хушро Ӯ аз осмон барои шумо меоварад!“

Оре, ин тавр буд!... Ман метавонам фақат суханонро нависам, вале суханон ҳеҷ гоҳ наметавонанд фоҷиаи як рӯҳониро арз кунанд, ки қариб тамоман аз шиканҷаҳо девона шуда, розӣ шуд, ки он чизеро, ки коммунистон „намози шайтон“ меноманд, иҷро кунад. Ӯ наҷосати одамиро баракат дода, чунин „табаррукӣ“-ро ба имондорон медод.

Ин дар зиндони румынӣ дар Питешти буд. Ман баъдтар ӯро пурсидам: „барои чӣ ту маргро аз он чизе ки онҳо ба ту мефармуданд, беҳтар нашумурдӣ?“ Ӯ ҷавоб дод: „Илтимос, маро мазаммат накун, ман аз Масеҳ бисёртар азоб дидам!...“

Ҳамроҳи ман як вақт дар зиндон Лукретиу Патраскану буд, одаме ки ба коммунизм барои ба сари ҳокимият омадан дар Румыния ёрӣ дод. Подоши рафиқони ӯ ин буд, ки ӯро ба зиндон андохтанд. Ҳарчанд ӯ саломат буд, ӯро ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ ҷо дода, то девона шудани ӯ нигоҳ медоштанд. Онҳо бо Анна Паукер ҳам чунин карданд, ки собиқ котибаи давлатӣ буд. Бо имондорон ҳам бисёр вақт чунин рафтор мекунанд. Ба онҳо садамаи электрикӣ медиҳанд ё куртаҳои дафъи ҷунун мепӯшонанд.

Ҷаҳон аз он воқеаҳое ки дар кӯчаҳои Хитой рӯй медиҳанд, ба даҳшат меояд. Дар пеши чашмони ҳамагон гвардиячии сурх қурбонии худро бо бераҳмии сахт ҷазо медиҳад. Шумо ба худ тасаввур кардан метавонед, ки дар зиндонҳо, ки он ҷо ҳеҷ кас нигоҳ намекунад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?

Аз хабарҳои охирин мо медонем, ки нависандаи машҳури масеҳӣ ва дигар имондорон, ки аз имон гаштан нахостанд, ба зиндон партофта шуданд, ки дар он ҷо дастон ва забони онҳоро буриданд ва чашмонашонро канданд.

Вале ин ҳам на он даҳшати калонест, ки коммунистон бо он қобил ҳастанд. Онҳо фикрҳои одамонро то дигаргуншавӣ сохтакорӣ карда, зеҳни ҷавонон ва кӯдаконро заҳролуд мекунанд. Онҳо одамони худро дар мақомҳои роҳбарикунанда дар Калисоҳо монданд, то ки

Калисоҳоро нест кунанд ё ба онҳо инкишофи рӯҳӣ надиҳанд.

Бо кадом суханон фоҷиаи азобдидагони масеҳиро арз кардан мумкин аст, ки дар вақти баргаштан ба хонаҳои худ нафрати фарзандони худро диданд, ки дар вақти набудани онҳо атеистони ҷангҷӯй шуданд?

Ин китоб начандон бо сиёҳӣ навишта шудааст, ки бо хун ва ашк навишта шудааст. Ба монанди он ки Дониёл ва дӯстони ӯ дар даруни оташдон буда, ҳатто бӯйи дудро ҳам надоштанд, имондорони азобдида, ки дар зиндонҳои коммунистӣ буданд, ба муқобили азобдиҳандаҳои худ бӯйи хашмро надоранд.

Гуле ки бо пои шумо пахш мешавад, ба шумо бӯйи хушро медиҳад, ки шумо аз он фишурдед. Имондороне, ки коммунистон азоб медоданд, барои шиканҷаҳо онҳоро бо муҳаббат подош медоданд. Мо диққати бисёр зиндонбононро ба Масеҳ равона мекардем ва бисёрии онҳо Ӯро дар дил қабул карданд. Дар мо фақат як хоҳиш ҳаракат мекард: ба онҳое ки моро азоб медоданд, чизи беҳтарини худ — наҷотро додан, ки онро мо аз Худованди худ Исои Масеҳ дорем.

Ман мисли бисёр бародарони худ ба он мушарраф нашудам, ки барои Масеҳ бо марги азобдида дар зиндон бимирам. Ман озод шудам ва ҳатто тавонистам аз Румыния ба Ғарб равам. Дар ин ҷо ман чизи муқобили он ки имондорони Калисои Махфӣ ҳис мекунанд, ошкор кардам. Имондорони Ғарбӣ ба коммунистон муҳаббатро ҳис намекунанд ва исботи ин он аст, ки онҳо ягон корро барои наҷоти одамон дар мамлакатҳои коммунистӣ намекунанд. Онҳо миссияҳо барои яҳудиён, мусулмонон, буддоиён ва ҳатто миссияҳое доранд, ки онҳо имондоронро аз як калисо ба калисои дигар гузаштан розӣ мекунонанд, вале онҳо барои коммунистон миссия надоранд!

Онҳо коммунистонро дӯст намедоранд, вагарна кайҳо боз чунин миссияро ташкил медоданд, чуноне ки Карей ҳиндуёнро ва Гудзон Тейлор хитойиҳоро дӯст дошта, миссияҳои мувофиқро барпо карданд.

Вале ба замми он ки онҳо коммунистонро дӯст намедоранд ва ягон корро барои наҷоти онҳо дар Масеҳ намекунанд, онҳо бо бепарвогӣ ва беэътиноии худ чун шарикони коммунистон шуданд ва баъзе калисоҳои ғарбӣ ҳатто ба мустаҳкамшавии беэътиқодии коммунистӣ мусоидат мекунанд. Онҳо ба коммунистон ёрӣ медиҳанд, ки ба Калисоҳои ғарбӣ дароянд ва мақомҳои мақъулиятнокро дар Калисоҳо ва дар ҷаҳон бигиранд. Онҳо ба имондорон хатари коммунизмро ошкор намекунанд.

Коммунистонро дӯст надошта ва ягон корро барои наҷоти онҳо дар Масеҳ накарда, бо баҳонаи он ки ин манъ аст, гӯё ки масеҳиёни аввал аз Нерон иҷозат мепурсиданд, ки оё паҳн кардани Инҷил мумкин аст? — онҳо қавми худро ҳам дӯст намедоранд. Охир, агар

мо коммунистонро дӯст надорем ва онҳоро ба назди Масеҳ наоварем, онҳо Ғарбро ҳам мутеъ мегардонанд ва Калисои масеҳиро дар ин ҷаҳон решакан мекунанд!

Оё ин чунин нест?

## Ба дарсҳои таърих диққат намедиҳанд

Дар асрҳои аввал нашъунамои масеҳият дар Африкаи Шимолӣ буд, ки аз он ҷо мо Августини муқаддас, Киприяни муқаддас, Афанасий ва Тертуллиани муқаддасро гирифтем. Имондорони Африкаи Шимолӣ фақат ба як масъулияти худ диққат намедоданд: овардани мусулмонон ба назди Масеҳ. Дар натиҷа мусулмонон ба Африкаи Шимолӣ даромада, масеҳиятро дар он ҷо ба якчанд садсолаҳо решакан карданд. Ҳатто акнун ҳам Африкаи Шимолӣ ба мусулмонон тааллуқ дорад ва масеҳиҳо онҳоро „иттифоқи руҷӯъкунанда“ меноманд.

Пас биёед каме аз таърих ёд гирем!

Дар рӯзҳои ислоҳот манфиатҳои Гус, Лютер ва Калвин бо манфиатҳои халқҳои Европа дар он мувофиқат мекарданд, ки ҳамаи онҳо мехостанд аз зулми ҳокимияти папа дур шаванда, ки он вақт қувваи тазйиққунандаи сиёсӣ ва иқтисодӣ буд.

Ба монанди ин дар рӯзҳои мо манфиатҳои Калисои Махфӣ бо манфиатҳои ҳамаи халқҳои озод бо он мувофиқат мекунанд, ки ҳам инҳо ва ҳам онҳо озодиро мехоҳанд. Фақат Калисои Махфӣ ба воситаи паҳнкунии Хабари Инҷил дар байни коммунистон ва қурбониҳои онҳо инро ба даст меоварад.

Чунин қувваи сиёсие нест, ки коммунизмро сарнагун мекарда бошад. Коммунистон қувваи атомӣ доранд ва ҳуҷум ба онҳо маънои саршавии ҷанги нави ҷаҳонӣ бо миллионҳо қурбониҳо медошт. Ба ғайр аз ин, бисёр роҳбарони ғарбӣ тозакунии мағзҳоро аз сар гузаронданд ва дар сарнагуншавии ҳокимияти коммунистӣ зарурияtро намебинанд. Онҳо доимо худашон инро такрор мекунанд. Онҳо мехоҳанд, ки нашъамандӣ, ғоратгарӣ, саратон ва сил нест шаванд, вале на коммунизм, ки он нисбат ба ҳамаи бадбахтиҳо дар якҷоягӣ қурбониҳои зиёдтар дорад.

Нависандаи шӯравӣ Иля Эренбург гуфт, ки агар Сталин дар зиндагӣ ба ғайр бо адад ҳисоб кардани қурбониҳои бегуноҳи худ кори дигар намекард, зиндагӣ барои ӯ камӣ мекард. Хрущев дар анҷумани бистуми ҳизби коммунистӣ гуфт: „Сталин ҳазорҳо коммунистони ростқавл, бегуноҳро нест кард. Аз 139 номзади Кумитаи Марказӣ, ки дар анҷумани 17-ум интихоб шуда буданд, 98 нафар, яъне 70 фоиз, баъдтар ҳабс шуда, парронда шуданд“.

Шумо ба худ тасаввур карда метавонед, ки ин одам бо имондорон чӣ кор мекард?

Хрущев дар пеши ҳамаи халқ Сталинро инкор кард, вале худи ҳамон корро давом медод. Аз соли 1959 ними калисоҳо, ки дар Русия кушода шуда буданд, пӯшида шуданд.

Дар Хитой афзоиши нави ҷоҳилӣ мегузарад, ки нисбат ба давраи сталинизм дар Русия боз ҳам бадтар аст. Зиндагии кушодаи Калисо тамоман қатъ шуд. Дар Русия ва Румыния афзоиши нави ҳабсҳо сар шуд.

Бо террор ва фиреб ин мамлакатҳо бо аҳолии миллиард нафар дар фарзандони худ нисбати ҳамаи он чизе ки дар ғарб аст ва хусусан ба масеҳият нафратро тарбия мекунанд.

Бисёр вақтҳо роҳбарони маҳаллии партияро дидан мумкин аст, ки дар назди калисо бо хоҳиши дидани кӯдакон меистоданд ва агар ин ба онҳо муяссар шавад, онҳоро мезананд ва берун мепартоянд.

Вайронкунандагони ояндаи масеҳияти ғарбӣ бояд ба ин кор бо диққат тайёр бошанд! Фақат як қуввае аст, ки метавонад ба атеизм муқобилият кунад. Ин ҳамон қувваест, ки ба ҷои Империяи Руми бутпараст давлатҳои масеҳиро бунёд кард ва аз тевтонҳо ва викингҳо масеҳиҳоро сохт ва ҳокимияти хунини Инквизисияро сарнагун кард. Ин қувваи Инҷил аст, ки бо Калисои Махфӣ дар тамоми мамлакатҳои паси Пардаи Оҳанин ифода ёфтааст!

Дастгирии ин Калисо ва ёрии моддӣ барои он — на фақат маънои якҷояшавӣ бо бародарони азобдидаро дорад, балки ин маънои зиндагӣ ё марги мамлакати худи шуморо ифода мекунад.

Дастгирии Калисои Махфӣ на танҳо ба манфиати масеҳияти озод аст, балки он бояд дастури ҳамаи ҳокимиятҳои озод бошад.

Калисои Махфӣ аллакай баъзе роҳбарони коммунистиро ба назди Масеҳ овард. Собиқ нахуствазири Румыния Георгиу Деж ба Масеҳ рӯ оварда, гуноҳҳои худ иқрор шуд ва дар зиндон чун одами наҷотёфта мурд.

Дар мамлакатҳои коммунистӣ коммунистони боломақом ҳастанд, ки пинҳонӣ Масеҳро мепарастанд. Онҳо метавонанд бисёртар шаванд ва он гоҳ метавонем дигаргуниҳои ҳақиқиро дар сиёсати ҳукумат интизор бошем.

Мо акнун дар ин лаҳза имкониятҳои хуб дорем! Коммунистон, ки аксар вақт дар ақидаҳои худ мисли мо, масеҳиҳо, самимӣ ҳастанд, ҳоло бӯҳрони ҷиддиро аз сар мегузаронанд. Онҳо ҳақиқатан боварӣ доштанд, ки коммунизм дӯстии халқҳоро ба вуҷуд меоварад ва акнун онҳо мебинанд, ки давлатҳои коммунистӣ байни худ мисли сагҳо ҷанг мекунанд. Онҳо ҳақиқатан боварӣ доштанд, ки коммунизм биҳиштро

дар рӯйи замин ба вуҷуд меоваранд, ба муқобили он биҳишти осмонӣ, ки онро онҳо фиреби ҳис ҳисоб мекарданд. Ва акнун онҳо мебинанд, ки халқи онҳо гурусна аст ва гандумро аз мамлакатҳои капиталистӣ овардан даркор аст. Коммунистон ба роҳбарони худ боварӣ доштанд ва акнун онҳо дар рӯзномаҳои худашон мехонанд, ки Сталин қотили ҳамагон ва Хрущев аҳмақ буд. Чунин ҳолат бо қаҳрамонони халқи онҳо Ракоши, Ана Паукер, Ранковичи ва дигарон низ рӯй дод. Коммунист ба дурусткории роҳбарони худ бовар намекунад. Онҳо мисли католикҳои бе Папа шуданд. Дар дилҳои онҳо ковокӣ ҳаст, ки онро фақат бо Масеҳ пур кардан мумкин аст.

Дили инсоният табиатан Худоро меҷӯяд, дар он холигии рӯҳ ҳукмрон аст, ки онро фақат Масеҳ пур кардан метавонад. Ин инчунин ба коммунистон ҳам дахл дорад.

Инҷил дар худ қувваи муҳаббатро дорад, ки онҳоро ҳам ба худ мекашад. Ман дидам, ки чӣ тавр имондорони зиндонӣ коммунистонро ба назди Масеҳ меоварданд ва медонам, ки ин комилан мумкин аст. Имондороне ки онҳоро коммунистон масхара мекарданд ва азоб медоданд, метавонистанд ҳар он чизеро, ки ба онҳо ва оилаҳои онҳо расонда шуд, бибахшанд ва фаромӯш кунанд. Онҳо ба коммунистон ёрӣ медиҳанд, то ки аз давраи мушкил гузаранд ва Масеҳро биёбанд. Дар ин кор ба онҳо ёрии таъҷилии мо даркор аст.

Ва на фақат дар ин кор. Муҳаббати масеҳӣ ҳамеша ҳаматарафа аст, имондорон рӯйбинӣ намекунанд. Исо мегуфт, ки офтоби Худо ба некон ва бадон мебарояд ва чунин ҳам дар бораи муҳаббати масеҳӣ гуфтан мумкин аст.

Дар Ғарб роҳбарони калисоҳое ҳастанд, ки муносибатҳои дӯстонаи худро бо коммунистон пинҳон намедоранд, ва инро бо таълимоти Масеҳ дар бораи муҳаббат ба душманон сафед мекунанд, вале Исо ягон бор нагуфта буд, ки мо бояд бародарони худро фаромӯш карда, фақат душманонро дӯст дорем.

Коммунистонро бисёр роҳбарони Калисоҳои ғарбӣ дӯст медоранд ва ин муҳаббат дар хушнуд кардани онҳое аён мешавад, ки дастонашон олудаи хуни бародарони азобдида ҳастанд, на дар хабардиҳии Хабари Хуши наҷот. Касоне ки дар зери ситами коммунизм ҳастанд, фаромӯш шудаанд ва онҳоро дӯст намедоранд.

Калисои Махфӣ бояд дар тамоми хизмати он дастгирӣ дошта бошад. Калисои паси Пардаи Оҳанин пури муҳаббат ва ҷидду ҷаҳд аст. Дар Русия шумо имондорони ширгармро намеёбед. Дар он ҷо шумо метавонед фақат имондори борашк ва пурҳарорат бошед ё тамоман ягон хел набошед, чунки шогирдӣ барои тарафдорони Масеҳ қимат меафтад. Имондорони паси Пардаи Оҳанин essential онҷунон вақтро сарф

намекунанд, чунон ки онро имондорон дар Ғарб барои ғайбатҳо дар бораи фарқиятҳои догматикӣ байни деноминасияҳо сарф мекунанд. Онҳо бо худи моҳияти масеҳият зиндагӣ мекунанд ва дар бораи он чизе ки ягон кас намедонад, баҳс намекунанд. Аммо онҳо олоти истеҳсолот ва ашёи меҳнат надоранд. Онҳо Китобҳои Муқаддас, маҷмӯаи сурудҳо, адабиёти динӣ ва воситаҳои ҳаракат кам доранд. Онҳо ба чизи аз ҳама зарурӣ барои хӯрандаҳои худ эҳтиёҷ доранд, ки бе он наметавонанд худро комилан барои хизмат бибахшанд. Онҳо ба деҳқоне монанд ҳастанд, ки дар саҳрои барои дарав расида истодааст, вале ягон чиз барои ҷамъ кардани ҳосил надорад.

Масеҳиёни аввалин аз худ мепурсиданд: оё Калисо фақат барои яҳудиён бунёд шудааст, ё барои бутпарастон ҳам? Ин савол ҷавоби дуруст гирифт. Дар намуди дигар ин масъала боз дар асри бистум ба миён омад. Масеҳият на танҳо барои Ғарб бунёд шудааст. Масеҳ на фақат ба Амрико, Англия ва дигар давлатҳои демократӣ тааллуқ дорад. Вақте ки Ӯ дар салиб овезон буд, як даст ба тарафи Ғарб ва дигараш ба тарафи Шарқ буд. Ӯ мехоҳад Подшоҳи на фақат яҳудиён, балки бутпарастон ҳам бошад, ҳам Подшоҳи коммунистон, ҳам Подшоҳи сокинони Ғарб. Исо гуфт: „Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи махлуқот башорат диҳед“. Ӯ барои ҳама хун рехт ва ҳама бояд имконият ёбанд, то ки дар бораи ин бифаҳманд. Масеҳ коммунистонро дӯст медорад ва мехоҳад онҳоро аз гуноҳ наҷот диҳад.

Баъзе роҳбарони Калисоҳои ғарбӣ ба ҷои ин муносибати дурусти ягона ба коммунистон қарор доданд муносибатҳои дигарро бисозанд: муносибати дӯстонаи ҳалимона. Онҳо гуноҳро маъқул медонанд ва ба коммунистон ва қурбониҳои онҳо барои наҷот ёфтан халал мерасонанд.

Вақте ки ман озод шудам ва занам маро дар бораи нақшаҳои оянда пурсид, ман ҷавоб додам: „Ман гӯшанишинии рӯҳиро мехостам“. Занам ҷавоб дод, ки худаш ҳам дар бораи ҳамин орзу мекунад. Дар ҷавонӣ ман хеле боғайрат, чусту чолок ва зиндадил будам, вале солҳои зиндон, хусусан ҳабси яккаса маро одами андешаманд ва ором карданд. Ҳамаи тӯфонҳои дил ором шуданд. Ман ба коммунизм одат кардам ва дигар ба он диққат намедодам. Ман дар оғӯши Домоди Осмонӣ будам ва барои азобдиҳандаҳои худ бо тамоми дил дуо мекардам. Ман барои озодшавӣ қариб умед надоштам, вале вақте ки дар бораи он фикр мекардам, ман ҳамеша орзуи онро мекардам, ки дар ягон ҷо бо Худованди худ дар муносибатҳои ширин танҳо бошам ва ҳамин тавр то рӯзҳои охирини худ зиндагӣ кунам.

Худо Ҳақиқат аст ва Китоби Муқаддас ҳақиқат дар бораи Ҳақиқат аст. Илоҳиётшиносӣ ҳақиқат дар бораи Ҳақиқат аст. Одамони имондор дар ин бисёр ҳақиқатҳо дар бораи Ҳақиқат зиндагӣ мекунанд ва барои

ҳамин аксаран Ҳақиқат надоранд. Мо бисёр вақт гурусна, задашуда ва аз нашъа беҳушшуда буда, дар бораи илоҳиёт ва мундариҷаи Китоби Муқаддас фаромӯш кардем. Мо ҳамаи ҳақиқатҳоро дар бораи Ҳақиқат фаромӯш кардем ва танҳо бо худи Ҳақиқат зиндагӣ мекардем. Навишта шудааст, ки Писари Одам дар чунин соате мебиёяд, ки Ӯро интизор намешаванд.

Мо дигар қобилияти мулоҳиза кардан надоштем, вале дар лаҳзаи аз ҳама душвори азоб ва шиканҷаҳои мо Писари Одам ба назди мо омад ва деворҳои зиндон мисли алмос дурахшиданд. Дар куҷое дур азобҳои мо дар муҳити ҷисмонӣ буданд, вале рӯҳ дар Худованд хурсандӣ мекард. Мо ин хурсандиро ба қасрҳои подшоҳӣ ҳам иваз намекардем. Ба муқобили ягон чиз ё ягон кас мубориза бурдан? Барои мо ин ҳатто ба сар ҳам намеомад! Ман намехостам, ки ҳатто дар муҳорибаи аз ҳама адолатнок ҷанг кунам.

Бо хоҳиши дар осоиштагӣ ва мулоҳизаи Худованд гузарондани зиндагии боқимонда ман зиндонро тарк кардам.

## Пас ман баъди озодшавӣ чӣ ёфтам?

Аз рӯзи якуми озодии худ ман чунин тарафҳои бади коммунизмро медидам, ки ҳатто дар зиндон чунинро дучор нашуда будам. Ман бо бисёр шубонони калисоҳо вохӯрдам ва онҳо худашон ба ман арз карданд, ки аз қавми худашон ба ҳукумат хабаркашӣ мекунанд. Ман онҳоро пурсидам: Оё онҳо тайёр ҳастанд, ки аз мақоми хабаркашии худ даст кашанд ва бо хатар барои зиндагӣ ин амалро қатъ кунанд? Онҳо ҷавоб доданд, ки ин корро намекунанд ва ба ман фаҳмонданд, ки инро на барои тарс мекунанд, балки барои он ки инкори онҳо ба баста шудани калисоҳо меоварd.

Дар ҳар як шаҳр намояндаи назораткунандаи „парастиш“ ҳаст, ки аъзои полиси пинҳонии коммунистӣ мебошад. Ӯ ҳақ дорад ҳар вақт шубони калисоро даъват карда, дар бораи аъзоён бипурсад: кӣ дар шикастани нон тез-тез иштирок мекунад, кӣ дар ибодат басе боэҳтимом аст, кӣ дигаронро ба назди Худованд меоварад. Агар шубон ҷавоб намедиҳад, ӯро иваз мекунанд ва ҳукумат каси дигарро мемонад.

Агар ҳукумат чунин одам надорад, ки чунин ҳодиса қариб рӯй намедиҳад, он калисоро маҳкам мекунад. Қариб ҳамаи мавъизагарон ба полиси пинҳонӣ маълумот медиҳанд ва фақат бо он фарқият, ки баъзеҳо бо дили нохоҳам маълумот дода, қисми маълумотҳоро пинҳон мекунанд, вале дигарон чунон виҷдони худро гум кардаанд, ки бе ягон шарм аъзоёни худро нобуд мекунанд.

Ман иқроршавии баъзе фарзандони риёзаткашонро шунидам, ки онҳо бояд аз оилаҳои худ хабаркашӣ мекарданд. Ба онҳо бо маҳрумшавӣ аз имконияти давом додани таълим таҳдид мекарданд.

Ман дар Конгресси баптистон будам, ки дар зери байрақи шӯравӣ ташкил шуда буд ва коммунистон қарор мекарданд, ки мақомҳои роҳбарикунанда ба кӣ тааллуқ дошта бошанд. Ман баъди ин фаҳмидам, ки ҳамаи роҳбарони калисоҳои расмиро ҳизби коммунистӣ таъин мекард. Ман фаҳмидам, ки дар ҷои Муқаддас, ки Исо дар бораи он гуфта буд, харобиро мебинам.

Дар ҳар замон шубонони нек ва бад ҳастанд, вале акнун аввалин бор дар таърихи Калисо Кумитаи Марказии ҳизби бедиёнат, ки мақсади решакан кардани динро дошт, қарор дод, ки калисоро роҳбарӣ кунад. Бо кадом мақсад онро роҳбарӣ кунад? Барои он ки суръати решакан кардани онро тез кунад!

Ленин навишта буд: „Ҳар як ақидаи динӣ, ҳар як фикри Худо ва ҳатто хушомадгӯӣ бо он бадии аз ҳама хатарноки тасвирнашаванда, марази хеле даҳшатнок аст. Миллионҳо иллатҳо, зӯроварӣ ва марази ҷисмонӣ нисбат ба ақидаи динӣ дар бораи Худо басе камхатаранд“.

Ҳизбҳои коммунистии ҳамаи давлатҳои шӯравӣ — тарафдорони Ленин, шогирдони ӯ ҳастанд. Дар фаҳмиши онҳо дин нисбат ба саратон, сил ва сифилис бадтар аст. Ва онҳо ҳал мекунанд, ки калисоҳоро бояд кӣ роҳбарӣ кунад. Инро бо онҳо роҳбарони калисоҳо дар якҷоягӣ мекунанд, ки ба қадри зиёд ё кам бо виҷдони худ созиш мекунанд.

Ман лексияҳои ёрдамчии усқуфи Калисои Лютерӣ Раппро шунида будам, ки гуфта буд, ки Худо се ваҳйро додааст: Мусо, Исо ва Карл Маркс!

Ман медидам, ки чӣ хел шуури кӯдакон ва ҷавонон бо атеизм заҳролуд мешуданд ва калисоҳои расмӣ қувват надоштанд, ки ин бадиро боздоранд. Дар ягон калисои пойтахти мо Бухарест шумо мактаби якшанбегиро барои кӯдакон ва ҷамъомади ҷавононро намеёбед. Кӯдакони имондоронро дар мактабҳои нафрат тарбия мекарданд. Ба ҳамаи ин нигоҳ карда, ман коммунизмро нисбат ба давраи дар зиндон буданам бештар меомӯхтам. Ман онро на барои он бад медидам, ки шахсан барои ман карда буд, балки барои он бадие ки он ба шӯҳрати Худо, ба номи Масеҳ ва миллионҳо ҷонҳое ки дар зери ҳокимияти он зиндагӣ мекарданд, меовард.

Деҳқонон аз тамоми вилоятҳо ба назди ман меомаданд ва дар бораи ҷорӣ шудани коллективизатсия ба ман нақл мекарданд. Онҳо акнун дар киштизорҳо ва токзорҳои худашон ғуломони гурусна буданд. Онҳо нон надоштанд, кӯдакон шир ва мева надоштанд ва ҳамаи ин дар мамлакати пури бойигариҳои табиӣ.

Бародарони имондор ба ман иқрор шуданд, ки ҳукумати нав аз онҳо дуздон ва фиребгаронро сохтаанд. Аз гуруснагӣ онҳо маҷбур мешуданд, ки аз киштизорҳои худашон бидузданд, ки дигар на ба онҳо, балки ба тамоми коллектив тааллуқ доштанд. Баъди дуздӣ дурӯғ гуфтан даркор буд, то ки ҷинояти худро пинҳон кунанд. Коргарон ба ман дар бораи террор дар заводҳо ва фабрикаҳо ва дар бораи чунин истисмори қувваи коргарӣ гап мезаданд, ки онро капиталистон дар хоб ҳам надидаанд. Коргарон аз ҳуқуқи корпартоӣ маҳрум буданд. Зиёиён маҷбур буданд, ки муқобили виҷдон бедиёнатиро тарғиб кунанд. Тамоми зиндагии сеяки қисми ҷаҳон вайрон ва бад шуда буд.

Духтарон ба назди ман омада, аз он шикоят мекарданд, ки онҳоро ба комсомол мекашанд ва баъд дар он айбдор мекунанд, ки онҳо бо бачагони имондор вомехӯранд ва ба онҳо бачаҳоеро пешниҳод мекарданд, ки бо онҳо вохӯрдан мумкин буд. Ҳамаи ин хеле ғайриҳақиқӣ ва маслуқона буд.

Баъди ҳамаи ин ман бо муборизони Калисои Махфӣ, рафиқони дераинаи худ вохӯрдам, ки онҳо ҳоло муборизаро давом медоданд. Барои баъзеҳо муяссар шуд, ки дар озодӣ бимонанд, дигаронро боз ба зиндон андохтанд, барои он ки хизмати худро қатъ кардан намехостанд. Онҳо маро ба мубориза даъват мекарданд, то ки бо онҳо дар муқобилият ба қувваҳои зулмот ёрӣ диҳам. Ман ба маҷлисҳои пинҳонии онҳо рафтанро сар кардам, ки дар он ҷо онҳо аз маҷмӯаи сурудҳои дастнавис суруд мехонданд.

Ба хотирам Антониюси муқаддас омад, ки 30 солро дар биёбон гузаронд. Ӯ дунёро комилан тарк намуд ва зиндагии худро дар рӯза ва дуо гузаронд. Вақте ки ӯ дар бораи низои байни Анастасий ва Арий оиди илоҳияти Масеҳ шунид, зиндагии ба дуо ва рӯза ҷалбшударо монда, ба Александрия омад, то ки ба ғалаба кардани ҳақиқат ёрӣ диҳад.

Ман қарор додам, ки чунон рафтор мекунам, ки то ман ҳамаи масеҳиён мекарданд: аз рӯйи намунаи Масеҳ, ҳаввориӣ Павлус ва муқаддасони бузург рафтор кунам ва фикр дар бораи аз кор рафтанро гузошта, боз ба мубориза бо хизмат баромадам!

Ин мубориза чӣ хел буд? Имондорон дар зиндон ҳама вақт барои душманони худ дуо мекарданд ва аз Худованд хоҳиш мекарданд, то ки барои шоҳид будан барои онҳо ёрӣ диҳад. Ман аз самими дил хоҳиш мекардам, ки душманони мо наҷот ёбанд ва вақте яке аз онҳо Масеҳро қабул мекард, хурсандии мо ҳадду канор надошт.

Вале ман фалокатовар ва риёкорона будани идеологияи коммунистӣ ва тамоми тартиботи онҳоро дидам ва барои ҳамин мехостам Калисои Махфиро мустаҳкам гардонам, чунки фақат он метавонад бо қувваи

Инҷил табаддулотро ба амал оварад. Ман танҳо дар бораи Румыния фикр намекардам.

Дар Ғарб ман дар мавриди ин масъала бо бепарвоии калон дучор шудам. Нависандагони тамоми ҷаҳон ба муқобили ҳабси Синявский ва Дониёл исён мебардоштанд, ки рафиқони худашон онҳоро ба зиндон андохта буданд, вале дар ягон калисо ба муқобили ҳабси оммавии имондорон эътироз баён нашуд. Ба бародар Кужик касе чӣ кор дорад, ки барои паҳн кардани адабиёти „заҳрноки амрикоӣ", ба монанди қисмҳои Навиштаҳои Муқаддас ба зиндон афтод? Дар бораи бародар Прокофиев кӣ шунидааст, ки мавъизаи дар варақҳо чопшударо тақсим мекард? Масеҳии яҳудӣ Грюнвалдро кӣ медонад, ки барои чунин „ҷиноят" ба зиндон афтод ва писарчаи хурдакакашро аз ӯ абадан ҷудо карданд? Ман медонам, ки ман чиро ҳис мекардам, вақте ки Михайи хурдсолро аз ман гирифтанд! Барои ҳамин ман ба бародар Грюнвалд ҳамдардӣ мекунам.

Иваненко, модаркалон Шевчук, Таисия Ткаченко, Екатерина Веказина, Георгий Веказин, ҳамсарон Пилат дар Латвия ва бисёр номҳои дигари азобдидагони асри бист!

Ман хам мешавам, то ки занҷирҳои онҳоро бибӯсам, чӣ тавре ки масеҳиён аввалин занҷирҳои бародарони худро мебӯсиданд, ки барои он тайёр карда буданд, то ки онҳоро ба пеши ҳайвонҳои ваҳшӣ барои хӯрдан бипартоянд. Баъзе роҳбарони ғарбӣ ба ин муқаддасҳо бепарвоёна муносибат мекунанд ва номҳои азобдидагон ба рӯйхате, ки онҳо барояшон дуо мекунанд, даровarda нашудаанд. Дар худи ҳамон вақте ин одамон азоб медиданд, ки роҳбарони расмии калисоҳои баптистӣ ва православӣ дар конференсияҳои дар Ню Дели ва Женева боэҳтиромона қабул мешуданд. Онҳо ҳамаи ҳозиршудагонро бо он бовар мекунонданд, ки дар Русия озодии пурраи динӣ ҳукмронӣ мекунад! Яке аз роҳбарони Шӯрои Умумиҷаҳонии Калисоҳо дар назди ҳамагон усқуфи шӯравӣ Никодимро бӯса кард, баъд аз он ки ӯ гуфт, ки дар Русия озодии пурраи динӣ ҳаст. Баъд онҳо якҷоя тантана мекарданд, дар вақте ки имондорони азобдида барои номи Масеҳ дар зиндон рӯдаҳои тозанокардаро мехӯрданд.

Ин ҳамин тавр давом ёфта наметавонист, ва барои ҳамин Калисои Махфӣ қарор дод, ки маро бо имконияти аввалин ба Ғарб фиристонад, то дар бораи он чизе ки ин ҷо рӯй медиҳад, ба шумо хабар диҳам. Ман қарор додам, ки коммунизмро рад кунам, гарчанде ки коммунистонро ҳам дӯст медоштам. Ман коммунизмро рад накарда, Инҷилро мавъиза кардан наметавонам!

Одамоне ҳастанд, ки ба ман мегӯянд: „Инҷили тозаро мавъиза кун!"

Ман ба хотир овардам, ки полиси пинҳонӣ ҳам ба ман мегуфт, ки ман метавонам Масеҳро мавъиза кунам, вале дар бораи кори шайтон ҳеҷ гоҳ гап назанам.

Наход онҳое ки аз ман хоҳиш мекунанд, ки Инҷили тозаро мавъиза кунам, бо он рӯҳе илҳомбахш шудаанд, ки полиси пинҳонии коммунистӣ бо он ҳаракат мекунад?

Ман намедонам, ки „Инҷили тоза“ чист. Оё Инҷили Яҳёи Таъмиддиҳанда тоза буд? Ӯ на танҳо гуфта буд „тавба кунед, ки Малакути Худо наздик шудааст“, вале инчунин гуфт: „Ҳиродус, ту одами бад ҳастӣ!“ Ӯ сари худро барои он аз даст дод, ки бо мавъизаи абстрактӣ маҳдуд намешуд. Исо на танҳо „Мавъизаи тозаи болои кӯҳ“-ро мегуфт, балки Ӯ ҳамонро мегуфт, ки баъзе шубонони ин замон онро, эҳтимол, мавъизаи манфӣ меномиданд: „Вой бар ҳоли шумо, эй риёкорон, фарисиён...“ Барои ҳамин насиҳати „нопок“ Ӯ таслиб шуд.

Мавъизаи болои кӯҳ фарисиёнро ба ҳаяҷон намеовард ва ба дараҷаи ниҳоят зиёд хашмгин намекард. Гуноҳро бо номи худаш хондан даркор аст.

Коммунизм — гуноҳи аз ҳама даҳшатнок дар замони мо мебошад! Ҳар як Инҷиле ки таълимоти коммунистиро инкор намекунад, он Инҷили тоза нест! Калисои Махфӣ бо хатар барои озодӣ ва зиндагӣ коммунизмро рад мекунад.

Наход дар Ғарб камтар кор кардан мумкин аст? Ман коммунизмро на ончунон рад мекунам, ки онро „зиддикоммунистон“ рад мекунанд. Гитлер зиддикоммунист буд, вале ба ин нигоҳ накарда, бедодгари ашаддӣ буд. Мо аз гуноҳ нафрат дорем, вале гуноҳкорро дӯст медорем. Ман коммунистонро дӯст дошта, коммунизмро бад мебинам. Чунин аст муносибати дурусти масеҳӣ нисбат ба коммунизм.

Мо бояд ҷонҳоро ба назди Масеҳ оварем, агар ҳатто ин рӯҳҳои коммунистон бошанд. Мо бояд муҳаббати амалиро зоҳир кунем ва аз он чизе ки ба мо карданд, ба изтироб наафтем. Имондороне ки аз тарафи коммунистон азоб дода шуданд, бо муҳаббати наҷот ба онҳо подош медиҳанд, ки онро дар Масеҳ гирифтаанд.

Дар маҳбаси коммунистӣ зиндониён барои худ хонаҳо намесозанд. Онҳо ҷое надоранд, ки сари худро ба он монанд. Барои чӣ онҳо хонаҳо бисозанд? Худи ҳамон вақте ки онҳо ба зиндон меафтанд, хонаҳоро аз онҳо кашида мегиранд. Танҳо хонаи худро доштани кас метавонад сабаби ҳабс шудани ӯ бошад, чунки мумкин ин хона ба коммунистон даркор бошад. Дар Калисои Махфӣ пеш аз он ки аз паси Масеҳ равед, шумо падари худро дафн намекунед ё бо оилаи худ хайрухуш намегӯед. Модар, хоҳар ва бародарони онҳо кӣ аст? Дар ин муносибат онҳо ба Масеҳ монанд ҳастанд.

Модар, падар, бародар ва хоҳари онҳо танҳо он кас аст, ки хоҳиши Падари Осмониро иҷро мекунад. Дар хусуси алоқаҳои табиӣ чӣ, оё метавонанд онҳо аҳамияти бисёре дошта бошанд, дар шароите ки фарзандон ҳар гоҳ ба волидайни худ хиёнат мекунанд, арӯсҳо домодро ва занҳо шавҳаронро рад мекунанд? Фақат алоқаи рӯҳӣ мустаҳкам мемонад.

Калисои Махфӣ — бадбахти азобдида аст, чӣ хеле ки калисои аввалин ду ҳазор сол пеш буд.

Барои башоратдиҳандагон илоҳиёти васеъ шинос нест. Онҳо гомилетикаро наомӯхтаанд, ба монанди он ки ҳаввориӣ Петрус онро наомӯхта буд. Ҳар як проффесори илоҳиёт ба Петрус барои мавъизаи ӯ дар Рӯзи Пантикост баҳои бад мегузошт.

Оятҳои Китоби Муқаддас дар мамлакатҳои коммунистӣ кам маълум ҳастанд, чунки дар он ҷо Китоби Муқаддас кам аст, ба ғайр аз ин башоратдиҳандагон бисёр солҳо дар зиндон буданд, ки дар он ҷо тамоман Китоби Муқаддас надоштанд. Вақте ки онҳо муҳаббатро ба Падар изҳор мекунанд, аз паси ин изҳорот бисёр чизҳо ниҳон мебошанд, чунки онҳо чизҳои зиёдро аз сар гузарондаанд. Ҳангоми дар зиндон будан онҳо аз Худо нонро талаб мекарданд ва шӯрбои аз карами пӯсида тайёршуда ва рӯдаҳои нотоза, пӯчоқи картошкаро мегирифтанд. Ва ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, онҳо Худоро Падари дӯстдошта ҳисоб мекунанд! Онҳо ба Айюб монанд ҳастанд, ки гуфта буд, ки Худоро дӯст медорад ва ба Ӯ бовар мекунад, ҳатто агар Ӯ вайро кушад. Онҳо ба Исо монанд ҳастанд, ки ҳатто дар салиб ҳам Худоро Падар мехонд, вақте ки Вай Ӯро гӯё тарк карда буд.

Ҳар касе ки бо зебоии рӯҳии Калисои Махфӣ шинос шуда буд, наметавонад бо бемаъноӣ ва хунукназарии баъзе Калисоҳои ғарбӣ розӣ бошад.

Ман ҳар гоҳ рӯҳан азоб мекашам, чунки бо чашмони худам мебинам, ки чӣ тавр тамаддуни ғарбӣ мемирад. Освалд Шпенглер соли 1926-ум дар китоби худ „Таназзули ғарб“ навишта буд: „Ту мурда истодаӣ, ман дар ту ҳамаи аломатҳои вайроншавиро мебинам. Ман метавонам ба ту исбот кунам, ки бойигарии бузурги ту ва қашшоқии беандозаат, капитализм ва сотсиализми ту, ҷангҳо ва инқилобҳои ту, бедиёнатии ту, ноумедӣ, таназзули маънавӣ, вайроншавии оилаҳо, талоқдиҳӣ ва назорати зоиш, ҳамаи ин шираатро аз поён аз ту кашида мебарорад ва аз боло, аз сар мекушад. Ман ба ту исбот мекунам, ки ин ҳама аломатҳое ҳастанд, ки пеш аз таназзули тамаддуни бузурги Искандарияи қадим, Юнон ва Руми неврозӣ буданд“.

Ин дар соли 1926-ум навишта шуда буд ва аз он вақт демократия ва тамаддун дар қисми Аврупо ва ҳатто дар Куба ҳам мурдаанд.

Қисми боқимондаи Ғарб хоб рафтааст. Фақат як қувва дар Ғарб хоб намеравад. Ин қувваи коммунизм аст. Он вақте ки дар шарқ аз коммунизм ноумед шуданд, дар ғарб ҳанӯз он қувваҳои зиндагии худро гум накардааст.

Коммунистони ғарбӣ ба ҳикояҳо дар бораи бераҳмӣ, зиндагии вазнин ва таъқибкунӣ дар мамлакатҳои коммунистии шарқ бовар намекунанд. Онҳо имони худро ва ғайрати монданашавандаи худро дар ҳама ҷо паҳн мекунанд: дар синфҳои болоии ҷамъият, байни зиёиён, донишҷӯён, камбағалон ва аъзоёни калисо. Мо имондорон, бештар фақат то нисф дар тарафи ҳақиқат меистем, вале онҳо бо тамоми дилу ҷон дар тарафи фиреб истодаанд. Илоҳиётшиносони ғарбӣ бошанд дар ин вақт бо мунозираҳо дар бораи майда-чуйдаҳо ва саволҳои дуюмдараҷа машғул ҳастанд.

Ин барои ман як воқеаро аз таърих ёдрас мекунанд. Вақте ки қӯшунҳои Муҳаммади Дуюм соли 1943 Константинополро муҳосира карданд ва қисмати Балкан барои асрҳо ҳал мешуд, ки онҳо бояд масеҳӣ бошанд ё мусулмон, шӯрои калисои маҳаллӣ бо ҳалли чунин саволҳо машғул буд: ранги чашмони Марями Бокира чӣ хел буд? Ҷинси фариштагон кадом аст? Агар магас ба оби муқаддас биафтад, чӣ мешавад? Магар магас табаррук мешавад ё об ҳаром мешавад?

Мумкин ин ривояте бошад, ки ба он давра тааллуқ дорад, вале маҷаллаҳои замонавии калисоҳоро аз назар гузаронед ва шумо меёбед, ки дар онҳо бештар чунин масъалаҳо муҳокима мешаванд. Хатари коммунизм ва азобҳои Калисои Махфӣ қарибягон бор ёдовар намешаванд. Шумо баҳсҳои беохирро дар бораи масъалаҳои илоҳиётшиносӣ, расму русум ва ҳар гуна корҳои дуюмдараҷа меёбед.

Касе чунин савол дод: „Агар шумо дар киштии ғарқшуда будед ва ба шумо муяссар шуд, ки ба ҷазирае дар баҳр бирасед, шумо кадом китобро аз китобхонаи киштӣ бо худ мегирифтед?“ Баъзеҳо „Китоби Муқаддас“ мегуфтанд, баъзеҳо „Шекспир“, вале як нависанда ҷавоб дод, ки ӯ мехост чунин китоберо бигирад, ки он ба ӯ сохтани завракро ёд медода бошад, то ӯ тавонад ба соҳил бирасад ва дар он ҷо боз имконият дошта бошад, ки чизеро, ки маъқул аст, бихонад.

Озодии динро нигоҳ доштан ва афсӯс хӯрдан барои гум кардани ин озодӣ бо сабаби таъқибҳои коммунистӣ нисбат ба истодагарӣ дар ягон мулоҳизаи илоҳиёт басе муҳимтар аст.

„Ҳақиқат озод мекунад“ — мегуфт Масеҳ, вале айнан ҳамин тавр озодӣ ва фақат озодӣ ҳақиқатро медиҳад. Мунозираҳо дар бораи чизи дуюмдараҷа фоида намеоваранд, ва барои мо басе муҳимтар он аст, ки ба муқобили ҳуҷуми атеизм дар як фронт ҷамъ шавем.

Ман барои он азоб мекашам, ки аз паси Пардаи Оҳанин Калисо азоб мекашад ва азоби он рӯз аз рӯз тоқатнопазир мешавад. Чунин азобҳоро шахсан аз сар гузаронда, ман метавонам онҳоро ба худ тасаввур кунам.

Чанде пеш рӯзномаҳои шӯравӣ „Известия“ ва „Ҳаёти деҳот“ баптистони русро дар он айбдор карданд, ки онҳо ба аъзоёни худ куштанро барои раҳмдилӣ овардан барои гуноҳҳо таълим медиҳанд. Ин айбдоркунии кӯҳна оиди маросими куштор аллакай пеш дар ҳаққи ибриён гуфта мешуд. Вале ман медонам ин чӣ маъно дорад, чунки соли 1959 дар зиндон, дар Румыния бо одаме бо насаби Лазарович мешиштам, ки ӯро дар куштани духтар айбдор мекарданд. Ӯ фақат сисола буд, вале мӯйҳои ӯ дар як шаб аз азобҳои даҳшатнок сафед шуданд. Ӯ ба пири кухансол монанд буд. Дар дастони ӯ нохун набуд. Онҳоро канда, кӯшиш мекарданд ӯро маҳбур кунанд, то дар ҷинояти содирнакардааш иқрор шавад. Баъди шиканҷаҳо бегуноҳии ӯ маълум шуд ва ӯро озод карданд, ки акнун ба ӯ ягон чизро намедод. Ӯ одами ба таври доимӣ заифшуда буд.

Одамон метавонанд бихонанд ва бар сари айбдоркуниҳои дурӯғ биханданд, ки ба баптистон бор мекарданд, вале ман медонам, ки ба айбдоршавандагон чӣ ҳодиса рӯй медиҳад. Дар Ғарб зиндагӣ кардан ва ҳама вақт дар пеши худ чунин манзараҳои гузаштаро доштан хеле вазнин аст.

Куҷоянд акнун архиускуф Ермоген аз Калуга ва ҳафт усқуфи дигар, ки ба кооператсияи беандоза бо режими Шӯравӣ, ки патриарх Алексей ва архиусқуф Никодим ба сомон мерасонанд, зиддият нишон доданд.

Агар ман шоҳиди марги як усқуфи румынӣ намебудам, ман барои қисмати ин усқуфони парҳезгор ташвиш намекашидам.

Коҳинон Николай Эшлиман ва Глеб Якумин аз тарафи патриарх ҷазои қатъӣ гирифтанд, барои он ки озодиро барои Калисо талаб карданд. Дар бораи ин дар ғарб медонанд, вале ман бо падар Иоанн аз Владимирешти дар зиндон, дар Румыния будам ва медонам, ки ӯ ҳам барои чунин „ҷиноят“ ҳабс шуд. Зоҳиран ин чун боз як насиҳатдиҳӣ ба рӯҳонии беитоат менамуд, вале роҳбарони расмии Калисо даст ба даст бо полиси пинҳонии коммунистӣ кор мекарданд ва онҳо бародарони худро ба зиндон „бадарға“ мекарданд. Баъди тафтишоти оддӣ ҳамеша чораҳои қатъӣ дида мешуданд: шиканҷаҳо, азобҳо, нашъа ва дигар „хубиҳо“-и зиндон.

Ман дар бораи азоби имондороне ки аз тарафи коммунистон таъқиб карда мешаванд, фикр карда, меларзам. Ман дар бораи қисмати абадии таъқибкунандагон ва азобдиҳандагон фикр карда,

меларзам. Ман дар бораи имондорони озоди ҷаҳон, ки ба бародарони таъқибшудаи худ ягон ёрӣ намедиҳанд, фикр карда, меларзам.

Дар қалби худ ман хоҳиши нигоҳ доштани зебоии токзори шахсии худро дорам ва ба чунин муборизаи бузурги намоён ҳамроҳ нашавам. Ман мехостам дар ягон ҷои осуда ва ором қарор дошта бошам, вале ин мумкин нест.

Оромӣ ва осудагие ки ман дар бораи онҳо орзу мекардам, мебоист дур будан аз ҳақиқат ва хатар барои ҷони ман мебуданд. Агарчи ин мубориза барои ман басе хатарнок аст, ман бояд онро давом диҳам. Агар ман ногаҳон ғайб занам, шумо метавонед боварӣ дошта бошед, ки маро коммунистон дуздиданд. Онҳо маро соли 1948-ум дар кӯча дуздида, бо номи қалбакӣ ба зиндон андохтанд. Анна Паукер, ки он вақт вазири корҳои хориҷии мамлакати мо буд, ба сафири шведӣ Петрик фон Ройтерсверде гуфтааст: „Вурмбранд акнун дар кӯчаҳои Копенгаген сайру гашт карда истодааст“. Сафири шведӣ дар ин вақт номаи маро дар кисаи худ дошт, ки ба ман муяссар шуд онро аз зиндон бидиҳам. Ӯ гуфт, ки ба ӯ дурӯғ мегӯянд. Ин метавонад такрор шавад.

Агар маро мекушанд, шумо метавонед боварӣ дошта бошед, ки қотилро коммунистон таъин карданд. Барои ягон каси дигар куштани ман даркор нест. Агар шумо овозаро дар бораи он мешунавед, ки ман одами рӯҳан вайроншуда, дузд, бачабоз, зинокор ё субъекти аз ҷиҳати сиёсӣ беэътимод, дурӯғгӯй ва ё ягон чизи дигар ба монанди инҳо ҳастам, бифаҳмед, ки ин иҷрошавии таҳдиди полиси пинҳонӣ аст: „Мо туро рӯҳан нест мекунем“...

Аз манбаъҳои боэътимод ман фаҳмидам, ки коммунистони румынӣ баъди шаҳодатам дар назди Сенати амрикоӣ қарор доданд маро бикушанд.Онҳо кӯшиш мекунанд маро бикушанд ё шӯҳрати маро нест кунанд. Онҳо таҳдидро кор мефармоянд ва дӯстони маро дар Румыния террор мекунанд. Дар ихтиёри онҳо воситаҳо ва имкониятҳои калон ҳастанд.

Ва ба ҳар ҳол ман наметавонам хомӯш бошам ва шумо бояд ба чизе ки ман мегӯям, бо диққат гӯш диҳед. Ҳатто агар шумо фикр мекунед, ки баъди ҳамаи он чизе ки аз сар гузарондаам, ман аз васвасаи таъқиб азоб мебинам, таваҷҷӯҳ кунед, ки чӣ гуна қувваи бузургест ин коммунизм, ки қобил аст мардумро барои азоб дидан аз чунин комплекс маҷбур кунад!? Ин чӣ гуна қувваест, ки немиси Германияи Шарқиро маҷбур мекунад, ки кӯдакро гирифта, бо хатар барои худ ва оилаи худ бо булдозер садди симхордорро зада гузарад?!

Ғарб хоб рафтааст ва онро бедор кардан даркор!

Одамони азобдида барои худ бомаки пастро меҷӯянд, ки вайро барои азобҳои худ айбдор кардан мумкин бошад. Ёфтани чунин

„бомак“ вазъиятро нисбатан осон мекунад, вале барои ман гуноҳро ба касе бор кардан дуруст намебуд. Ман наметавонам Калисоҳои дар ғарб бударо айбдор кунам, ки ба коммунистон гузашт мекунанд. Бадӣ аз онҳо намебарояд. Он басе калонтар аст. Худи роҳбарони Калисоҳо — қурбониҳои бадии кӯҳна ҳастанд. Бесарусомониро дар Калисоҳо онҳо насохтаанд. Онҳо фақат онро мерос гирифтанд.

Аз он вақте ки ба ғарб омадам, ман якчанд семинарияҳои диниро дидан намудам. Ман лексияҳои онҳоро дар бораи таърихи зангӯлаҳо ва муноҷоти калисо, дар бораи қонунҳои динӣ, ки онҳоро касе иҷро намекунад ва дар бораи интизоми калисо, ки дер боз аз хотир ҳам рафтааст, гӯш мекардам. Ман донишҷӯёни илоҳиётро дучор шудам, ки онҳоро таълим медоданд, ки ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи офариниши олам мисли воқеа дар бораи Одам, тӯфон ва мӯъҷизаҳои Мусо нодурустанд, гӯё пешгӯиҳо баъд аз оне ки онҳо иҷро шуданд, навишта шудаанд, гӯё ҳомиладоршавии бокира — афсона аст, эҳёшавии Исои Масеҳ — гапи бофта, гӯё устухонҳои Ӯ дар куҷое дар тобут мондаанд, номаҳои ҳаввориён нодурустанд, китоби Ваҳй — сафсатаи девона аст, вале дар боқимондааш Библия комилан Китоби Муқаддас аст!

Ана роҳбарони замонавии калисоҳо чиро меомӯхтанд, вақте ки онҳо донишҷӯёни семинария буданд! Ана ҳамон фазое ки онҳо имрӯз дар он зиндагӣ мекунанд! Барои чӣ онҳо ба Худованд, ки дар бораи Ӯ чунин чизҳои бемаънӣ нақл мекунанд, эътиқоднок бошанд? Барои чӣ роҳбарони калисоҳо садоқат ба Калисоро нигоҳ доранд, ки дар он таълим додан мумкин аст, ки Худо мурдааст.

Онҳо роҳбарони калисои расмиянд, на Арӯси Масеҳ. Онҳо роҳбарони калисоҳое ҳастанд, ки дар онҳо бисёриҳо кайҳо боз ба Масеҳ хиёнат кардаанд. Вақте ки онҳо одами азобдидаро аз Калисои Махфӣ дучор мешаванд, ба ӯ чун ба ягон чизи аҷоиб нигоҳ мекунанд.

Сониян, одамро бо як ҷиҳати ӯ баҳо додан хуб нест. Чунин рафтор карда, мо ба фарисиён монанд мешудем, ки Масеҳ ба онҳо бад менамуд, чунки қонунҳои онҳоро нисбати рӯзи шанбе иҷро намекард. Ин чиз чашмонро аз он чи ҳатто мувофиқи фаҳмиши онҳо ҷолиб буд, тамоман пӯшонд.

Худи ҳамон роҳбарони Калисоҳо, ки ба коммунизм муносибати нодуруст доранд, метавонанд дар муносибатҳои дигар басе ҳақдор бошанд ва дар ақидаҳои худ самимӣ бошанд.

Онҳо метавонанд фикри худро оиди он чи ҳанӯз иштибоҳ доранд, дигар кунанд.

Як митрони православӣ дар Румыния ба коммунистон хизмат мекард ва „гӯсфандони“ худро нобуд мекард. Ман дастони Ӯро ба дастони худ гирифта, масалро дар бораи писари нохалаф ба ӯ нақл

кардам. Сӯҳбати мо бегоҳирӯзӣ дар боғ рӯй дод ва ман гуфтам: „Бинед, ки бо чӣ хел муҳаббат Худо гунаҳкори ба назди Ӯ баргаштаро қабул мекунад. Ӯ бо дилу ҷон ҳатто усқуфро қабул мекунад, агар ӯ ба гуноҳҳояш иқрор шавад".

Ман ба ӯ сурудҳои масеҳӣ мехондам ва ӯ тавба кард.

Дар зиндон ман дар як ҳуҷра ҳамроҳи як коҳини православӣ мешиштам, ки ӯ бо умеди озодшавӣ лексияҳои атеистиро менавишт. Ман бо ӯ гап задам ва ӯ ҳамаи навиштаҳояшро даронд, агарчи хатари тамоман гум кардани имконияти озодшавиро дошт.

Барои ман касеро бомаки паст кардан ва ҳамин тавр бореро, ки дар дили ман истода буд, сабук кардан нодуруст мебуд.

Ман боз як бадбахтии дигар дорам. Ҳатто дӯстони наздикам маро намефаҳманд. Онҳо маро дар бераҳмӣ ва муносибати бад нисбат ба коммунистон айбдор мекунанд, вале ман медонам, ки ин чунин нест. Нависанда Клавдий Монтефиоре гуфтааст, ки муносибати Исо ба фарисиён ва фарсиёнро фош кардани Ӯ ба таълимоти Ӯ дар бораи муҳаббат ба душманон ва дуоҳои хайр ба онҳое ки моро лаънат мекунанд, муқобил аст, коҳин Маттэус, декани калисои ҷомеи Павлуси Муқаддас хулоса кард, ки ин номувофиқӣ ва номунтазамӣ дар иродаи Исо бо он бахшидашаванда аст, ки Исо одами баландмаърифат набуд! Чунин тасаввурот дар бораи Исо нодуруст аст. Исо фарисиёнро дӯст медошт, гарчанде дар назди ҳамагон онҳоро фош мекард. Ва ман ҳам коммунистон ва онҳоеро, ки дар калисоҳо онҳо истифода мебаранд, дӯст медорам, гарчанде онҳоро ошкоро сарзаниш мекунам.

Ба ман ҳамеша мегӯянд: „Коммунистонро фаромӯш кун! Фақат бо корҳои рӯҳонӣ машғул шав!"

Ман имондореро вохӯрдам, ки аз дасти миллатчиён азоб дида буд ва ӯ ба ман гуфт, ки то он вақте ки ман Масеҳро мавъиза мекунам, ӯ комилан тарафдори ман аст, вале ба фикри ӯ ман бояд дар бораи коммунистон гап назанам. Ман ӯро пурсидам, ки оё имондорон хато карданд, ки ба муқобили гитлеризм мубориза мебурданд ва оё бояд фақат бо мавъиза аз Китоби Муқаддас маҳдуд мешуданд ва ӯ ҷавоб дод: „Вале охир Гитлер шаш миллион яҳудиёнро нест кард! Дар бораи ӯ гуфтан даркор буд". Ман ба ӯ гуфтам, ки Сталин сӣ миллион одамро нобуд кард. Наход мо бояд фақат ҳамон вақт ба ғазаб оем, вақте ки яҳудиёнро мекушанд, на русҳоро? Ӯ дар ҷавоб ба ман гуфт: „Ин тамоман кори дигар аст".

Ва ман ягон шарҳеро нагирифтам.

Маро ҳам дар давраи Гитлер ва ҳам дар давраи коммунистон дар полис азоб медоданд ва ман ягон фарқиятро намедидам. Ман аз зарбу лати ҳам инҳо ва ҳам онҳо дардро ҳис мекардам.

Масеҳият бояд на фақат ба муқобили коммунизм, балки ба муқобили бисёр намуди гуноҳҳо мубориза барад. Мо на фақат гирифтори ҳамин як мушкилот ҳастем.

Ба ман иҷозат диҳед як бори дигар такрор кунам: мақсади зиндагии одам — ба Масеҳ монанд шудан аст.

Мақсади коммунизм — ба мақсад расидани масеҳиро пешгирӣ кардан аст. Коммунистон асосан зидди дин мебошанд. Онҳо боварӣ доранд, ки одам баъд аз марг ба ҳамон моддаҳои кимиёвӣ табдил мешавад, ки дар зиндагӣ ба таркиби ҷисми ӯ дохил мешуданд. Онҳо мехоҳанд, ки тамоми зиндагӣ дар ҳамвории материя гузаронда шавад. Онҳо фақат бо омма шинос ҳастанд. Ба монанди иблисони Аҳди Ҷадид, онҳо мегӯянд, ки номи онҳо „легион“ аст. Фардият, ки ҳадяи бузургтарини Худо ба Одам аст, ба фикри онҳо бояд нест шавад. Онҳо одамеро барои он ҳабс карданд, ки аз ӯ китоби Макс Адлер бо номи „Психологияи индивидуалӣ“-ро ёфтанд. Офисери полиси пинҳонӣ фарёд зад: „Ҳа! Фардият ҳама вақт фардият аст! Барои чӣ коллектив не?“

Исо мехоҳад, ки мо индивидуалӣ бошем, хусусиятҳои шахсии худро дошта бошем ва барои ҳамин коммунизм ва масеҳият нуқтаи баҳамрасӣ надоранд. Коммунистон инро медонанд.

Маҷаллаи „Илм ва дин“ менависад: „Дин бо коммунизм якҷо намешаванд. Онҳо яке ба дигаре душман мебошанд. Мундариҷаи барномаи ҳизби коммунистӣ барои дин зарбаи ҳалокатовар мерасонад. Барномаи ҳизби коммунистӣ барои сохтани ҷамъияти бедин равона карда шудааст, ки дар он одамон аз асирии дин абадан озод мешаванд“.

Оё метавонад масеҳият бо коммунизм якҷоя зиндагӣ кунад? Ҷавоби худи коммунистонро меоварам: „Коммунизм ба дин зарбаи ҳалокатовар мерасонад!“

# БОБИ ПАНҶУМ

Ман боз дар бораи калисои таъқибшуда гап мезанам.

Он дар шароити вазнини тоқатнопазир кор мекунад.

Атеизм дини давлатӣ дар ҳамаи мамлакатҳои коммунистӣ аст. Онҳо андаке озодиро барои имони пиронсолон медиҳанд, вале кӯдакон ва ҷавонон бояд дар ягон ҳолат имон наоваранд! Дар ин мамлакатҳо ҳама ба решакан кардани дин равона шудааст: радио, телевизион, кино, театр, адабиёт...

Калисои Махфӣ барои муқобилият бо тартиботи тоталитарӣ имкониятҳои кам дорад.

Пинҳонкорони он дар Иттиҳоди Шӯравӣ ягон тайёрии илоҳиётшиносиро нагузаштаанд ва чунин одамоне ҳастанд, ки ягон бор тамоми Китоби Муқаддасро нахондаанд. Мо як коҳини ҷавони рус, хизматгори пинҳонии Калисои азобдидаи Православиро вохӯрдем ва пурсидем, ки ӯро кӣ таъин кардааст. Ӯ ҷавоб дод, ки усқуфи ҳақиқиро наёфт, роҳбарони расмӣ бошанд бе иҷозати ҳизби коммунистӣ ягон касро таъин намекунанд. Ҳамроҳи дигарон ӯ ба қабри усқуфи азобдида рафт. Ду нафар дастонро ба болои санги сари қабри ӯ гузоштанд, дигарон истода дасти ҳамдигарро мегирифтанд ва ҳама якҷоя бо дуо хоҳиш мекарданд, то ки Рӯҳи Муқаддас онҳоро ба хизмат бибахшад. Онҳо боварӣ доштанд, ки дастони сӯрохшудаи Масеҳ дастмониро ба амал оварданд.

Ман фикр мекунам, ки дастмонии ин одами ҷавон дар чашмони Худо дуруст аст. Чунин одамон бо чунин дастмонӣ бе тайёрии махсус ва фаҳмиши Китоби Муқаддас кори бузурги Калисои Махфиро мекунанд. Он ба Калисои аввалин монанд аст.

Он касоне ки барои Масеҳ тамоми ҷаҳонро чаппа карданд, кадом семинарияҳоро тамом кардаанд? Оё онҳо метавонистанд ҳама чизро бихонанд? Онҳо аз куҷо метавонистанд Китобҳои Муқаддасро дошта бошанд? Худо бо онҳо гап мезад!

Дар Калисои Махфӣ ибодатхонаҳои ҷомеъ нестанд, вале кадом ибодатхонаи ҷомеъ метавонад бо зебоии осмон баробар шавад, ки ба сӯи он назари худро мебардоштем, вақте ки дар ҷангалҳо пинҳонӣ ҷамъ мешудем? Чаҳ-чаҳи паррандагон мусиқии органро менамуд ва бӯйи гулҳо ба ҷои бухур буд. Костюми кӯҳнаи азобдидаи озодшуда

нисбат ба ридои рӯҳонӣ ҷолибтар буд. Моҳ ва ситорагон барои мо чун шамъҳо буданд ва фариштаҳо онҳоро барои мо дармегиронданд. Ман наметавонам зебоии он Калисоро фаромӯш кунам! Бисёр вақт, баъди маҷлиси пинҳонӣ имондоронро дастгир мекарданд ва ба зиндонҳо меандохтанд ва онҳо занҷирҳои худро бо хурсандӣ мепӯшиданд, чунон ки арӯс ороишҳои тӯҳфакардаи маъшуқи худро мепӯшад.

Ман имондорони пирӯзмандро фақат дар Китоби Муқаддас, дар Калисои Махфӣ ва дар зиндон ёфтам.

Калисои Махфӣ дар зери ситами зӯроварӣ азоб мебинад, вале инчунин бисёр дӯстон дорад... ҳатто дар байни аъзоёни полиси пинҳонӣ... ва аъзоёни ҳукумат. Дар баъзе мавридҳо ин имондорони пинҳонӣ Калисои Махфиро муҳофизат мекунанд.

Чанде пеш рӯзномаҳои шӯравӣ аз зиёдшавии адади „беимонони зоҳирӣ" шикоят карданд ва шарҳ доданд, ки ин миқдори беҳисоби одамон аз тамоми соҳаҳои қувваи коммунистӣ: бюроҳои ҳукуматӣ, департаментҳои тарғибот ва дигарон мебошанд, ки зоҳиран худро чун коммунистон вонамуд мекунанд, вале дар ҳақиқат имондорони пинҳонӣ ва ҳатто аъзоёни Калисои Махфӣ ҳам ҳастанд. Матбуоти коммунистӣ дар бораи зане нақл мекунад, ки дар департаменти тарғибот кор мекард.Баъд аз кор вай ба хонаи худ мерафт, ки дар он ҷо шавҳари аз кор омадаро пешвоз мегирифт ва баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ онҳо дар хондаи худ ҷавононро аз хонаҳои дигар барои хондани Китоби Муқаддас ва дуоҳо ҷамъ мекарданд.

Ин як воқеаи танҳо нест. Дар тамоми ҷаҳони коммунистӣ ин гуна бисёр рӯй медиҳад. Чунин „беимонони зоҳирӣ" даҳҳо ҳазорон дар тамоми мамлакатҳои коммунистӣ шудаанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки барои онҳо дар калисоҳои расмӣ иштирок накардан беҳтар аст, ки дар он ҷо онҳоро таъқиб мекунанд ва Инҷили омехтакардашударо пешкаш мекунанд. Онҳо дар вазифаҳои масъулиятноки худ меистанд ва аз он ҷо эҳтиёткорона, вале бо самар дар бораи Масеҳ шаҳодат медиҳанд.

Калисои Махфӣ ҳазорҳо нафар чунин аъзоёнро дорад, ки дар таҳхонаҳо, болои бомҳо ва дар хонаҳо ҷамъ мешаванд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ баҳсу мунозираҳо дар бораи фарзандтаъмидкунӣ ё дурусткории Папа кам ҳастанд. Дар он ҷо баҳскунандаҳо дар бораи он нестанд, ки Подшоҳии Ҳазорсола аллакай фаро расидааст ё дертар фаро мерасад. Онҳо наметавонанд пешгӯиҳоро тафсир диҳанд ва дар бораи онҳо баҳс намекунанд, вале ман ҳар гоҳ аз он ҳайрон мемондам, ки онҳо барои атеистон мавҷудияти Худоро хеле хуб исбот кардан метавонистанд! Ҷавоби онҳо ба атеистон басе осон аст: „Агар шуморо ба зиёфат даъват мекарданд ва таомҳои ҳархелаи бомазаро медоданд,

наход шумо бовар мекардед, ки ягон кас онро тайёр накардааст? Охир, табиат зиёфати барои мо тайёркардашуда аст! Шумо помидор ва шафтолу, себ ва асал доред. Ҳамаи инро барои одам кӣ тайёр кардааст? Табиат нобино аст. Агар шумо ба Худо бовар намекунед, ҳамаи ин тайёрии хуби он чизҳое ки барои одам зарур аст, чӣ тавр мефаҳмонед? Шумо ҳамин хел гуногунӣ ва фаровонии чизҳои барои ҳаёти одам зарурро чӣ тавр мефаҳмонед?"

Онҳо метавонанд вуҷуд доштани зиндагии баъд аз маргро исбот кунанд ва ман шунидам, чӣ тавр як имондор ба атеист исбот мекард: „Фарз мекунем, ки мо метавонистем бо ҷанин дар батни модар гап занем ва ба ӯ мегуфтем, ки ҳаёти ӯ на ҳамеша дар ҳолати ҳозирааш мемонад ва баъди он ҳолати дигари басе мукаммал фаро мерасад. Ӯ ба мо чӣ ҷавоб медод? Ӯ ба мо чунин ҷавоб медод, ки шумо, атеистон, ба мо ҷавоб медиҳед, ки зиндагии дигар нест ва зиндагӣ дар батни модар имконияти ягона аст ва ҳамаи дигар хурофотҳои динӣ аст. Вале агар ҷанин фикр кардан метавонист, ӯ мегуфт: «Ана аз ман дастон мерӯянд, ки ба ман даркор нестанд ва ҳатто наметавонам онҳоро рост кунам. Барои чӣ онҳо аз ман мерӯянд? Шояд барои ягон давраи дигари мавҷудияти ман, ки дар он ман метавонам онҳоро истифода барам. Аз ман пойҳо мерӯянд, вале ман онҳоро ба ҷисми худ, қариб ба сина ҷафс карда, нигоҳ медорам. Барои чӣ онҳо мерӯянд? Шояд маро дар дигар олами калон зиндагие интизор аст, ки дар он ба ман роҳ гаштан даркор мешавад. Чашмони ман инкишоф меёбанд, агарчи ман бо торикӣ фаро гирифта шудаам ва онҳо тамоман ба ман даркор нестанд. Пас барои чӣ онҳо инкишоф меёбанд? Шояд олам ва зиндагии наве ки маро интизор ҳастанд, рӯшноӣ ва ранг дошта бошанд, ки онҳоро бе чашмон дидан наметавонистам».

Агар ҷанин дар бораи инкишофи шахсии худ фикр карда метавонист, ӯ метавонист тахмин кунад, ки ӯро зиндагии дигар интизор аст ва онро ба худ тасаввур кунад. Бо мо ҳам айнан ҳамин тавр аст. Вақте ки мо ҷавон ҳастем, мо ғайрат дорем, вале ба қадри кофӣ ақл надорем, то ки онро дуруст истифода барем. Бо гузашти солҳо мо дар шуур ва таҷриба инкишоф меёбем, вале аробаи тобуткашӣ моро интизор аст, то ки моро ба қабристон барад. Пас барои чӣ ба мо дар дониш инкишоф ёфтан даркор буд, ки барои кор фармудани он вақт намемонад? Барои чӣ дастон, пойҳо ва чашмони ҷанин инкишоф меёбанд? Барои он ЧӢ МЕШАВАД! Айнан чунин ҳодиса бо мо ҳам рӯй медиҳад, то он вақте ки мо дар ин ҷо дар замин зиндагӣ мекунем. Мо дониш, таҷриба ва хирадмандиро барои он чизе захира мекунем, ки моро дар пеш аст. Мо худро барои зиндагӣ дар мақоми баланд тайёр мекунем, барои зиндагие ки баъд аз марг меояд".

Таълимоти расмии коммунистон мегӯяд, ки Масеҳ ягон вақт вуҷуд надошт. Коркунони Калисои Махфӣ ба ин фикр ҷавоби содда медиҳанд: „Кадом рӯзномаро шумо дар киса доред? «Правда»-и имрӯза и дирӯза? Ба ман диҳед, ки бинам. Ҳа! Чордаҳуми январи соли 1964 аз кадом давра. Аз он даврае ки дар замин Он Касе ки вуҷуд надошт, зиндагӣ мекард ва дар таърих ягон аҳамият надошт? Шумо мегӯед, ки Ӯ ягон вақт вуҷуд надошт, вале солҳоро аз рӯзи таваллуди Ӯ ҳисоб мекунед. Ва замона то Ӯ ҳам буд, вале инак Ӯ омад ва ба одамият чунин менамуд, ки чизе ки то Ӯ буд, бефоида буд, ва замони ҳақиқӣ акнун сар мешавад. Худи рӯзномаҳои коммунистии шумо тасдиқ мекунанд, ки Исо афсона нест“.

Дар Ғарб чунин мавъиза мекунанд, гӯё онҳо боварӣ доранд, ки шунавандагони онҳо ба ҳақиқатҳое, ки мешунаванд, боварӣ доранд. Вале ин чунин нест ва бисёриҳо қатъиян намедонанд ба чӣ бовар мекунанд ва худи ҳамин тавр мавъизаро, ки ҳақиқати имони моро исбот мекунад, кам шунидан мумкин аст. Аммо дар паси Пардаи Оҳанин, ки мавъизагарон бисёр вақтҳо тайёрии ҳақиқӣ надоранд, ба навимоноварадагон асоси имони ҷиддӣ ва чуқур дода мешавад.

Калисои Махфӣ рукн ва исботи масеҳият дар паси Пардаи Оҳанин аст.

Байни Калисоҳои расмӣ ва пинҳонӣ ҳудуди назаррас нест. Онҳо бо ҳам печида ҳастанд. Бисёр шубонони Калисои расмӣ дар канор корҳои пинҳонӣ карда, аз маҳдудиятҳое ки коммунистон мондаанд, дур мераванд.

Калисои расмӣ бо сиёсати хиёнаткоронаи он таърихи дуру дароз дорад. Он якбора баъди инқилоби сосиалистии рус сар мешавад, вақте ки „Калисои Зинда“-ро усқуф бо номи Сергей роҳбарӣ мекард, ки мақсади ӯ на аз нав сохтани Калисо, балки онро тамоман дур кардан, динро нест кардан буд ва ӯ бо фармони коммунистон инро бо ҷидду ҷаҳд иҷро мекард.

Дар ҳар мамлакат чунин „Сергейҳо“ буданд. Дар Венгрия дар байни католикон чунин роҳбар падар Балог буд, ки бо ёрии баъзе протестантон барои пурра забт шудани мамлакати ӯ аз тарафи коммунистон мусоидат мекард. Дар Румыния коммунистон бо ёрии коҳини православӣ Бурдучей ба сари ҳокимият омаданд, ки ӯ барои ислоҳ кардани гузаштаи на он қадар хуби худ кӯшиш карда, нисбат ба роҳбарони худ сурхтар шуд. Ин коҳин дар назди Вышинский меистод, ки собиқ вазири корҳои хориҷӣ буд ва тасдиқомез табассум мекард, вақте ки ӯ гуфт: „Ҳукумат биҳишти заминиро месозад ва барои шумо осмонӣ даркор намешавад“.

Архиусқуфи Русия Никодим бошад ҷосус ва хабаркаши давлатӣ аст. Майор Дерябин, ки директори полиси пинҳонии русӣ аст, худаш дар бораи он шаҳодат дод, ки Никодимҳо — ҷосусҳои онҳо ҳастанд.

Қариб дар ҳамаи динҳо чунин ҳолат аст. Роҳбарияти ҳозираи Калисои баптистии Румыния бо зӯрӣ ба вай бор карда шудааст.

Он масеҳиёни ҳақиқиро рад мекунад. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарони Калисои расмӣ айнан чунин рафтор мекунанд.

Президенти адвентистони Румыния худаш ба ман иқрор шуд, ки аз рӯзи аввали ҳокимияти коммунистон хабаркаши онҳо буд. Дар худи Калисоҳо бошад, дар байни аъзоён имодорони ҳақиқии содиқи масеҳиро ёфтан мумкин аст, агарчи роҳбарияти онҳо хоинон ҳастанд. Ва ман фикр мекунам, ки дар Ғарб ҳам чунин ҳаст. Ҷамоатҳо на бо туфайли роҳбарони худ, балки ба онҳо нигоҳ накарда, ба Масеҳ босадоқат мемонанд.

Ибодати нимрӯзии православҳо бетағйир монд ва он мисли пештара, ба андозае ҷонҳои омадагонро мепарварад, ҳатто он вақте ки мавъизаҳо коммунистонро таъриф мекунанд. Лютеранҳо, пресвитерианҳо ва дигар протестантҳо мадҳияҳои кӯҳнаи худро мехонанд ва ҳатто мавъизаҳои хабаркашон ҳам бояд ягон чизро аз Навиштаҳои Муқаддас дар бар дошта бошанд. Мардум дар зери таъсири одамоне ба Масеҳ рӯ меоваранд, ки дар бораи онҳо пешакӣ ҳамчун дар бораи хоинон медонистанд ва мефаҳманд, ки онҳо ба полиси пинҳонӣ хабаркашӣ мекунанд. Онҳо маҷбур мешаванд имони худро аз онҳое пинҳон кунанд, ки онҳоро бо мавъизаҳои вайрони худ ба назди он оварданд.

Ин мӯъҷизаи бузурги Худо аст, ки дар бораи он китоби Ибодат бо забони рамзӣ менависад: „Ва агар аз лошаи онҳо (ҳайвонот) бар тухмии коштанӣ афтад, он пок хоҳад буд“. Аз рӯйи шариати Мусо мурдаи ҳайвонот ё одам ҳаром ҳисоб мешуд ва касоне ки ба онҳо даст мерасонанд, ҳаром мешуданд. Вале тухми он пок мемонд.

Ҳақиқат моро водор мекунад, то иқрор шавем, ки НА ҲАМА роҳбарони Калисои расмӣ хоин ва хабаркаш ҳастанд. Он касоне ки дар як вақт дар Калисои Махфӣ ҳам кор мекунанд, барои он ғамхорӣ мекунанд, ки масеҳият беғайрат ва омехташуда набошад, балки боҷасорат ва мубориз бошад. Вақте ки полиси пинҳонӣ барои маҳкам кардани дайр дар Владимирешти дар Румыния ва дар бисёр ҷойҳои Иттиҳоди Шӯравӣ омад, ин кор барои вай осон набуд. Баъзе коммунистон барои кӯшиши нест кардани дин ҷони худро аз даст доданд. Вале Калисоҳои расмӣ боз ҳам кам шуда истодаанд ва ман фикр намекунам, ки дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ онҳо аз панҷ ё

шаш ҳазор зиёдтар бошанд (ИМА барои чунин адад аҳолӣ 300 000 калисоҳо дорад). Ин калисоҳо дар СССР бештар дар як бинои хурд ва баъзе вақтҳо фақат дар як ҳуҷра ҷой мегиранд.

Ҳарчанд бештар коммунизм дар мамлакат инкишоф ёбад, ҳамон қадар Калисо маҷбур мешавад ба пинҳонкорӣ гузарад.

Дар ҷойи Калисоҳои расмии пӯшидашуда марказҳои тарғиботи зиддидинӣ кушода мешаванд.

## Чӣ тавр калисои махфӣ аз адабиёти атеистӣ „истифода“ мебарад?

Калисои Махфӣ аз ин марказҳо низ истифода бурдан метавонад. Пеш аз ҳама он аз адабиёти атеистӣ истифода мебарад, чӣ тавре ки Илёс нонеро мехӯрд, ки зоғон барои ӯ меоварданд. Атеистон бисёр қувва ва кӯшишҳоро барои таҳқири оятҳои Китоби Муқаддас ба кор мебаранд. Барои ҳамин онҳо маҷбур мешаванд, аз оятҳо ва бобҳои пурраи Китоби Муқаддас иқтибосҳо оваранд. Онҳо китобҳоро бо номи „Китоби Муқаддаси шавқангез“ ё „Китоби Муқаддас барои имондорон ва беимонон“ чоп мекунанд. Барои нишон додани чӣ қадар бемаънӣ будани Китоби Муқаддас кӯшиш карда, онҳо оятҳо ва бобҳоро аз он меоваранд. Чӣ хел мо аз ин хурсанд мешудем!

Танқид чунин бемаънӣ буд, ки ҳеҷ кас ба он аҳамияти ҷиддӣ намедод, вале китобҳо миллионҳо нусха чоп мешуданд ва аз иқтибосҳои Китоби Муқаддас пур буданд, ки таъсири хеле хуби тасвирнопазир мемонданд, агарчи атеистон кӯшиш мекарданд онҳоро масхара кунанд.

Ба монанди „бидъаткорон“, ки онҳоро дар вақти Инквизитсия ба гулханҳо мебурданд, бо либосҳои масхараомез ва тасвирҳои алангаи дӯзах пӯшонда шуда, онҳо бояд дар назди издиҳоми бисёрнафара аз кӯчаҳои шаҳр мегузаштанд, вале пок, муқаддас ва босадоқат мемонданд, оятҳои Китоби Муқаддас ҳам ҳақиқӣ мемонанд, ҳатто он вақте ки онҳоро иблис иқтибос мекунад.

Нашриёти коммунистӣ хурсандӣ мекард, вақте ки барои нашри нави такрории китобҳои атеистӣ, ки дар онҳо Китоби Муқаддас бисёр иқтибос шудааст, хоҳишномаҳо мегирифт. Онҳо гумон намекарданд, ки ин хоҳишномаҳоро аъзоёни Калисои Махфӣ менавиштанд, ки онҳо имконияти дигари гирифтани ин қадар бисёр иқтибосҳои Китоби Муқаддасро надоштанд. Коммунистон намедонистанд, ки Калисои Махфӣ китобҳои онҳоро харид мекард ва ба масхараҳо диққат надода, фақат аз оятҳои Навиштаҳо истифода мебурд. Мо инчунин медонем, ки аз маҷлисҳои атеистӣ чӣ тавр истифода бурдан даркор!

Як профессор дар маҷлиси атеистӣ ба таври равшан нишон дод, ки Исо на ягон каси дигар, балки фақат найрангбоз буд. Дар назди ӯ графини обдор буд. Ӯ ба он хока партофт ва об ранги сурх гирифт. „Ана ҳамаи мӯъҷиза“ — гуфт ӯ; — „дар дасти Исо чунин хока буд ва Ӯ намуд кард, ки обро бо тарзи мӯъҷизавӣ ба шароб табдил дод. Ман бошам аз он чизе ки Исо карда буд, метавонам бисёртар кунам, ман метавонам, баръакс, шаробро боз ба об табдил диҳам“. Ӯ ба графин хокаи дигар партофт ва об боз шаффоф шуд. Ӯ инро якчанд бор такрор кард. Имондори гӯшкунанда хест ва пурсид: „Шумо, профессор, ба мӯъҷизаҳои худ моро дар ҳайрат гузоштед ва мо ягон гапи дигар надорем, фақат аз шумо хоҳиш мекунем, ки аз шароби худатон каме бинӯшед“. Профессор ҷавоб дод: „Ман ин корро кардан наметавонам“. Хока заҳрнок буд. Он гоҳ имондор гуфт: „Ана дар ҳамин ҳам байни шумо ва Исо фарқ аст. Ӯ бо шароби Худ ба мо хурсандиро дод, шумо бо шароби худ моро заҳролуд мекунед“.

Имондорро ба зиндон бурданд, вале хабар дар бораи ин дар бисёр ҷойҳо паҳн шуд ва имони бисёриҳоро устувор кард.

Мо Довудони хурд ва камқувват ҳастем, вале мо аз Ҷолиёти бединӣ пурзӯртар ҳастем, чунки Худо тарафдори мо аст. Ҳақиқат ба мо тааллуқ дорад!

Боре лексияхони коммунист дар бораи атеизм лексия мехонд. Ҳамаи коркунони завод бояд иштирок мекарданд ва дар байни онҳо бисёр имондорон буданд. Онҳо оромона менишастанд ва далелҳои ӯро ба муқобили мавҷудияти Худо гӯш мекарданд. Ӯ исбот мекард, ки олами рӯҳӣ ҳеҷ нест, Худо нест, Масеҳ нест ва зиндагии баъди марг ҳам нест. Ӯ мегуфт, ки одам моддӣ аст ва рӯҳ надорад ва аз нав ва боз такрор мекард, ки фақат материя вуҷуд дорад. Як имондор бихест ва сухан хост. Ба ӯ иҷозат доданд, ки гап занад. Ӯ курсиро гирифта ба рӯйи фарш партофт, баъд онро гирифта дар ҷояш монд ва ба назди коммунист рафта, оҳиста ба рӯйи ӯ зад. Вай, албатта, хеле хашмгин шуд. Чеҳраи ӯ аз ғазаб сурх шуд ва бо ҳақорат фарёд мезад ва милитсионерони худро чеғ мезад, то ки онҳо имондори дағалро ҳабс кунанд. Ӯ ба имондор дод мезад: „Чӣ хел ту ҷуръат мекунӣ, ки ба ман даст бардорӣ? Ман чӣ кор кардам?“

Имондор ҷавоб дод: „Шумо нав исбот кардед, ки дурӯғ мегӯед. Охир шумо гуфтед, ки ҳама моддӣ аст, ҳамин тавр не? Ман курсиро ба рӯйи фарш партофтам ва он ба ман қаҳр накард, вале шумо тамоман дигар хел ҷавоб додед. Материя қаҳр намекунад ва намеранҷад, вале шумо хашмгин шудед. Барои ҳамин ман бояд ба шумо бигӯям, ки шумо хато мекунед! Одам на фақат моддӣ аст. Ӯ — мавҷуди рӯҳӣ аст!“

Воқеаҳо беҳисоб ҳастанд, вақте ки имондорони Калисои Махфӣ далелҳои коммунистонро дар маҷлисҳои атеистӣ рад мекарданд.

Вақте ки ман дар зиндон будам, роҳбари сиёсии мо моро дағалона пурсид: „То кадом вақт ту дини бемаънии худро нигоҳ медорӣ?“ Ман ба ӯ ҷавоб додам: „Ман бисёр бединонро дидам, ки дар бистари марг афсӯс мехӯрданд, ки имондор набуданд ва Масеҳро даъват мекарданд. Шумо имондорро дар бистари марг ба худ тасвир карда метавонед, ки аз масеҳӣ будани худ афсӯс мехӯрад ва номи Маркс ва Ленинро мехонад, то ки онҳо ӯро аз имон ба Худо наҷот диҳанд?“ Ӯ хандид: „Хуб ҷавоб додӣ“. Ман ҷавоб додам: „Вақте ки муҳандис кӯпрукро месозад, ӯро он қонеъ намекунад, ки гурба аз кӯпрук бехатар мегузарад. Барои ӯ он муҳим аст, ки қатора гузаштан тавонад ва нағалтад. Ин ки шумо бедин ҳастед, вақте ки ҳама ба хубӣ мегузарад, онро исбот намекунад, ки бединӣ хуб аст. Вале бединӣ озмоишҳои ҷиддиро тоқат намекунад“. Ман ба ӯ мисол овардам, ки ҳатто Ленин ҳам дар лаҳзаҳои душвор дуо мекард.

Мо ором ҳастем ва оромона ривоҷи воқеаҳоро интизор ҳастем, вале коммунистон ташвиш мекашанд ва муборизаи басе калонро бо дин вусъат медиҳанд. Бо ҳамин онҳо ҳақиқати суханҳои Августини муқаддасро дастгирӣ мекунанд: „Дил ноором аст, то он даме ки дар Ту ором намешавад“.

Бо ёрии шумо, имондорони озод, Калисои Махфӣ дилҳои коммунистонро ба даст меоварад ва рӯйи тамоми заминро дигар мекунад. Калисои Махфӣ онҳоро ба даст меоварад, чунки барои одам коммунист будан ғайритабиист. Ҳатто саг ҳам мехоҳад устухони шахсии худро дошта бошад.

## Барои чӣ коммунистонро ҳам ба назди Масеҳ овардан мумкин аст

Дилҳои коммунистон ба он нақше ки ба бозӣ кардани он маҷбур мешаванд ва ба он сафсатаҳое, ки ба бовар кардани онҳо маҷбур ҳастанд, муқобилият мекунанд.

Вақте ки мо ба коммунистони алоҳида шаҳодат медиҳем, онҳо ҳар гоҳ мегӯянд, ки Материя — ҳама чиз аст ва мо тӯдаи моддаҳои кимиёвӣ ҳастем, ки бо тартиби муайян ҷамъ шудаанд, то он вақте ки марг боз моро ба қисмҳои алоҳида тақсим мекунад. Он гоҳ онҳоро пурсидан бомаврид аст: „Пас барои чӣ коммунистон дар бисёр мамлакатҳо ҷонҳои худро барои идеалҳои худ доданд ва дода истодаанд. Наход тӯдаи минералҳо мақсадҳои худро дошта бошанд? Наход минералҳо метавонанд худро ҳамчун қурбонӣ барои манфиати наздикон бидиҳанд?“

Ба ин онҳо ҷавоб надоранд.

Боз ба як ҷиҳати дигар диққат додан муҳим аст: бераҳмӣ. Одамон бераҳм офарида нашудаанд ва барои бар дигарон зӯриро беохир ба кор бурдан қобил нестанд. Мо инро дар вақти мурдани роҳбарони миллатчиён дидем, ки баъзе аз онҳо худкушӣ карданд ва дигарон ба гуноҳҳои худ иқрор мешуданд ва барои онҳо афсӯс мехӯрданд.

Ҳатто мастигарии умумӣ ҳам дар мамлакатҳои коммунистӣ чизи мусбат дорад. Дар он кӯшиш барои зиндагии басе кушодтар аст, ки коммунизм наметавонад онро ба одам диҳад.

Одами оддии миёнаи рус табиатан мизоҷи чуқур, сахӣ ва васеъ дорад. Коммунизм бошад ҷузъӣ ва сатҳӣ аст ва барои ҳамин одами рус чуқурии зиндагиро меҷӯяд, вале дар ягон ҷо наёфта, ба арақхӯрӣ рӯ меоварад. Дар майпарастии худ ӯ даҳшатеро ифода мекунад, ки ба он ӯро зиндагии бераҳми мунофиқонае, ки ӯ маҷбур аст онро пеш барад, дучор кард. Бо муддати якчанд соат арақ ӯро „озод“ мекунад, чӣ тавре ки Ҳақиқат метавонист ӯро абадан озод кунад, агар ӯ онро медонист.

Дар давраи истилои рус, аз кӯчаҳои Бухарест гузошта ман майлу ҳаваси пурзӯреро ҳис кардам, ки бо зани худ ба майхона дароям. Ба он ҷо даромада, ман офитсери шӯравиро бо таппонча дар даст дидам, ки ба ҳама таҳдид мекард ва бисёртар арақро талаб мекард. Ба ӯ надоданд, чунки бе ин ҳам ӯ бисёр маст буд. Одамон дар гирди ӯ дар ҳолати воҳима қарор доштанд. Ман ба назди пешдӯкон рафтам ва аз фурӯшанда хоҳиш кардам, ки ба ин одам боз арақ диҳад ва ӯро бовар кунондам, ки бо майзада мешинам ва ӯро ором мекунам. Ба мо яке аз паси дигаре шишаҳои арақ медоданд. Дар рӯйи миз се истакон меистоданд. Офисер боадабонона ҳар се истоконро пур мекард ва худаш онҳоро менӯшид. Ман бо занам наменӯшидам.

Агарчи ӯ тамоман маст буд, сари ӯ кор мекард. Ӯ ба арақнӯшӣ одат карда буд. Ман дар бораи Масеҳ ба ӯ нақлро сар кардам ва ӯ бо диққати барои мо ғайричашмдошт гӯш мекард. Дар охир ӯ гуфт: „Шумо дар бораи худ ба ман нақл кардед, акнун ман ба шумо чизеро аз зиндагии худам нақл мекунам. Ман коҳини православӣ ҳастам. Вақте ки таъқиб аз тарафи Сталин сар шуд, ман дар қатори авваллинҳо будам, ки аз имон рӯ гардодам. Ман деҳа ба деҳа мегаштам ва дар бораи он лексия мехондам, ки Худо нест ва мегуфтам, ки ҳангоми коҳин буданам мардумро фиреб медодам. Ман мегуфтам, ки худам фиребгар будам ва ҳамаи дигар мавъизагарон ва хизматгорони дин ҳам чунин ҳастанд. Маро барои саъю кӯшиш қадр мекарданд ва ман офитсери полиси пинҳонӣ шудам. Худо маро бо он ҷазо дод, ки ана бо ҳамин даст ман бояд имондоронро баъди шиканҷаҳои даҳшатнок мекуштам ва акнун менӯшам, то ки фаромӯш кунам, вале ҳеҷ наметавонам“...

Бисёр коммунистон худкушӣ мекунанд. Шоирони бузурги онҳо Есенин ва Маяковский ва бисёр дигарон худкушӣ карданд. Нависанда Фадеев баъди тамом кардани романи „Хушбахтӣ“, ки дар он хонандаро бо он бовар мекунонд, ки хушбахтӣ аз меҳнати пуртоқат барои пеш бурдани коммунизм иборат аст, худкушӣ кард.

Ӯ аз ин чунон хушбахт буд, ки баъди тамом кардани роман ба чаккаи худ тир холӣ кард. Дили ӯ чунин бори гарони фиребро тоқат накард.

Роҳбарони бузурги коммунизм Жоффе ва Томкин, ки ҳанӯз дар замони подшоҳ барои коммунизм мубориза мебурданд, ба ҳақиқати он тоқат накарда, худкушӣ карданд.

Коммунистон одамони бадбахт ҳастанд. Ҳукмфармоёни бузурги онҳо бадбахтанд. Сталин чӣ тавр бадбахт буд! Қариб ҳамаи рафиқони деринаи худро нест карда, ӯ дар ҳароси доимӣ зиндагӣ мекард, ки касе ӯро мекушад, ё заҳр медиҳад. Ӯ ҳашт хонаи хоб дошт, ки мисли ҷевонҳои насӯзанда дар бонк маҳкам мешуданд ва ҳеҷ кас намедонист, ки дар кадом хона ӯ хоб мекард. Ӯ намехӯрд, то он даме ки ошпаз дар пеши чашмони ӯ таъми хӯрокро намедид.

Коммунистон бадбахт ҳастанд. Ба онҳо Масеҳ даркор аст.

Калисои Махфӣ эҳтиёҷи калони халқҳои асиршударо пешниҳод мекунад.

Ба он ёрӣ диҳед!

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ воқеаҳое мешаванд, ки одамон варақчаҳои бо салибчаи сарисинагиро медиҳанд. Агар онҳо чунин открыткаро пайдо мекарданд, тамоми деҳа барои тамошои он ҷамъ мешуд ва ягон мӯйсафед ба онҳо мефаҳмонд, ки Исои кӯдак ва Марями бокира кӣ ҳастанд ва баъдан тамоми воқеаи Масеҳ ва наҷотро нақл мекард.

Аломати махсуси Калисои Махфӣ самимияти имони он аст. Як башоратдиҳанда, ки дар ин ҷо мо ӯро бо лақабаш „Жорж“ меномем, дар бораи як ҳодисае ки дар Венгрия рӯй дод, нақл кард. Капитани руси армия ба назди мавъизагар омад, то ки бо ӯ якка ба якка гап занад. Вақте ки ӯ ба ҳуҷраи мавъизагар даромад ва дар рӯйи девор салибро дид, вай ба сӯи он бо сар ишора карда гуфт: „Шумо албатта медонед, ки ин ҳама дурӯғ ва найранг аст, ки шумо, мавъизагарон аз он истифода мебаред, то ки мардуми бечораро фиреб диҳед ва зиндагии сарватдоронро осон кунед. Акнун мо танҳо ҳастем, иқрор шавед, ки шумо бовар намекунед, ки Исои Масеҳ писари Худо аст!“ Мавъизагар бо табассум гуфт: „Одами ҷавони бечора, ман албатта ба ин бовар мекунам. Чунки ин ҳақиқат аст!“

„Ман худро аҳмақ кадан намемонам!“ — фарёд зад капитан, — „ман ба таври ҷиддӣ мегӯям. Маро масхара накунед!“

Ӯ таппончаро бароварда, онро ба синаи мавъизагар монд. „Агар шумо иқрор нашавед, ки ин ҳама дурӯғ аст, ман ба шумо тир холӣ мекунам!“ „Ман инро карда наметавонам, чунки Худованди мо Исои Масеҳ ҳақиқатан писари Худо аст!“ — ҷавоб дод мавъизагар.

Капитан таппончаро партофт ва мавъизагарро ба оғӯш кашид. Аз чашмони ӯ ашк мерехт. „Пас рост аст, рост аст! Ман худам ба ин бовар мекунам, вале комилан боварӣ надоштам, аммо акнун дидам, ки одамоне ҳастанд, ки тайёранд барои Масеҳ бимиранд. Шумо инро амалан ба ман исбот кардед!“

Ман дигар чунин воқеаҳоро медонам. Вақте ки шӯравиҳо Румынияро гирифтанд, ду аскари сурх ба Калисо бо таппончаҳо дар даст даромаданд ва гуфтанд: „Мо ба ҳамаи ин бовар намекунем ва касоне ки имони худро тарк намекунанд, дар ҷояшон кушта мешаванд! Касоне ки тайёранд аз имон рӯ гардонанд, ба тарафи рост гузаред! Баъзеҳо ба тарафи рост гузаштанд ва ба онҳо фармон доданд, ки ба хонаҳояшон раванд. Онҳо гурехтанд“.

Вақте ки аскарони сурх бо онҳое монданд, ки гурехтан намехостанд, онҳо ҳамаро бо навбат ба оғӯш мекашиданд ва мегуфтанд: „Мо ҳам имондор ҳастем, вале фақат бо онҳое муносибат доштан мехоҳем, ки тайёранд барои имони худ бимиранд“.

Чунин одамон дар мамлакатҳои мо барои Инҷил мубориза мебаранд ва на фақат барои Инҷил, балки барои озодӣ ҳам.

Ба хонаҳои бисёр имондорони Ғарб ҳар гоҳ соатҳои дароз бо шунидани мусиқии мардумӣ мегузаранд. Дар хонаҳои мо ҳам мусиқии баландро шунидан мумкин буд, вале фақат барои он навохта мешуд, то ки аз кӯча гапи моро дар бораи Инҷил ва кори пинҳонӣ нашунаванд ва ҳамсояҳо гапи моро гӯш карда натавонанд ва дар бораи мо ба полис хабаркашӣ накунанд.

Онҳо чӣ хел хурсанд мешаванд, вақте ки имондори ҷиддиро аз Ғарб вомехӯранд!

Нависандаи ин сатрҳо медонад, ки ӯ одами беэътиборе аст, вале ӯ инчунин медонад, ки ӯ овози бесадоёне аст, ки даҳони онҳоро бастаанд ва Ғарб ҳеҷ гоҳ овози онҳоро намешунавад. Аз номи онҳо ман ба ҷиддияти бештар дар имон ва муносибати басе оқилона ба масъалаҳои масеҳият даъват мекунам. Аз номи онҳо ман барои Калисои Махфии босадоқат, ки дар мамлакатҳои коммунистӣ азоб мекашанд, дуо ва ёрии шуморо хоҳиш мекунам.

Мо аллакай барои он ғалаба мекунем, ки Худо тарафдори мо аст.

Дар навбати дуюм, барои он ки сухани мо ба эҳтиёҷоти бузурги дилҳои коммунистон дахл дорад.

Коммунистоне ки дар вақти террори миллатчигӣ дар зиндон буданд, ба ман иқрор шуданд, ки онҳо дар лаҳзаҳои мушкил дуо мекарданд ва ҳатто медидам, ки чӣ тавр баъзе коммунистон бо номи Исо дар лабон мемурданд. Мо ғалаба мекунем, чунки тамоми аҳолии бомаданияти ҷаҳон тарафдори мо аст. Хондани китобҳои нависандагони муосирро манъ кардан мумкин аст, вале китобҳои Достоевский ва Толстой ҳама вақт мемонанд ва дар онҳо нурҳои Инҷилро меёбанд. Худи ҳамин ҳодиса бо Гёте дар Германия, бо Сенкевич дар Полша, бо Садовану дар Румыния аст. Коммунистон „Қисас-ул-авлиё“-ро бо номи „Ривоятҳо дар бораи муқаддасҳо“ чоп карданд. Вале ҳатто бо ин ном ҳам зиндагии муқаддасҳо ба одамон таъсири мусбат мекунад.

Онҳо наметавонанд аз хазинаи суратҳои ҷаҳонӣ эҷодиёти Микеланҷело, Леонардо да Винчи ва дигар рассомони бузургро дур кунанд. Расмҳои онҳо дар бораи Исо нақл мекунанд.

Вақте ки ман бо коммунист гап мезанам, эҳтиёҷи калон ва ниҳонии ӯ ёрдамчӣ ва шарики ман мешавад. Барои ӯ тарафдорӣ накардани далелҳои ман хеле мушкил аст. Бо ҷидду ҷаҳд ва шиддати зиёд ӯ кӯшиш мекунад, ки садои виҷдони худро пахш лунад, ки он ҳама вақт тарафдори ман аст.

Ман шахсан як устоди марксизмро медонистам, ки пеш аз лексияҳои худ дуо мекард ва аз Худо хоҳиш мекард, ки ба ӯ лексияҳои атеизмро диҳад. Ман коммунистонеро медонистам, ки ба маҷлисҳои пинҳонӣ ба ягон ҷои дур мерафтанд ва вақте ки онҳоро ошкор мекарданд, онҳо дурӯғ мегуфтанд, ки дар маҷлисҳои пинҳонии инҷилӣ набуданд ва баъд барои он гиря мекарданд, ки онҳо мардонагӣ надоштанд, то иқрор шаванд ва имонеро муҳофизат кунанд, ки онҳоро барои ба маҷлисҳои дуо рафтан водор кард. Онҳо ҳам одамон ҳастанд.

Вақте ки одам ҳиссаи имонро мегирад, ҳатто хеле содда ҳам бошад, ин ҳиссаи хурд ҳатман дар дили ӯ калон мешавад.

Мо медонем, ки мо ғалаба мекунем, чунки дар Калисои Махфӣ мо боз ва аз нав ғалаба ва тантанаи имонро медидем.

Масеҳ коммунистонро дӯст медорад ва бинобар ин онҳо ба Масеҳ овардан мумкин ва зарур аст. Онҳоро фақат Калисои Ҳақиқӣ дар паси Пардаи Оҳанин ба даст овардан метавонад. Ҳар касе ки мехоҳад хоҳиши дили Наҷотдиҳандаро дар бораи наҷоти тамоми одамият иҷро кунад, бояд Калисои Ҳақиқиро дастгирӣ кунад. Исо гуфт: „Тамоми халқҳоро таълим диҳед“ ва ҳеҷ гоҳ нагуфт, ки мо бояд дар пеши Пардаи Оҳанин бозистем ва дигар пеш наравем.

Садоқат ба Худо ва ба Вазифаи бузург моро водор мекунад ба паси Парда равем, ки дар он ҷо ҳар одами сеюм дар асирии идеологияи атеистӣ аст.

# БОБИ ШАШУМ

Калисои Махфӣ — Калисои паси Пардаи Оҳанин буда, барои Масеҳ шаҳодат медиҳад ва ҷонҳоро ба даст меоварад.

Роҳбарияти баланди калисоҳои расмӣ аз тарафи коммунистон гузошта шудааст. Итоати онҳо дар навбати аввал ба роҳбарият тааллуқ дорад, на ба Масеҳ.

Ба ҷои он ки ҳамаи калисоҳоро маҳкам кунанд (гарчанде бисёр ҳазорон калисоҳо пӯшида шудаанд) коммунистон ҳила карда, якчанд калисоҳои бардурӯғро ба сифати тирезаҳо кушода мондаанд, то ки аз онҳо тавонанд имондоронро мушоҳида кунанд ва нест кардани масеҳиён ва масеҳиятро ба нақша гиранд.

Онҳо қарор доданд, ки сохти калисоро нигоҳ доштан беҳтар аст ва онро ба олати коммунизм барои назорат аз болои имондорон ва фиреби зиёраткунандагон аз дигар давлатҳо табдил доданд. Ба худи ман чунин калисоро пешниҳод карданд, ба шарте ки ман дар бораи аъзоёни ҷамоати худ хабаркашӣ кунам.

Ба ман чунин менамоянд, ки одамон дар ғарб ба худ тасаввур карда наметавонанд, ки коммунистон „озодӣ“-и зоҳирии калисоро барои мақсадҳои ҳилагаронаи худ истифода мебаранд.

Мисол, ҳамаи меҳмонони Москва имконият пайдо мекунанд, ки калисои пуршудаи баптистиро бинанд, вале ба сари онҳо фикр дар бораи он намеояд, ки ин калисои ягонаи протестантӣ дар шаҳри бо ҳафт миллион нафар аҳолӣ аст! Онҳо ба хонаҳо омада дар бораи озодии дин дар Русия нақл мекунанд! „Калисоҳо пур ҳастанд!“ — бо ваҷд хитоб мекунанд онҳо. Онҳо фоҷианок будани вазъиятро ҳис намекунанд: як калисои протестантӣ барои ҳафт миллион одам!

Дар бештар мамлакатҳои коммунистӣ дар назди калисоҳо мактабҳои якшанбегӣ ва маҳфилҳои ҷавонон нестанд. Ҳатто ҳамон калисоҳои якхонагӣ, ки онҳоро ҳам калисо ҳисоб кардан даркор аст, ба нуқтаҳои аҳолинишин дар масофаи ба қадри кофӣ наздик ҷойгир нестанд ва 80% аҳолӣ метавонанд фақат бо ёрии кори пинҳонии башоратдиҳии махфӣ ба даст оварда шаванд. Илоҷи дигар нест!

Ана дар чунин шароитҳо Калисои Махфӣ шаҳодатдиҳандаи асосӣ, коргар оид ба даст овардани рӯҳҳо барои Масеҳ, сарчашмаи асосии башоратдиҳии мамлакатҳои коммунистӣ мемонад.

Калисои Махфӣ ҳеҷ гоҳ розӣ намешавад, ки башоратдиҳии ҳақиқии самаранокро бо ягон ташкилоти бардурӯғ ва фиребдиҳанда иваз кунад. Он ба „тамоми махлуқот“, ки он ҷавононро ҳам дар бар мегирад, мавъиза доданро давом хоҳад дод.

## Калисои Махфӣ аз се гурӯҳ иборат аст

Ба гурӯҳи якум ҳазорҳо шубонон ва мавъизагароне дохил мешаванд, ки аз ибодати калисоҳои худ барои он хориҷ шуданд, ки аз ҳақиқати Инҷил даст кашидан намехостанд. Қисми зиёди онҳо бисёр солҳо дар зиндон менишастанд, ки дар он ҷо барои имон азоб дода шуданд, ва баъд озод шуданд, вале боз ба кори пештараи худ сар карда, онро дар Калисои Махфӣ иҷро мекунанд.

Агарчи коммунистон калисоҳои онҳоро маҳкам карданд ё худи онҳоро бо дигар хизматгорони басе эътимоднок иваз карданд, онҳо корро нисбат ба пештара боз ҳам босамартар давом медиҳанд, гарчанде ки маҷлисҳои онҳо дар таҳхонаҳо, анборҳо ва ҷангалҳо мегузаранд. Имондорон пинҳонӣ ҷамъ мешаванд ва ин азобдидагони зиндадил, ки бо хатар барои зиндагӣ хизмати худро ба Масеҳ давом медиҳанд, гурӯҳи якумро дар Калисои Махфӣ ташкил медиҳанд.

Қисми дуюми Калисои Махфиро „қӯшун“-и бешумори имондорони фидокори қаторӣ ташкил мекунад. Бояд гуфт, ки дар ин гурӯҳ масеҳиёни нимкора ва номиналӣ нестанд. Шумо онҳоро на дар Иттифоқи Шӯравӣ ва на дар Хитой намеёбед. Қимати ақидаҳое ки имондорон барои онҳо азоб мебинанд, хеле гарон аст.

Инчунин ёдовар кардан муҳим аст, ки таъқибҳо ҳама вақт имондорони беҳтаринро ба вуҷуд меоварданд: шаҳодатдиҳандагон ва ба даст оварандагони ҷонҳо. Таъқиби коммунистӣ амали баръаксро ба вуҷуд овард ва ба ҷои он ки калисо ва динро тамоман нест кунад, он масеҳиёни қавиирода, ҷиддӣ, бахшидашударо ба вуҷуд овард, ки монанди онҳоро дар Ғарб намебинӣ. Ин имондорон ба худ тасввур намекунанд, ки чӣ тавр мумкин аст фарзанди Худо буда, барои ҳар рӯҳи дучоромадаро барои Масеҳ ба даст овардан кӯшиш накунанд.

Рӯзномаи армияи сурх „Ситораи Сурх“ ба имондорон ҳуҷум оварда, менависад: „Тарафдорони Масеҳ чангҳои хариси худро ба ҳама дароз мекунанд“.

Зиндагии ҳақиқии масеҳӣ ба имондорон ҳамсояҳои онҳоро ҷалб мекунад. Қариб дар ҳар қишлоқ ё дар шаҳр имондорон одамони аз ҳама дӯстдошта ва боэҳтироми ҳамагон ҳастанд. Агар дар хона модари касал бошад, ки фарзандро нигаҳбонӣ кардан наметавонад, ба назди ӯ модари масеҳӣ мебиёяд ва дар корҳои хона кӯмак мекунад. Агар мард

касал бошад ва наметавонад дар назди хона кор кунад, бародарони имондор омада, ба кори ӯ ёрӣ медиҳанд. Онҳо зиндагии масеҳӣ доранд ва бинобар ин, вақте ки онҳо дар бораи Масеҳ шаҳодат медиҳанд, одамон омада, онҳоро гӯш мекунанд ва ба онҳо бовар мекунанд. Онҳо Масеҳро дар зиндагии онҳо МЕДИДАНД!

Дар Калисоҳои расмӣ фақат бародарони аз тарафи ҳукумат таъиншуда ва санҷидашуда ҳуқуқи мавъиза кардан доранд, вале миллионҳо имондорони бахшидашуда дар тамоми гӯшаҳои ҷаҳони коммунстӣ, дар бозорҳо ва майдонҳо, дар назди чоҳҳои деҳаҳо шаҳодат дода, ҷонҳоро ба даст меоваранд.

Рӯзномаҳои коммунистон худашон менависанд, ки қассобони имондор ба харидорон рисолаҳоро пинҳонӣ медиҳанд ва ҳатто шахсони вазифадор дар матбааҳои коммунистӣ шабона меоянд, то ки садҳо китобчаҳои масеҳиро тез чоп карда, баробари тулӯи офтоб дур шаванд. Коммунистон дар бораи он менависанд, ки бачаҳо Инҷилҳоро аз кадом-хел манбаъи номаълум мегиранд ва қисмҳои онро дастнавис мекунанд. Онҳо ин қисмҳои дастнависи Инҷилро дар хонаи либоскашии муаллимон, дар мактаб, ба қисаҳои муаллимони беимони худ меандохтанд.

Ин „қӯшун“-и имондорони қаторӣ дар ҳамаи мамлакатҳои коммунистӣ басе пурзӯр аст. Дар Куба Калисо аз имондорони қаторӣ бармехезад, баъд аз он ки мавъизаи расмӣ аз тарафи ҳукумати нав манъ карда шуд ва мавъизагарон ҳабс ё иваз мешуданд.

Ин миллионҳо қаториёни муқаддас, ҳақиқӣ ва бо имони боэътимол ба Калисо, ки бо оташи таъқиб тоза шудаанд, гурӯҳи дуюмро дар Калисои Махфӣ ташкил медиҳанд.

Гурӯҳи муҳими сеюм дар Калисои Махфӣ — шубонон ва мавъизагарони Калисоҳои расмӣ ҳастанд, ки хомӯш истодан намехоҳанд. Калисои Махфӣ аз Калисои расмӣ тамоман ҷудо нашудааст. Дар бисёр мамлакатҳо, ба монанди Югославия, Полша ва Венгрия шубонони Калисоҳои расмӣ дар баробари ин дар Калисои Махфӣ ҳам кор мекунанд. Шубонони ин Калисоҳои расмӣ ҳақ надоранд берун аз калисои якхонагии худ гап зананд. Ба онҳо иҷозат намедиҳанд, ки мактабҳои якшанбегӣ барои бачаҳо ва маҷлисҳои ҷавонон дошта бошанд. Беимонон барои омадан метарсанд. Ба шубон мумкин нест, ки барои касал дар хона дуо кунад. Ин хизматгорон аз ҳар тараф бо қонунҳои коммунистӣ маҳдуд шуда, калисоҳои онҳоро беқувват ва бефоида кардаанд.

Бисёр вақт ин шубонон ба истеҳзои коммунистон бар „озодии дин“ нигоҳ накарда, бо хатар барои зиндагӣ ба хизмати мувозӣ ҷуръат мекарданд, ки аз маҳдудиятҳои расмӣ берун буд. Онҳо ба кӯдакон ва

ҷавонон мавъиза мекунанд, ки ин қатъиян манъ буд. Онҳо пинҳонӣ дар хонаҳои имондорон ва таҳхонаҳо башорат медиҳанд. Онҳо адабиётҳои диниро пинҳонӣ гирифта, ба дилҳои мӯҳтоҷ медиҳанд. Онҳо ба фармонҳои коммунистон диққат надода, барои зиндагӣ ва озодии худ хатар оварда, ба одамон дар ҳама ҷо хизмат мекунанд. Бо намуди ором ва итоаткунанди худ онҳо бо хатар ба зиндагии худ Каломи Худоро паҳн мекунанд. Бисёрии онҳоро дар Иттиҳоди Шӯравӣ ошкор ва ҳабс карданд. Онҳоро солҳои зиёди маҳбас интизор аст.

Онҳо қисми зиндаи Калисои Махфӣ ҳастанд.

Як одам, ки тез-тез ба мамлакатҳои коммунистӣ сафар мекунад ва дар он ҷо ба дин аҳамият медиҳад, чанде пеш аз он ҷо баргашт ва ба мо навишт, ки дар ягон ҷо бо Калисои Махфӣ дучор нашуд. Ин ба он баробар аст, ки агар касе ба ҷангалҳои ваҳшии африка мерафт ва сокинони маҳаллиро мепурсид, ки оё онҳо бо наср гап мезананд ва онҳо ҷавоб медоданд, ки не, гарчанде ки ҳамаи онҳо худашон онро нафаҳмида, бо наср гап мезананд.

Масеҳиёни даҳсолаи аввал намедонистанд, ки онҳо масеҳӣ ҳастанд. Агар шумо онҳоро дар бораи дин мепурсидед, онҳо ҷавоб медоданд, ки онҳо яҳудиён, исроилиён, имондорон ба Исо — МАСЕҲ, бародарон, фарзандони муқаддаси Худо ҳастанд. Номи „масеҳиён“-ро ба онҳо баъдтар, одамони дигар дар Антиохия доданд. Тарафдорони Лютер намедонистанд, ки онҳо лютеранҳо ҳастанд ва худи Лютер ба ин лақаб муқобил буд.

Калисои Махфӣ — ин номро ба он коммунистон ва тадқиқотчиёни ғарбии вазъияти дини Шарқ доданд. Онҳо ташкилоти пинҳониро чунин номиданд, ки дар натиҷаи таъқиб дар мамлакатҳои коммунистӣ пайдо шуд. Аъзоёни Калисои Махфӣ онро чунин наменоманд. Онҳо худро масеҳиён, имондорон, фарзандони Худо меноманд, вале кори онҳо пинҳонӣ мегузарад. Онҳо Инҷилро дар маҷлисҳои пинҳонӣ, ки дар онҳо хориҷиён иштирок намекунанд, паҳн мекунанд.

Шумо метавонед солҳо дар Америка гашта, ягон бор шабакаи ҷосусии шӯравиро дучор нашавед, вале бо вуҷуди ин он вуҷуд дорад, фақат он чунон аҳмақ нест, ки худро ба сайёҳони кунҷков шинос кунад.

# БОБИ ҲАФТУМ

Ман дар бораи таҷрибаи шахсии худамон дар пинҳонӣ паҳн кардани Инҷил дар байни аскарони сурх ва коммунистони Румыния нақл кардам. Ман шуморо ба мавъизаи Масеҳ барои коммунистон ва халқҳои асир даъват кардам. Оё ин даъват амалишаванда ва иҷрошаванда аст? Оё он дурандешона аст? Оё Калисои Махфӣ дар давраи ҳозира дар Русия ва дигар мамлакатҳо вуҷуд дорад? Ба ин саволҳо мо метавонем бо маълумотҳои басе мусбат ҷавоб диҳем.

Коммунистон панҷоҳсолагии ҳокимияти худро ҷашн гирифтанд, вале ин ғалаба дар ҳақиқат мағлубият аст. Масеҳият ғалаба кард, на коммунизм! Матбуоти шӯравӣ дар бораи вазъияти Калисои Махфӣ ахбороти пурра дорад. Аввалин бор, баъди бисёр солҳо Калисои Махфӣ чунон пурзӯр шуд, ки ба кори нимкушод ҷуръат мекунад, ки коммунистонро бисёр ба воҳима меандозад. Ахбороте, ки мо аз дигар манбаъҳо дастрас мекунам, хабарҳои матбуоти шӯравиро тасдиқ мекунанд.

Фаромӯш накунед, ки Калисои Махфӣ ба пиряхи обӣ монанд аст! Қисми зиёди он дар фаъолияти махфӣ пинҳон шудааст ва танҳо қисми хурди онро ҷаҳон мебинад.

Дар ин боб мо талфифаи кӯтоҳи хабарҳои басе муҳимро медиҳем.

## Қуллаи пиряхи обӣ, ки аз берун намоён аст

Ҳафтуми ноябри соли 1966 дар Кавказ, Сухуми, Калисои Махфӣ маҷлиси серодамро дар зери осмони кушод гузаронд. Бисёр имондорон аз дигар шаҳрҳо омаданд. Баъди даъвати ба пеш баромадан ва худро ба Худованд додан, чилу ҳафт нафар одами ҷавон Масеҳро қабул карданд ва дар худи ҳамон ҷо дар Баҳри Сиёҳ таъмид дода шуданд, чӣ тавре ки дар замонҳои Китоби Муқаддас буд. Онҳо тайёрии махсус надоштанд.

Баъди 50 соли диктатураи коммунистӣ, вақте Китоби Муқаддас ва дигар адабиётҳои динӣ набуд ва дар семинарияҳо тайёр кардани одамон барои ибодати калисо номумкин буд, оддӣ будани таъмид танҳо библиявӣ будан метавонист. Охир Филиппус ҳам дар Аъмоли Ҳаввориён дар мактаби махсус ба ибодат тайёр нашуда буд, вале хоҷасарое ки Филиппус танҳо як соат имкон дошт бо ӯ оиди Масеҳ

гап занад, гуфт: „Инак, об; ба таъмид гирифтанам чӣ чиз монеъ мешавад?“ Филиппус ҷавоб дод: „Агар аз тахти дил имон оварда бошӣ, ҷоиз аст!“

Ва навимон дар ҳамон ҷо таъмид дод шуд.

Дар Баҳри Сиёҳ об кифоя аст ва Калисои Махфӣ ба одатҳои Китоби Муқаддас баргашт.

„Омӯзгорӣ“ аз 23-юми августи соли 1966 менависад, ки дар Ростови лаби Дон баптистоне ки ба қайд гирифта шудан намехоҳанд, намоиши эътирозиро ба муқобили қонунҳои бераҳми коммунистон ташкил карданд, ки ин қонунҳо ибодати ҳақиқии масеҳиро манъ мекарданд.

Исо мӯъҷизаҳои Худро дар рӯзи шанбе ба амал меовард, то ба фарисиён нишон диҳад, ки Ӯ Хӯҷаини рӯзи шанбе ҳам аст. Мо дар Калисои Махфӣ намоишҳои худро дар идҳои калони коммунистӣ барпо мекардем, то ки эътирози худро ба муқобили қонунҳои бедодгаронаи онҳо нишон диҳем.

Ҳар гоҳ якуми май коммунистон намоишҳои худро доранд, ки дар онҳо бояд ҳама иштирок кунанд. Дар ин рӯз ташкилоти пурқуввати дуюми Русия — Калисои Махфӣ ҳам дар кӯча пайдо шуд. Тақрибан якуним ҳазор одам ҷамъ шуд, ки фақат бо муҳаббати Худо водор шуда буданд. Онҳо медонистанд, ки барои озодии онҳо хатар аст ва зиндон ва шиканҷаҳо ҳамаи онҳоро интизор буд.

Ҳамаи имондорон дар Русия бо „Манифести Махфӣ“ шинос ҳастанд, ки дар Барнаул чоп шудааст. Дар он дар бораи хоҳар Хмара аз деҳаи Кулунда ва дар бораи он ки чӣ тавр вай аз зиндон хабари марги шавҳарашро гирифтааст, гуфта мешавад. Вай бо чор фарзанди хурдсол бева шуд. Вақте ки ба вай ҷасади шавҳари дар зиндон бо шиканҷаҳо кушташударо оварданд, вай дар дастони ӯ нишонаҳои дастбандҳоро дид. Ангуштон, кафи дастон ва панҷаи пойҳои ӯ нишонаҳои сӯхтаи калон ва қисми поёнии шиками ӯ захмҳои корд доштанд. Пойи росташ бисёр варам буд ва ҳар ду пойҳо нишонаҳои зарбу лат доштанд. Тамоми бадан захмдор буд.

Ҳамаи имондороне ки ба намоиш дар Ростови лаби Дон омаданд, медонистанд, ки мумкин онҳоро низ чунин қисмат интизор аст, вале онҳо аз омадан натарсиданд. Онҳо мефаҳмиданд, ки азобдида, ки фақат баъди се моҳи рӯ овардан ҷони худро барои Масеҳ дода буд, дар ҳузури бисёр имондорон дафн карда шуд, ки дар дастони онҳо шиорҳо бо чунин суханҳо буданд: „Зеро зиндагӣ барои ман Масеҳ аст ва марг дастовард аст“. „Аз қотилони тан натарсед, ки рӯҳҳоро куштан наметавонанд“. „Ман дар зери тахт рӯҳҳои барои Каломи Худо кушташударо дидам“.

Намунаи ин азобдида ба имондорон дар Ростови лаби Дон илҳом бахшид. Онҳо дар кӯча, дар назди хонаи хурд ҷамъ шуданд. Мардуми бисёр ҷамъ шуда буд. Одамон дар болои бомҳо ва дарахтон менишастанд, чӣ тавре ки як вақтҳо Заккай менишаст. Ҳаштод нафар одамон ба Масеҳ рӯ оварданд ва бисёрии онҳо одамони ҷавон, ва 23-тои онҳо ҳатто комсомолон буданд.

Имондорон тамоми шаҳрро гашта, ба соҳили Дон расиданд ва дар оби он навимондорон таъмидро қабул карданд. Полис бо якчанд мошинҳо пайдо шуд ва имондоронро дар соҳили дарё гирд кард. Он мехост фақат ташаббускоронро ҳабс кунад (Чунки он наметавонист, ҳамаи якуним ҳазорро ҳабс кунад). Имондорон ба зону нишастанд ва аз Худо хоҳиш карданд, ки онҳоро муҳофизат кунад ва имконият диҳад дар ҳамин рӯз маҷлис гузаронанд.

Имондорон кифтҳоро бо ҳам зада, бародарони мавъизакунандаро зич гирд карданд, то ба онҳо имконият диҳанд, ки маҷлисро гузаронанд. Вазъият басе ҷиддитар мешуд.

Баъдтар „Правда (Ҳақиқат)“ хабар дар бораи ҳабс шудани шаш нафар мавъизагарро чоп кард, ки бо ин ҳодиса алоқаманд буданд. Моро бошад он хурсанд мекунад, ки бисёр касон, аз он ҷумла комсомолон, дар ин рӯз Масеҳро қабул карданд!

„Рӯзномаи омӯзгор“ дар он вақт менавишт, ки баптистони „бақайднагирифта“ дар Ростов матбааи худро доранд (Номи „баптист“ дар Иттиҳоди Шӯравӣ пантикостиҳо ва масеҳиёни Инҷилиро дар бар мегирифт). Рӯзнома хабар дод, ки дар ин матбаа варақаҳое чоп мешаванд, ки ба устувории имон даъват мекунанд. Дар як чунин китобчаи пинҳонӣ маслиҳат барои волидайн дода шудааст, ки бо онҳо ман розӣ нашудан наметавонам: „Фарзандони худро ба маросимҳои дафнкунӣ бигиред, то ки онҳо дар зиндагӣ барои гузаранда ва муваққатӣ ташвиш накашанд“. Барои волидайн рӯҳан маърифатнок кардани фарзандон маслиҳат дода шудааст, то ки онҳо тавонанд ба тарбияи атеистӣ дар мактаб муқобилият кунанд.

„Рӯзномаи омӯзгор“ мақоларо бо чунин суханон ба охир мерасонад: „Барои чӣ муаллимон ба оилаҳо дахолат намекунанд, ки дар онҳо фарзандон ба аҳмақони дин табдил меёбанд?“

Дар худи ҳамин рӯзнома тафтишоти судӣ аз болои бародарон аз Калисои Махфӣ, ки одамонро пинҳонӣ таъмид медоданд, тасвир шудааст. „Шоҳидони ҷавон ба суди коммунистӣ бо нафрат муносибат мекарданд ва хашмгинона ва мутаассибона рафтор мекарданд. Занони ҷавон — тамошобинон бо шавқу завқ ба гуноҳкорон ва бо норозигӣ ба мардуми бедиёнат нигоҳ мекарданд“.

Аъзоёни Калисои Махфӣ бо хатар барои зиндагӣ дар назди штаби ҳизби коммунистӣ бо ҳар хел талабномаҳо барои озодӣ муроҷиат мекарданд.

Мо ҳуҷҷати махфӣ дорем, ки аз тарафи „Кумитаи калисоҳои Инҷилӣ-баптистӣ“ паҳн шудааст ва дар он ба муқобили назорати калисоҳо аз тарафи коммунистон эътироз баён шудааст („Ҳаёти имрӯзаи Шӯравӣ“ рақами 6, с.1963).

Ин ҳуҷҷат бо роҳи пинҳонӣ ба Ғарб расонда шуд.

Дар он боз дар бораи як намоиши қаҳрамонона гуфта мешавад. Ин дар худи Москва воқеъ шуда буд.

Ман суханонро аз ин манифест меоварам:

„Бародарон ва хоҳарони гиромӣ. Дуои хайр ва осудагии Худованди мо Исои Масеҳ бо шумо бошад. Мо шитоб дорем ба шумо хабар диҳем, ки вакилони калисоҳои башоратдиҳандагони масеҳии баптистӣ ба миқдори панҷсад нафар, 16-уми майи соли 1966 ба Москва ба назди ҳукуматдорони асосӣ ба бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ фақат бо як хоҳиш мерафтанд: қабул ва шунида шаванд. Мо талабномаро ба номи котиби генералӣ Брежнев навиштем...“

Баъдтар дар ин манифест гуфта мешавад, ки ин панҷсад нафар тамоми рӯз дар кӯча дар назди бино меистоданд. Ин аввалин намоиши умумӣ ба муқобили коммунистон дар Москва буд. Онро аъзоёни Калисои Махфӣ ташкил карданд.

Дар охири рӯз онҳо аризаи дуюмро ба номи Брежнев навиштанд, ки дар он гуфта мешуд, ки рафиқ Старганов ба расонидани аризаи онҳоро розӣ нашуд ва ба онҳо таҳдид кард.

Панҷсад вакил тамоми шаб дар кӯча монданд. Аз назди онҳо мошинҳо мегузаштанд, одамон ба онҳо ифлосӣ мепартофтанд ва бо ҳақорат фарёд мекарданд. Агарчи борон меборид ва онҳоро беист таҳқир мекарданд, онҳо то субҳ дар назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии СССР меистоданд. Рӯзи дигар ба онҳо пешниҳод карданд, ки ба дарун дароянд, то ки бо ким-кадом шахсони расмии ғайримуҳим сӯҳбат кунанд. Онҳо якдилона розӣ нашуда, фаҳмиданд, ки бе шоҳидон метавонанд онҳоро азоб диҳанд ё ҳабс кунанд ва қарор доданд, ки то он даме дар кӯча мемонанд, ки худи Брежнев барои бо онҳо гап задан марҳамат кунад.

Он гоҳ воқеаи ногузир рӯй дод. Соати 1:45 ба назди онҳо 28 автобус омаданд ва ҷазодиҳӣ сар шуд. „Мо дар давра зич ҷамъ шуда, мадҳияҳоро мехондем ва полис моро аз як сар мезад. Онҳо мардонро ҷудо карда, ба сар ва рӯи онҳо задан сар карданд ва онҳоро ба асфалт тела медоданд. Аз сар ва мӯйҳои баъзе бародарон гирифта,

онҳоро кашида ба автобус мебурданд. Касонеро, ки кӯшиши рафтан мекарданд, то бехудшавӣ мезаданд. Имондоронро ба автобусҳо бор карда ба тарафи номаълум бурданд. Сурудхонии онҳо аз автобусҳои полиси пинҳонӣ шунида мешуд. Ҳамаи ин дар пеши чашмони бисёрҳо одамон рӯй медод“.

Баъд аз он ки панҷсад нафар ба зиндон бурда шуданд, ду бародари имондор Г. Винс ва Хорев (шубонони ҳақиқии қавми худ) дар худ ҷасорати зиёдро пайдо карданд, то ки ба худи ҳамон бинои Кумитаи Марказии ҳизб равон шаванд, чуноне ки баъди ҳабси Яҳёи Таъмиддиҳанда. Исо ба худи ҳамон ҷое рафт, ки ӯ дар он ҷо мавъиза мекард ва бо ҳамон суханон ба халқ муроҷиат кард: „Тавба кунед, зеро Малакути Осмон наздик шудааст“. Винс ва Хорев дар бораи ҷойи нигоҳдории вакилон пурсиданд ва озодкунии онҳоро талаб карданд. Ин бародарони ҷасур ҳамин тавр ғайб заданд. Баъди чанд вақт маълум шуд, ки онҳо ба зиндони Лефортово бурда шуданд.

Оё ин аъзоёни Калисои Махфӣ метарсиданд? Не! Дигарон аз паси онҳо бо хатар барои зиндагӣ манифестҳоро чоп карда, тақсим мекарданд, ки ба дасти мо ҳам афтоданд ва бо суханони номаи Филиппиён (1:29) ба мо мегӯянд: „Зеро ба шумо ба хотири Масеҳ ато шудааст, ки ба ӯ на танҳо имон оваред, балки барои Ӯ уқубат ҳам кашед“.

Онҳо ба мо ва ҳамаи бародарон ёдовар мешаванд, то ки „ҳеҷ кас дар ин азобу уқубатҳо дудила нашавад, зеро худи шумо медонед, ки чунин аст насиби мо“ (1 Тас. 3:3). Онҳо инчунин номаи Ибриён 12:2-ро иқтибос мекунанд „Ва ба сарвар ва комилкунандаи имони мо, яъне Исо, назар дӯзем, ки Ӯ ба ҷои шодие ки Ӯро дар пеш буд, ба хорӣ беэътиноӣ намуда, ба салиб тоб овард ва ба ямини тахти Худо бинишаст“.

Калисои Махфӣ ба муқобили заҳролуд кардани шуури ҷавонон бо заҳри атеизм ошкоро исён мекунад. Он дар Ростов, Москва ва дар тамоми Русия ба шӯр омад. Он бо заҳри коммунизм ва бо роҳбарони хавфноки калисои расмӣ мубориза мебарад, ки дар бораи онҳо дар як манифести пинҳонии худ менависанд: „Дар замони мо шайтон амр мекунад ва калисо қарор мекунад, ки онҳо бар хилофи аҳкомҳои Худо мераванд“ (иқтибос аз „Ҳақиқати Украина“).

„Ҳақиқати Шарқ“ хабарро дар бораи суд шудани бародарон Алексей Неверов, Борис Гармашов ва Аксен Зубов, чоп кард. Ин бародарон гурӯҳи одамонро ташкил карданд, ки хоҳишмандони гӯш кардани барномаҳои радиои амрикоӣ мебошанд. Онҳо ин барномаҳои диниро дар лентаи магнитафон сабт мекарданд ва лентаҳои тайёркардаро дар байни имондорон паҳн мекарданд. Онҳоро инчунин дар он айбдор карданд, ки онҳо пинҳонӣ дар намуди „саёҳатчиён... ва маҳфилҳои бадеӣ“ ҷамъ мешаванд.

Ҳамин тавр, Калисои Махфӣ ҳамин тавре кор мекунад, ки калисои аввалин дар хонаҳои зеризаминии Рум кор мекард.

„Молдавияи советӣ" аз 15-уми сентябри соли 1966 ҳам аз он шикоят мекунад, ки Калисои Махфӣ варақаҳо ва китобчаҳоро тайёр мекунад, дар ҷойҳои оммавӣ ҷамъ мешавад, агарчи аз тарафи қонун манъ аст ва ин аъзоёни он аз як ҷо ба ҷои дигар гашта, дар бораи Масеҳ шаҳодат медиҳанд.

Худи ҳамин рӯзнома менависад, ки се одами ҷавон дар қатора мадҳияҳоро дар бораи ҷавонии Масеҳ мехонданд. Хабарнигор ба муқобили он ба ғазаб меояд, ки ин одамон „дар кӯчаҳо, стансияҳои роҳи оҳан, дар қаторахо, автобусҳо ва ҳатто дар ташкилотҳои давлатӣ ҳам мавъиза мекунанд".

Боз мо намунаи кори Калисои Махфӣ дар Русияро дорем. Вақте ки яке аз бародарони роҳбарикунанда Гладчевичҳо дар назди суд меистод, бародарон бо роҳбарии „мутаассиб" мадҳияҳоро бевосита дар бинои суд мехонданд!

Рӯзи якуми май имондорони ду деҳа Копсега ва Захаровка маҷлиси пинҳониро дар ҷангал ташкил карданд! Онҳо инчунин дар хонаҳо дар намуди ҷашнгирии зодрӯзи ягон кас ҷамъ мешаванд (Бисёр оилаҳои имондор бо панҷ ё шаш аъзоёни оила дар як сол 35 „рӯзи зодрӯз" доранд, ҳамчун пардапӯшӣ дар назди полиси пинҳонӣ). На азобҳо ва на зиндон имондорони Калисои Махфиро ба ҳарос намеоварад ва ба монанди Калисои аввал, таъқиб имон ва бахшидашавии онҳоро фақат мустаҳкам мекунад.

„Ҳақиқати Украина" аз 4-уми октябри соли 1966 дар бораи бародар Прокофиев, яке аз роҳбарони Калисои Махфӣ менависад, ки ӯ аллакай се бор дар зиндон буд, вале худи ҳамон вақте ки ӯ ба озодӣ меафтад, боз ташкил кардани Мактабҳои якшанбегиро сар мекунад. Акнун ӯ боз дар зиндон аст. Ӯ дар мактуби пинҳонӣ менависад: „Итоат ба қоидаҳои қонунияти коммунистӣ Калисоро аз баракати Худо маҳрум кард".

Вақте ки шумо дар бораи бародарони дар Русия маҳкумшуда мешунавед, зиндони ғарбро ба худ тасаввур накунед, ки дар он ҷо гуруснагӣ, азобҳо ва тозакунии майнаҳо нест.

„Илм ва дин" рақами 9, соли 1966 менависад, ки имондорон дар байни саҳифаҳои „Шарора" — маҷаллаи коммунистӣ, адабиёти диниро паҳн мекунанд. Онҳо дар зери муқоваи „Анна Каренина"-и Лев Толстой адабиётро тақсим мекунанд. Дар дарун хонанда қисмҳои Навиштаҳои Муқаддасро меёбад. Онҳо сурудҳоро бо оҳанги „Интернатсионал" мехонанд, вале шеърҳо Масеҳро ситоиш мекунанд („Ҳақиқати Қазоқистон" июн 30, с.1966).

Калисои Махфии босадоқат корро давом медиҳад!

Арӯси Масеҳ ба Ӯ хизматро давом медиҳад. Коммунистон худашон мегӯянд, ки ман ҳақ ҳастам, вақте мегӯям, ки Калисои Махфӣ коммунистонро ба назди Масеҳ меоварад. Онҳоро ба даст овардан мумкин аст („Коргари Боку“, аз 27-уми апрели с. 1966) мактуби Таня Сигуноваро (аъзои комсомол) чоп кард, ки вай ба Масеҳ рӯ оварда буд. Ҳукуматдорон номаи вайро ба холааш ба даст даровbooked: „Холаи азизам Надя, бо муҳаббати Худованди мо Исои Масеҳ туро салом мегӯям!“

Надя-хола, чӣ хел Ӯ маро дӯст медорад! Ман дар назди Ӯ ҳеҷ чиз нестам. Надя-хола, ман фикр мекунам, ки ту ин суханонро мефаҳмӣ: „Душманони худро дӯст бидоред, барои лаънаткунандагони худ баракат бихоҳед, ба нафраткунандагони худ некӣ кунед ва барои озордиҳандагону таъқибкунандагони худ дуо гӯед“.

Вақте ки ин мактуб ба дасти ҳукуматдорон афтод, бародар Серебреников, ки Таня ва бисёр дигаронро ба назди Масеҳ оварда буд, ба зиндон андохта шуд. Рӯзномаи коммунистӣ иқтибосро аз мавъизаи ӯ меоварад: „Мо бояд барои аз гуноҳ наҷот додани одамон шитоб кунем ва хусусан ҷавонони моро“.

Вақте ба ӯ гуфтанд, ки қонуни шӯравӣ ба ҷавонон дар бораи Масеҳ гап заданро манъ мекунад, ӯ гуфт: „Қонуни мо — Китоби Муқаддас аст“.

Ин дар мамлакате ки атеизм мардумро идора мекунад, комилан ҷавоби муқаррарӣ аст.

Рӯзномаи дигари коммунистӣ манзараи „ваҳшиёна“-ро тасвир мекунад: „Ҷавонон сурудҳои диниро мехонанд, таъмид мегиранд ва васияти «душманони худро дӯст дор»-ро пайравӣ мекунанд“.

„Коргари Боку“ менависад, ки бисёр аъзоёни комсомол имондорони махфӣ ҳастанд ва мақоларо бо чунин суханон анҷом медиҳад: „Мактаби коммунистӣ бояд чӣ гуна беқувват бошад, чӣ гуна дилгиркунанда ва маҳруми равшанӣ, агар ба шубонон муяссар мешавад, ки ҷавононро аз зери худи бинии он кашида бигиранд!“

## Худоро шукр!

„Ҳақиқати Қазоқистон“ аз 30 июни соли 1966 аз он ба даҳшат меафтад, вақте мефаҳмад, ки хонандаи беҳтарин ва намунавӣ дар мактаб масеҳӣ будааст.

„Ҳақиқати Қирғизистон“ аз 17-уми январи соли 1966 варақаи пинҳонии масеҳиро, ки ба модарон муроҷиат шудааст, иқтибос мекунад: „Тамоми кӯшишҳо ва дуоҳои худро барои фарзандонамонро

аз худи гаҳвора ба Худованд бахшидан истифода мебарем! Фарзандони худро аз таъсири ҷаҳон наҷот медиҳем!“ Ин кӯшишҳо бо муваффақият анҷом ёфтанд! Дар бораи ин худи рӯзномаҳои шӯравӣ шаҳодат медиҳанд.

Масеҳият дар байни ҷавонон афзоиш меёбад!

Рӯзнома аз Челябинск дар бораи он менависад, ки чӣ тавр комсомолка Нина баъди иштирок дар маҷлиси пинҳонии масеҳӣ худаш ҳам масеҳӣ шуд.

„Адлияи Шӯравӣ“, №9, соли 1966 чунин маҷлисҳои пинҳониро тасвир мекунад: „Онҳо дар ними шаб мегузаранд. Одамон пинҳонӣ ва аз сояи худ тарсида, аз ҳар тараф ҷамъ мешуданд. Бародарон хонаи торики бо шифти пастро пур мекарданд. Онҳо чунон зиёд буданд, ки барои ба зону нишастан ҷой набуд. Аз норасоии оксиген чароғи керосинӣ хомӯш мешуд. Аз рӯйҳои ҳозирбудагон арақ мечакид. Дар кӯча яке аз хизматгорони Худованд омадани милитсияро назорат мекард, то ки бародарони дар дарун бударо огоҳ кунад“. Нина бошад мегӯяд, ки дар чунин маҷлис вайро меҳрубонона ва ғамхорона қабул карданд. „Онҳо ҳам, чӣ тавре ки ман акнун дорам, имони бузург ва равшан ба Худо доранд. Онҳо барои мо ғамхорӣ мекунанд. Бигзор комсомолони шинос аз назди ман гузашта, салом накунанд, бигзор бо нафрат ба ман нигоҳ кунанд ва «баптист» номанд. Бигзор ҳамаи инро бикунанд! Онҳо ба ман даркор нестанд!“

Бисёр одамон ба монанди вай қарор доданд, ки то охири умр ба Масеҳ хизмат кунанд.

„Ҳақиқати Қазоқистон“ аз 18-уми январи соли 1966 менависад, ки вақте бар пантикостиҳои маҳкумшуда ҳукм мебароранд, онҳо ба зону меафтанд ва мегӯянд: „Мо худро ба дастони Худо медиҳем. Худовандо, Туро шукр мегӯем, ки моро мушарраф гардондӣ, то барои Ту азоб кашем“.

Имондорон ҳамон мадҳияҳоро мехонданд, ки барои хондани онҳо бародаронашон акнун ба зиндон мерафтанд.

Ҷавобҳое ки имондорон дар довариҳо медиҳанд, бо илҳомбахшӣ аз боло меоянд.

Як довар аз айбдоршаванда пурсид: „Барои чӣ ту одамонро ба фирқаи манъшудаи худ ҷалб мекунӣ?“

Хоҳари имондор ҷавоб дод: „Мақсади мо тамоми ҷаҳонро барои Масеҳ ба даст овардан аст!“

„Дини шумо ба илм муқобил аст!“ — гуфт довар дар тафтишоти дигар, ва донишҷӯйи айбдоршаванда чунин ҷавоб дод: „Наход шумо бо илми Эйнштейн ва Нютон шинос нестед? Онҳо одамони имондор буданд. Олами мо ба номи Эйнштейн аст. Ба ман дар мактаб таълим

доданд, ки ин олам олами Эйнштейн номида мешавад. Ӯ бошад гуфтааст, ки масеҳият метавонад ҷаҳонро аз бадии иҷтимоӣ наҷот диҳад ва вазифаи муқаддаси ҳар одам паҳн кардани масеҳият аст. Физиологи бузург Павловро ёд доред? Ӯ масеҳӣ буд. Ҳатто Маркс дар «Капитал» мегӯяд, ки масеҳият (хусусан протестантӣ) дини аз ҳама мувофиқ аст. Чӣ тавр шумо марксистон метавонед маро гунаҳкор кунед?“

Маълум аст, ки барои чӣ доварон одатан ҷавоб надоранд.

Ба айбдоркунӣ дар он ки дини ӯ ғайриилмӣ аст, як имондор дар доварӣ чунин ҷавоб дод: „Ман боварӣ дорам, ҷаноби судя, ки шумо на ба монанди Симпсон чунин олими бузург ҳастед, ки ӯ хлороформ ва бисёр дигар доруҳоро ихтироъ кард. Вақте ӯро пурсиданд, ки аз тамоми кашфиётҳо ӯ кадомашро муҳимтар мешуморад, ӯ ҷавоб дод: „Ба ҳар ҳол на хлороформ. Кашфиёти аз ҳама бузурги ман он аст, ки ман гунаҳкор ҳастам ва метавонам бо баракати Худо наҷот ёбам“.

Зиндагӣ, худфидокунӣ ва хун, ки ин одамон тайёранд онро барои ақидаҳои худ бирезанд, онро ифода мекунад, ки миссионери бузурги Африка Алберт Швайсер гуфт: „Иттиҳоди муқаддаси онҳое ки мӯҳри азоб доранд“. Ба ин иттиҳод Худованди мо Исои Масеҳ, марди андӯҳҳо ҳам тааллуқ дорад.

Калисои Махфӣ бо риштаҳои муҳаббат ба Наҷотдиҳандаи худ сахт баста шудааст. Аъзоёни он байни худ бо ин риштаҳои абадии муқаддас баста шудаанд. Ягон чиз дар ҷаҳон онҳоро мағлуб кардан наметавонад. Дар мактуби чанде пеш аз Калисои Махфӣ овардашуда гуфта мешавад: „Мо барои он дуо мекунем, ки на фақат масеҳиёни беҳтарин шавем, балки айнан чунин бошем, ки Худо моро дидан мехоҳад: масеҳиёни ба Масеҳ монанд, ки тайёр бошем, то барои ҷалоли Худо салибро бардошта барем“.

„Ҳақиқати Шарқ“ аз январи соли 1966 дар бораи он менависад, ки айбдоршаванда Мария Севчук ба савол дар бораи он ки ӯро кӣ ба назди Масеҳ овард, ҷавоб дод: „Худо моро дар яке аз маҷлисҳои фарзандони Ӯ овард“. Айбдоршавандаи дигарро пурсиданд: „Роҳбари шумо кӣ аст?“ Вай ҷавоб дод: „Дар байни одамон мо роҳбар надорем“. Бачаҳои имондорро пурсиданд: „Ба шумо кӣ маслиҳат дод, ки галстук ва ташкилоти пионериро тарк кунед?“ Онҳо ҷавоб доданд: „Мо инро бо ихтиёри худ кардем. Инро ба мо касе таълим надод“.

Агарчи дар баъзе ҷойҳо „қуллаи пиряхи обӣ“ намоён аст, дар дигар ҷойҳо имондорон худтаъмидкунӣ мекунанд, то ки роҳбарони худро ба хатар наандозанд. Баъзан дар вақти таъмид дар дарёҳо ва кӯлҳо, таъмиддиҳанда ва таъмидгиранда ҳар ду дар рӯйҳо ниқобҳо доранд, то ки онҳоро дар суратҳо фаҳмидан мумкин набошад.

„Рӯзномаи омӯзгор“ аз январи соли 1964 дар бораи лексияи бедиёнат дар деҳаи Воронино менависад. Худи ҳамон даме ки лектор сухани худро тамом кард, имондорон бо саволҳо ба ӯ ҳамла карданд, ки ӯ ба онҳо ҷавоб надошт. Онҳо мепурсиданд: „Коммунистон принсипҳои маънавии худро аз куҷо гирифтаанд, ба монанди «дуздӣ накун, қатл накун ва дигарон»“. Имондорон ба лектор нишон доданд, ки ҳамаи ин принсипҳо асоси худро аз Китоби Муқаддас мегиранд, ки коммунистон бо он чунин сахт мубориза мебаранд.

Лектор тамоман ба изтироб омад ва лексия бо ғалабаи имондорон тамом шуд.

## Таъқиби Калисои Махфӣ меафзояд

Имондорони Калисои Махфӣ дар замони мо нисбат ба ягон вақти пеш бисёртар азоб мебинанд.

Ҳамаи шаклҳои дин дар Иттиҳоди Шӯравӣ таъқиб мешаванд. Барои масеҳиён ба таъқиб карда шудани яҳудиён дар мамлактҳои коммунистӣ нигоҳ кардан душвор аст, вале нишонаи асосии беимонон Калисои Махфӣ аст. Матбуоти шӯравӣ дар бораи ҳабси умумӣ ва муҳокимаҳои судӣ хабар медиҳанд.

Дар як ҷо 82 нафар имондор ба касалхона барои девонаҳо шинонда шуданд. Дар байни чанд рӯз 24 нафар аз „дуои зиёд“ мурданд. Аз кадом вақт дуо имондоронро мекуштагӣ шуд? Шумо тасаввур кардан наметавонед, ки ин одамон чиро аз сар гузарониданд?

Ҷазои аз ҳама вазнинтарин кашида гирифтани фарзандон аз волидайн аст, барои он ки онҳо ба фарзандон динро таълим медоданд. Ҳуқуқи зиёрати фарзандон абадан гирифта мешавад!

Иттиҳоди Шӯравӣ изҳороти Давлатҳои Муттаҳидро имзо кард, ки дар он дар бораи маҳдудкунӣ дар соҳаи маърифаткунонӣ гуфта мешавад: „Волидайн бояд озодӣ ва имконияти тарбияи фарзандонро мувофиқи ақидаҳои шахсии маънавӣ ва динии худ дошта бошанд“. Роҳбарони Калисои расмии Баптистии СССР бовар мекунонанд, ки ин ҳуқуқ дар мамлакати онҳо барои ҳама волидайн таъмин шудааст ва одамоне ҳастанд, ки ба ин бовар мекунанд.

Боз ба якчанд иқтибосҳо аз матбуоти шӯравӣ диққат диҳед.

„Русияи шӯравӣ“ аз 4 июни соли 1963 дар бораи он менависад, ки чӣ тавр баптистка Маркинкова аз шаш фарзанди худ маҳрум шуд, барои он ки ба онҳо масеҳиятро таълим медод ва бастани гарданбанди пионериро иҷозат надод. Ҳукмро шунида, вай оромона гуфт: „Ман барои имон азоб мекашам“.

Вай барои фарзандони кашида гирифтаи худ, ки онҳоро акнун бо бединӣ заҳролуд мекунанд, бояд пул медод. Модарони имондор, дар бораи ин зани азобдида фикр кунед!

„Рӯзномаи омӯзгор“ менависад, ки айнан чунин воқеа бо Игнатий Мукин ва зани ӯ рӯй дод. Судя аз онҳо рад кардани имонро талаб кард: „Аз байни Худо ва духтари шумо интихоб кунед! Шумо Худоро интихоб мекунед?“

Ҷавоб содда буд: „Мо имони худро инкор намекунем“.

Ҳавворӣ Павлус мегӯяд: „Ҳама чиз ба манфиат ёрӣ мерасонад....“ Ман фарзандони аз волидайни имондор гирифташударо дидам, ки ба мактабҳои пӯшидаи коммунистӣ афтода, на танҳо бо атеизм заҳролуд нашуданд, балки имони дар хона гирифтаро дар байни ҳамсабақони худ паҳн мекарданд.

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳар касе ки фарзандони худро аз Худованд бештар дӯст дорад, ба Ӯ сазовор нест. Ин суханон дар паси Пардаи Оҳанин маънои махсусро доранд. Як ҳафта бе фарзандони худ зиндагӣ кунед ва шумо азобҳои бародарони моро дар Иттиҳоди Шӯравӣ мефаҳмед. Вале фақат дар бораи пинҳонкории протестантӣ гап задан ҳам нодуруст мебуд.

Масеҳиёни православӣ дар Русия тамоман дигар шудаанд. Миллионҳо аз байни онҳо аз маҳбасҳои зиндонӣ гузаштанд, ки дар он ҷо онҳо на тасбеҳ, на таслиб, на уқнусҳо, на бухурҳо, на шамъҳо доштанд. Имондорони қаторӣ дар зиндон бе коҳини дастмондашуда буданд. Рӯҳониён қабо, нон ва шароб барои табаррукӣ, равған барои молидан, китоби дуо бо дуоҳои касе тайёркарда надоштанд. Онҳо аз самими қалб дуо мекарданд ва Худованд баракати Худро изҳор мекард. Бедоршавии ҳақиқии рӯҳӣ ба вуҷуд омад, ба монанди он ки дар ибтидои масеҳият ба вуҷуд омада буд!

Бедоршавии рӯҳӣ калисои православии Иттиҳоди Шӯравиро фаро гирифт. Пинҳонкории православӣ вуҷуд дорад, ки онро ҳақиқатан инҷилӣ, бунёдӣ ва хеле наздик ба Худо номидан мумкин аст. Ин кори пинҳонӣ ҳам азобдидагони худро дорад.

Кӣ гуфта метавонад, ки архиусқуф Ермоген Калужский ва рӯҳониён Эшлиман ва Якунин дар куҷо ҳастанд? Онҳо ҷуръат карданд, ки ба иттиҳоди байни патриарх ва ҳукумати коммунистӣ муқобилият кунанд. Онҳо мардони имон ва муҳаббати бо Рӯҳ пуршуда ҳастанд!

Панҷоҳ соли ҳокимияти коммунистӣ! Вале матбуоти Шӯравӣ бо хабарҳо дар бораи ғалабаи Калисои Махфӣ пур аст, ки аз озмоишҳои тасвирнашаванда гузашта, ба Худо босадоқат монд.

Дар Румыния мо тухми каломи Худоро дар сафҳои қӯшунҳои Шӯравӣ коштем. Дигарон инро дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар мамлакатҳо карданд ва тухмҳо самара оварданро сар мекунанд!

Ҷаҳони коммунистиро барои Масеҳ ба даст овардан мумкин аст. Коммунистон ва инчунин халқҳои асири онҳо метавонанд масеҳӣ шаванд, агар мо дар ин кор ба онҳо мадад расонем.

Ба одамони шӯравӣ нигоҳ кардан раҳмовар аст, ки ҳатто як саҳифаи Китоби Муқаддасро талаб мекунанд. Онҳо бо ҳамин рӯҳҳои худро мепарваранд. Онҳо тайёр ҳастанд гов ё бузи худро бо Навиштаҳо иваз кунанд.

Ман ба шумо дар бораи кори мо дар лагери коммунистӣ нақл кардам ва хоҳиши давом додани ин кор ва васеъ кардани онро ба шумо изҳор кардам. Мазаи таом бо чашидани он маълум мешавад. Тасдиқи он ки ман ба шумо ҳақиқатро гуфтам, дар он яқин аст, ки Калисои Махфӣ ҳақиқатан дар Иттиҳоди Шӯравӣ, дар Хитой ва дар ҳамаи дигар мамлакатҳои Иттиҳоди коммунистӣ афзоиш меёбад.

Барои зоҳир кардани зебоии масеҳият дар бародарон ва хоҳарони мо дар шароитҳои вазнине ки дар ин китоб тасвир кардам, ман якчанд мактубҳоро аз Иттиҳоди Шӯравӣ меоварам. Онҳо дар зиндон навишта шудаанд.

## Чӣ тавр Варя Масеҳро ёфт?

Се мактуби аввал аз духтари имондор Мария аст, ки Варяро ба назди Масеҳ овард.

*Мактуби аввал*

Ман дар ин ҷо зиндагиро давом медиҳам. Маро ҳама дӯст медоранд ва ҳатто аъзои ячейкаи маҳаллӣ, комсомолка Варя ҳам. Чанде пеш вай ба ман гуфт: „Ман намефаҳмам, ки ту чӣ гуна одам ҳастӣ. Туро дар ин ҷо бисёр касон таҳқир мекунанд ва озор медиҳанд, вале ту ҳамаро дӯст медорӣ“. Ман ҷавоб додам, ки Худо моро таълим медиҳад ҳамаро дӯст дорем, на танҳо дӯстонро, балки душманонро ҳам. Пештар ин духтар ба ман бисёр бадӣ мекард, вале барои вай бо ғамхории махсус дар дил дуо мекардам. Вақте вай пурсид, ки оё ман метавонам вайро ҳам дӯст дорам, ман ӯро ба оғӯш кашидам ва мо ҳар ду гиря кардем, акнун бошад мо якҷоя дуо мекунем. Илтимос, барои ӯ дуо кунед. Вақте мешунавӣ, ки одамон ошкоро Худоро инкор мекунанд, фикр кардан мумкин аст, ки онҳо инро ҷиддӣ мекунанд, вале амалан аён аст, ки бисёрии ин одамон Худоро бо даҳон нафрат хонда, бо дил ба сӯи Ӯ рафтан мехоҳанд. Ман нолаи дили онҳоро мешунавам. Онҳо чизеро меҷӯянд ва рӯҳафтодагии худро бо бедиёнатӣ мепӯшонанд.

Хоҳари шумо дар Масеҳ, Мария

*Мактуби дуюм*

Дар мактуби пеш ман ба шумо дар бораи шиноси атеисткаи худ, Варя навишта будам. Акнун азизони ман, шитоб мекунам, то ки ба шумо дар бораи хурсандии бузурги мо хабар диҳам: Варя Масеҳро ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсии худ қабул кард ва акнун дар бораи ин ба дигарон ошкоро шаҳодат медиҳад. Вай акнун хиҷолат мекашад, чунки пеш ба муқобили Худо тарғибот мекард. Вай кӯшиш мекунад гуноҳи худро ислоҳ кунад. Мо якҷоя ба маҷлиси беимонон мерафтем ва гарчанде ман ба вай маслиҳат додам, ки худро ба даст гирад, вай маро гӯш накард. Баъди хониши муқаррарии сурудҳои коммунистӣ, ки дар он Варя иштирок намекард, вайро барои баромад кардан даъват карданд. Вай ба пеш баромада, далерона бо ҳиссиёти баланд ба ҷамъомадагон дар бораи Масеҳ ҳамчун дар бораи Наҷотдиҳандаи худ шаҳодат дод ва аз дӯстони собиқи худ бахшиш пурсид, барои он ки рӯҳан нобино буда, худаш ба ҳалокат мерафт ва дигаронро аз паси худ мебурд.

Вай ҳамаро даъват мекард, ки роҳи гуноҳро тарк карда, ба Масеҳ рӯ оваранд. Ҳама хомӯш меистоданд ва ягон кас сухани вайро набурид. Онро ба охир расонда, вай бо овози зебои худ тамоми мадҳияро хонд: „Ман аз ситоиш намудани мурдани Масеҳ, ҳимояи амри Ӯ ва иқтидори салиби Ӯ шарм намекунам!“ Ва баъд... ва баъд Варяи моро бурданд. Имрӯз нӯҳуми май аст ва мо дар бораи вай ҳеҷ чизро намедонем, аммо Худо қодир аст, то вайро нигаҳ дорад. Барои вай дуо кунед!

Марияи шумо

*Мактуби сеюм*

Дирӯз, дуюми август, ман дар зиндон бо Варяи шумо гап задам. Дар бораи ин вохӯрӣ фикр карда, дили ман бо хун пур мешавад. Зеро вай ҳоло кӯдак аст. Вай танҳо 19-сола аст ва ҳамчун имондор ба Худованд, вай ҳам кӯдак дар Ӯ аст. Вале вай Худовандро аз самими қалб дӯст медорад, гарчанде ки қадамгузории худро аз паси Ӯ бо чунин роҳи мушкил сар кард. Вай гурусна аст, вале амонатҳои мо на ҳама ба ӯ мерасанд. Дирӯз вай дар назди ман рангпарида, хароб, шаллоқхӯрда меистод ва танҳо чашмон бо рӯшноии оромонаи олами ботин ва хурсандии олӣ медурахшиданд.

Оре, азизони ман, касоне ки бо олами мӯъҷизавии Масеҳ шинос нестанд, намефаҳманд... вале чӣ тавр хушбахтанд онҳое ки ин ҷаҳонро доро ҳастанд, ягон азобу уқубат онҳоро боздошта наметавонад.

Ман аз паси панҷараи оҳанин пурсидам: „Варя, ту барои он коре ки кардӣ, афсӯс намехӯрӣ?“ — „Не“, — ҷавоб дод вай, —„агар

маро озод кунанд, ман боз дар бораи муҳаббати бузурги Масеҳ гап мезанам. Гумон накун, ки ман азоб мекашам. Ман хурсандӣ мекунам, ки Худованд маро чунон дӯст медорад, ки ба ман қувва медиҳад, то ки ҳамаи инро барои Ӯ аз сар гузаронам“.

Ман аз шумо хоҳиш мекунам, ки барои вай дуо кунед, чунки фикр мекунам, ки вайро ба Сибир мефиристанд. Ҳамаи чизҳои вайро кашида гирифтанд, ба ғайр аз он чи дар тани вай буд, дигар ягон чизро намонданд. Вай хешон надорад ва мо бояд барои вай чизҳои заруриро ҷамъ кунем. Ман маблағи охирини пулро, ки шумо ба ман фиристодед, як сӯ гирифта мондам ва агар Варяро мефиристанд, ман ин пулҳоро ба вай медиҳам. Ман боварӣ дорам, ки Худо вайро устувор мекунад ва барои аз сар гузарондани оянда ба вай ёрӣ медиҳад. Бигзор Худованд ӯро нигоҳ дорад!

Марияи шумо

*Мактуби чорум*

Марияи меҳрубон, ниҳоят ман метавонам ба ту бинависам. Мо ба лагер расидем... Он даҳ километр дуртар аз шаҳр ҷойгир аст. Ман наметавонам зиндагии худро тасвир кунам, ту медонӣ барои чӣ. Ман фақат каме дар бораи худ менависам. Ман ба Худованд сипосгузорам, барои он ки Ӯ ба ман саломатӣ додааст ва ман кор карда метавонам. Ҳамроҳи хоҳар „Х“ ман дар корхона, дар дастгоҳ кор мекунам. Ин кори душвор аст ва хоҳар „Х“ бо саломатии бади худ базӯр аз ӯҳдаи он мебарояд. Ман бояд ба ҷои ҳар дуямон кор кунам. Ман кори худро тамом карда, ба вай ёрӣ медиҳам. Мо дар як шабонарӯз 12–14 соат кор мекунем. Хӯрок бад аст ва он кам аст, вале ман дар бораи ин ба ту навиштан намехостам. Дили ман бо миннатдорӣ ба Худо пур аст, барои он ки ба воситаи ту Ӯ ба ман роҳи наҷотро нишон дод. Дар роҳи нав ҳаёти ман мақсад ва равия гирифт. Ман медонам ба куҷо меравам ва барои чӣ азоб мекашам. Ман мехоҳам дар ҳама ҷо ва ба ҳама дар бораи хурсандии озодӣ гап занам, ки бо он дили ман пур аст. Кӣ метавонад моро аз муҳаббати Худо дар Масеҳ ҷудо кунад? Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз! Зиндон ва азобҳо, ки аз тарафи Худо фиристода шудаанд, дар имон ба Ӯ моро фақат мустаҳкамтар мекунанд.

Дили ман бо муҳаббат чунон пур аст, ки он лабрез мешавад. Дар кор маро ҳақорат мекунанд ва бо кори иловагӣ ҷазо медиҳанд, вале ман наметавонам хомӯш биистам ва ба ҳама дар бораи он ки Масеҳ бо ман карда буд, нақл мекунам. Ӯ аз ман одами навро сохт, махлуқи навро, ба ҷои он ки ба ҳалокат маҳкум буд. Чӣ тавр ман метавонам баъди ин хомӯш бошам? Ҳеҷ гоҳ! То он даме ки ман гап зада метавонам, ман дар бораи муҳаббати бузурги Ӯ ба ҳама шаҳодат медиҳам.

Дар роҳ ба сӯи лагер ман бисёр бародарон ва хоҳарони дар Масеҳ будаgoing вохӯрдам. Бо рӯҳ ҳис кардан чӣ тавр хуб аст, ки онҳо фарзандони Худо, мисли ту, бародарон ва хоҳарони ту ҳастанд. Сухан даркор нест, аз нигоҳи аввал мефаҳмӣ, онҳо кӣ ҳастанд. Дар як стансия зане ба мо хӯрок оварда, фақат ду сухан гуфт: „Худо зинда аст".

Дар шаби аввали расидани мо ба лагер, моро ба баракҳои зеризаминӣ бурданд. Мо ба ҳозирбудагони он ҷо бо суханони „Осудагӣ ба шумо!" салом додем ва боиси ҳаяҷон ва хурсандии мо аз ҳар тараф шунида мешуд: „Бо осудагӣ қабул мекунем!" Аз рӯзи аввал мо худро чун дар оилаи худӣ ҳис кардем. Бале, ин ҳақиқатан чунин аст. Мо дар ин ҷо бисёр ҳастем, нисфи зиёди ҳабсшудагон имондорон ба Исои Масеҳ ҳастанд. Дар ин ҷо сарояндагони хуб ва башоратдиҳандагони Инҷил ҳастанд.

Чӣ хел хуб аст, вақте ки бегоҳирӯзҳо мо баъди кори вазнин ҷамъ мешавем ва якчанд лаҳзаро дар дуо якҷоя дар пеши пои Наҷотдиҳанда мегузаронем. Бо Масеҳ мо дар ҳама ҷо озод ҳастем. Ман дар ин ҷо бисёр мадҳияҳои рӯҳониро аз ёд кардам ва ҳар рӯз каме Каломи аҷоиби Ӯро мегирам.

Нуздаҳсолагии худро ман аллакай ҳангоми имондор буданам қайд кардам. Ман ҳеҷ гоҳ ин рӯзро фаромӯш намекунам! Мо тамоми рӯз кор кардем, вале ба ин нигоҳ накарда якчанд бародарон тавонистанд ба назди дарё раванд ва дар ягон ҷо яхро шикананд. Дар ин шикофии ях маро бо ҳафт одами дигар шабона таъмид доданд. Ман чӣ хел хушбахт ҳастам ва чӣ хел мехостам, ки ту, Мария, дар ин ҷо ҳамроҳи ман бошӣ, то ки ман тавонам ақаллан қадре он бадиро, ки ҳангоми беимон буданам ба ту карда будам, ислоҳ кунам. Худо ҳар яки моро дар ҷои худаш мемонад ва мо бояд дар ҳамон ҷое бимонем, ки Ӯ моро дар он ҷо мондааст.

Ба тамоми оилаи бузурги фарзандони Худо салом расонед. Худо кори туро баракати зиёд медиҳад, чуноне ки кори маро ҳам дар ин ҷо баракат медиҳад. Номаи Ибриён 12:1–3-ро бихон.

Ҳамаи бародарон ва хоҳарони мо ба ту салом мегӯянд ва хурсандӣ мекунанд, ки имони ту ба Худованд мустаҳкам мемонад ва ту бо азобҳои худ Ӯро шӯҳратманд мекунӣ. Агар ба дигарон менависӣ, аз номи ҳамаи мо ҳам салом расон.

Варяи ту

*Мактуби панҷум*

Марияи меҳрубон, ниҳоят боз имконияти барои ту навиштани чанд сатрро дорам. Бо меҳрубонии Худо ман ва хоҳар „Х" саломат ҳастем.

Моро ба... бурданд ва мо акнун дар ин ҷо ҳастем. Барои ғамхории модарона дар ҳаққи ман аз ту миннатдорам. Ҳамаи он чизеро, ки барои мо тайёр кардӣ, гирифтем, вале хусусан барои Китоби Муқаддас аз ту миннатдорӣ баён мекунам. Ҳамаро сипосгузорӣ мекунам ва агар менависӣ, аз номи ман салом расон.

Аз он вақте ки Худованд барои ман сирри муҳаббати бузурги Худро кушод, ман худро дар ҷаҳон аз ҳама хушбахттарин ҳис мекунам. Азобҳоеро, ки ман акнун аз сар мегузаронам, баракати махсуси Худо ҳисоб мекунам ва хурсандӣ мекунам, ки аз рӯзи аввали Масеҳро пайравӣ кардани ман Ӯ маро мушарраф кард, ки барои Ӯ азоб кашам. Барои он дуо кун, то ки ман то охир босадоқат бимонам. Бигзор Худованд ҳамаи шуморо нигоҳ дорад ва дар ин мубориза муқаддас мустаҳкам гардонад. Хоҳар „Х" ва ман туро бӯса мекунем... Вақте ки моро ба... мебаранд, мумкин боз имконияти навиштан барои ту мешавад. Дар бораи мо ташвиш накаш. Мо хушбахт ҳастем, чунки мукофоти мо дар осмонҳо бузург аст (Матто 5:11,12).

Варяи ту

Ин мактуби охирини Варя, собиқ комсомолкаи ба Масеҳ имоноварда аст, ки ҷасурона дар бораи Ӯ ба ҳама шаҳодат медод. Вай барои шаҳодат дар бораи Худованд ҳабс шуда, ба Сибир бадарға карда шуд. Дигар мо дар бораи вай ягон чиз намедонем, вале муҳаббати калони вай зебоии рӯҳи азобдида, вале босадоқати Калисои Махфиро дар сеяк ҳиссаи замин инъикос мекунад.

# БОБИ ҲАШТУМ

Атеистон — одамоне мебошанд, ки манбаъҳои ноаёни зиндагии худро эътироф намекунанд. Онҳо асрори ниҳониро намефаҳманд. Имондорон метавонанд пеш аз ҳама бо қадамгузории худ дар имон ба мо кӯмак кунанд ва бо намунаи мушоракати зинда бо Худои ноаён. Аз ҳама беҳтар онҳо метавонанд бо зиндагии мантиқӣ ва фидокории худ ва бо эътирози ошкоро, ҳар замоне ки онҳо овозаҳоро дар бораи таъқиби имондорон мешунаванд, ба мо ёрдам кунанд.

Имондорони ғарб метавонанд бо дуоҳои худ барои наҷоти коммунистон ба мо ёрӣ диҳанд. Чунин дуо метавонад соддалавҳона намояд. Мо барои коммунистон дуо мекардем, онҳо бошанд рӯзи дигар нисбат ба пеш аз дуо моро зиёдтар азоб ва шиканҷа медоданд.

Аммо дуои Масеҳ барои Ерусалим ҳам метавонад соддалавҳона намояд. Зеро Ӯ баъди дуо Худ таслиб шуд. Баъди якчанд соат бошад, одамоне ки Ӯро таслиб карданд, ба синаи худ мезаданд ва баъд 5000 одам дар як рӯз ба Масеҳ рӯ оварданд!

Дуо ягон вақт беҳуда намешавад. Агар шумо дар бораи ягон кас дуо мекунед ва Ӯ онро қабул накунад, он бо баракати калон ба шумо бармегардад ва барои он касе ки шумо дуо кардед, лаънат мешавад.

Ба сухани Масеҳ гӯш карда, ман ва бисёр имондорони дигар барои Гитлер ва ҷаллодони ӯ дуо кардем ва ман боварӣ дорам, ки дуоҳои мо барои торумор кардани ӯ нисбат ба тири иттифоқчиён камтар ёрдам накарданд.

Мо бояд наздикони худро мисли худ дӯст дорем ва коммунистон — мисли дигар халқҳои ҷаҳон наздикони мо ҳастанд. Коммунистон дар натиҷаи иҷро накардани ҳукми Масеҳ пайдо шудаанд: „Ман омадам, то ки зиндагӣ дошта бошанд ва фаровон дошта бошанд!“ Имондорон ҳанӯз ин зиндагии бобаракатро барои ҳама дар ҷамъият дастрас накардаанд. Баъзе одамон дар мавқеи аз ҳама паст дар зиндагӣ монданд. Онҳо шӯриш барпо карда, коммунист шуданд. Дар бисёр мавридҳо ин қурбониҳои ноҳақии иҷтимоӣ ҳастанд ва барои ҳамин онҳо бераҳм ва дағал ҳастанд. Мо бояд бо онҳо мубориза барем, вале имондорон, ҳатто бо душман мубориза бурда, ӯро мефаҳманд ва дӯст медоранд.

Мо аз айби он ки коммунистон умуман вуҷуд доранд, озод нестем. Мо ақаллан дар беэътиноӣ ба вазифаи худ айбдор ҳастем. Мо бояд

инро бо муҳаббати худ ба онҳо ислоҳ кунем (Дӯст доштани онҳоро маънои он надорад, ки онҳо ба мо маъқул ҳастанд). Мо бояд барои онҳо дуо кунем.

Ман чунон соддадил нестам, то бовар кунам, ки муҳаббат барои он кифоя аст, то масъалаи коммунистиро ҳал кунад. Ман ба роҳбарияти мамлакат маслиҳат намедодам,ки бо мушкилоти ғоратгарӣ фақат бо муҳаббат мубориза барад. Барои ғоратгарон бояд полис, судҳо ва зиндон вуҷуд дошта бошад, на фақат шубонон. Ман ҳеҷ гоҳ иборахо дар бораи муҳаббати масеҳиро маслиҳат намедодам, то ки ба муборизаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва маданӣ бар зидди коммунизм муқобилият кунад.

Ғоратгарон ҳамёнҳоро медузданд, вале коммунистон тамоми мамлакатро ғорат мекунанд.

Ба шубонон ва имондорони қаторӣ бошад ман маслиҳат медиҳам, ки коммунистонро, ҳарчанд ҷинояткор ҳам бошанд, ва инчунин қурбониҳои бегуноҳи террори онҳоро ба назди Масеҳ оваранд. Шубони калисо бояд кӯшиш кунад онҳоро оқилона ва нармдилона бифаҳмад ва барои онҳо дуо кунад.

## Фавран Китобҳои Муқаддас, Инҷилҳо даркоранд

Ба мамлакатҳои коммунистӣ Китобҳои Муқаддас ва қисмҳои алоҳидаи онҳоро фиристода, мо метавонем дар кори наҷоти онҳо кӯмак кунем. Роҳҳо ва имкониятҳои бехатари бурдани адабиётҳои динӣ ба мамлакатҳои коммунистӣ вуҷуд доранд. Роҳҳо ҳастанд, вале дар бораи маблағҳо, шумо, имондорони озод, хоҳарон ва бародарони Калисои Махфӣ метавонед ғамхорӣ кунед.

Ҳанӯз ҳангоми дар Румыния буданам ман худам Китобҳои Муқаддасро, ки бо роҳи ниҳонӣ ба мо оварда мешуданд, мегирифтам. Мо бо бурда расондан мушкилӣ надорем, барои мо фақат маблағ ва адабиётҳо даркоранд, ки ба онҳо мо эҳтиёҷи калон дорем. Ҳазорҳо имондорон дар Русия ва мамлакатҳои иттифоқӣ коммунистӣ дар муддати 20–50 сол Китобҳои Муқаддас ва Инҷилро надидаанд.

Ду деҳқони хеле чиркин боре ба назди ман омаданд. Онҳо тамоми зимистон кори вазнинро мекарданд, то ки ба қадри кофӣ барои Китоби Муқаддаси кӯҳнаи фарсуда пул кор кунанд. Онҳо тамоми зимистон замини яхкардаро меканданд, бо умеди он ки Китоби Муқаддасро харид кунанд ва ба деҳаи худ баранд. Азбаски ман Китобҳои Муқаддасро аз Амрико мегирифтам, ман тавонистам ба онҳо ба ҷои кӯҳнаи фарсуда Китоби Муқаддаси навро диҳам. Онҳо ба чашмони худ бовар намекарданд ва хоҳиш мекарданд пулҳои дар

зимистон коркардаашро ба ман диҳанд, вале ман пулҳои онҳоро нагирифтам. Онҳо ба деҳаи худ бо Китоби Муқаддаси қиматбаҳо мешитофтанд ва баъди якчанд рӯз ман номаи пур аз хурсандӣ ва шавқу завқи ошкоро, миннатдорӣ ва сипосгузорӣ барои Навиштаҳои Муқаддас гирифтам. Номаро сӣ нафар ҳамдеҳагон имзо карданд, ки Китоби Муқаддасро эҳтиёткорона ба сӣ қисм бурида, қисмҳои алоҳидаашро бо ҳам иваз мекарданд.

Як одам ангуштарини никоҳи худро ба Китоби Муқаддас иваз кард, дигарон буз ё гови ягонаи худро медоданд. Мо метавонем Китобҳои Муқаддас ва дигар адабиёти диниро фиристонем ва ин ягона имконият барои шумо аст, то ки барои бародарони худ дар он ҷо ягон кор кунед.

Баъд аз ин мо метавонем ва бояд адабиёти махсусро чоп кунем, ки ба заҳролудкунии атеизм, ки онро ба кӯдакон, ҷавонон ва одамони калонсол дар мамлакатҳои коммунистӣ медиҳанд, зарба занад. Коммунистон „Васоити таълимӣ барои атеист“-ро тайёр кардаанд, ки онро Китоби Муқаддаси атеист номидан мумкин аст. Нусхаи соддаи ин китобро ба кӯдакони боғчаҳои кӯдакон медиҳанд ва нусхаи басе мураккабтарро ба бачагони калонтар ва ҷавонон таълим медиҳанд. Ҳамин тариқ „хӯроки парҳезӣ“-и бетанаффуси заҳрнок ба бачагони ҳамаи синну сол хӯронда мешавад.

Ҷаҳони масеҳӣ ҳанӯз ҷавоби „Васоити таълимии атеист“-ро чоп накардааст ва ман фикр мекунам мо бояд ба ин таълимоти заҳрнок ва бедиёнат ҷавоб нависем. Мо бояд инро зудтар кунем, чунки Калисои Махфӣ адабиётҳо надорад, ки метавонист онро ба ҷавонони бо „Васоити таълимии атеитистӣ“ заҳролудшуда бидиҳад. Дастони Калисои Махфӣ аз паси пушт баста ҳастанд ва онҳо то он вақте баста мемонанд, ки он адабиётҳоро ба якчанд забонҳои мамлакатҳои блоки коммунистӣ надошта бошад.

Ҷавонони заҳролудшудаи мо бояд ҷавоби Худо, ҷавоби масеҳӣ дошта бошанд! Ва ин боз як кори дигаре аст, ки дар он шумо метавонед ба мо ёрӣ диҳед. Барои офаридани адабиёте ки ба „Васоити таълимии атеист“ ҷавоб медиҳад ва дигар адабиётҳои тасвирдор барои ҷавонон ба мо ёрдам кунед.

Ба мо инчунин Китобҳои Муқаддас даркоранд. Мо бояд инчунин дастонро бо аъзоёни Калисои Махфӣ бо ҳам зада, ба онҳо барои дар мамлакатҳои худашон озодона ҳаракат кардан ёрии маънавӣ диҳем. Онҳо Хабари Хушро даҳон ба даҳон, метавонанд ба дигарон баранд, агар онҳо барои ин маблағ дошта бошанд. Ҳоло бошад бисёрии онҳо аз сабаби набудани ёрии моддӣ ба ҷойҳои худ банд шуда мондаанд. Онҳо наметавонанд барои қатора, автобус ё дигар воситаҳои нақлиёт барои худ чипта биханд ё барои хӯрок захира кунанд. Маҳз якчанд

доллар метавонанд онҳоро барои хизмати самаранок бо Каломи Худо озод кунанд.

Шубононе ки якчанд солҳоро дар зиндон гузарондаанд, орзуи ба дигарон расонидани Инҷил, ба рӯҳҳои озурдашуда баён кардани муҳаббати худро доранд, вале онҳо маблағ надоранд, то ки шаҳодати худро ба деҳаҳои дурдасти мамлакати худ баранд. Маҳз якчанд доллар метавонанд онҳоро бо воситаҳои зарурӣ таъмин кунанд.

Мо бояд ба имондорони қаторӣ ёрдам кунем, ки онҳо бисёр мехоҳанд ба дигарон шаҳодат диҳанд. Онҳо базӯр нӯг ба нӯг мерасонанд ва барои харидани чипта ба ҷойҳои дигари мамлакат ягон чиз намемонад. Маҳз якчанд доллар метавонанд барои онҳо ин мӯъҷизаро биофаранд.

Шубонони Калисои расмӣ, ки кӯшиш мекунанд ибодати мувозии аз фишори ҳукуматдорон озодро баранд, ҳам ба маблағ эҳтиёҷ доранд. Музди ночизи онҳо дар бисёр мавридҳо барои нигоҳ доштани оила нокифоя аст, вале онҳо боз дар байни кӯдакон ва ҷавонон кори махфиро мебаранд ва барои ин маблағ даркор аст.

Шумо метавонед дар ин кор кӯмак кунед ва ман аз шумо хоҳиш мекунам, ин имконияти бобаракатро аз даст надиҳед.

Имконияти охирини хизматгузорӣ — барномаҳои радио аз стансияҳои озоди ҷаҳон аст. Мо метавонем Калисои Махфиро рӯҳан бо сухан аз эфир ғизо диҳем, ки ҳамчун нони зиндагӣ ба онҳо даркор аст. Чуноне ки коммунистон радиоприёмникҳои кӯтоҳмавҷ доранд, барои он ки тарғиботи худро шунавонанд, миллионҳо сокинон ҳам онҳоро доранд ва метавонанд барномаҳои радиои моро гӯш кунанд ва дар бораи онҳо ба дигарон нақл кунанд. Дарҳо барои мавъиза ба воситаи радио кушодаанд. Мо бояд ин корро васеътар кунем ва ин ба шумо боз имконият медиҳад, ки ба Калисои Махфӣ хизмат кунед.

## Фоҷиаи оилаҳои масеҳиёни азобдида

Мо бояд ба оилаҳои имондорони ҳабсшуда ёрӣ диҳем. Даҳҳо ҳазор оилаҳои азобдидагон азоби тасвирнашаванда мебинанд. Вақте ки аъзои Калисои Махфиро ҳабс мекунанд, ба сари оилаи ӯ бадбахтии бениҳоят меояд. Ҳукуматдорон ба чунин одамони азобдида ёрӣ доданро қатъиян манъ мекунанд ва ин тасодуфӣ набуда, балки аз тарафи коммунистон махсус ба нақша гирифта шудааст, то ки азоби худи ҳабсшаванда ва инчунин оилаи ӯро дучанд зиёд кунанд.

Вақте ки имондор ба зиндон меафтад, азобҳои оилаи ӯ акнун сар мешаванд. Азобҳои он охир надоранд ва ман бояд иқрор шавам, ки агар ёрии бародарони ҷаҳони озод намебуд, ман бо

оилаи худам ҳеҷ гоҳ зинда намемондам ва ба шумо дар бораи азобҳои Калисои Махфӣ хабар овардан наметавонистам. Акнун ба муқобили имондорон дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва дигар мамлакатҳои коммунистӣ боз афзоиши нави ҳабсҳои умумӣ гузашта истодаанд. Азобдидагон боз ҳам зиёдтар мешаванд. Онҳо ба қабрҳо барои гирифтани мукофоти ҷовидонӣ мераванд ва оилаҳои онҳо дар ин ҷо барои азоб мемонанд. Мо метавонем ва бояд ба оилаҳои азобдидагон ёрӣ диҳем.

Албатта, мо бояд ба сокинони гуруснагикашандаи Африка ва Ҳиндустон кӯмак кунем, вале кӣ ба ғайр аз бародарон ва оилаҳои шахсони барои Масеҳ дар зиндонҳои коммунистӣ азобдида бештар сазовори кӯмаки имондорон аст?

Мо метавонем ба оилаҳои азобдидагон ёрдам кунем ва ба онҳо нишон диҳем, ки мо онҳоро фаромӯш накардаем.

Инро кардан даркор аст ва ёдоварии ман дар бораи ин аллакай дар ин роҳ ёрӣ дод. Ёрии бисёр аллакай ба мамлакатҳои Иттиҳоди коммунистӣ фиристода мешавад, вале ин ҳама нисбат ба он ки боз ҳам кардан мумкин аст, ҳанӯз ҳеҷ чиз нест.

Ҳамчун аъзои Калисои Махфӣ, ки ба озодӣ баромадааст, ман сухане дорам, ки онро бояд ба шумо расонам.

Ман ба тарзи мӯъҷизавӣ озод шудам ва наметавонам хомӯш бошам. Ман ба шумо дар бораи фавран ба Масеҳ овардани коммунистон, дар бораи ёрии таъҷилӣ ба оилаҳои азобдидагон ёдовар шудам ва барои шумо роҳҳо ва имкониятҳои дар зиндагӣ амалӣ кардани миссияҳои паҳнкунии Инҷил ва дигар адабиётҳоро пешниҳод кардам.

Вақте ки ба кафи пойҳои ман мезаданд, забони ман дар даҳон азоб мекашид ва гиря мекард. Барои чӣ он гиря мекард? Охир онро намезаданд. Он барои он гиря мекард, ки он ҳам аъзои ҳамон ҷисм аст ва шумо имондорон ҳам аъзои ҳамон ҷисми Масеҳ ҳастед, ки онро акнун дар зиндонҳои коммунистӣ азоб медиҳанд. Наход шумо дардро ҳис намекунед?

Калисо бо тамоми зебоии муқаддасӣ ва фидокории худ дар кишварҳои коммунистӣ зиндагӣ мекунад.

Вақте ки Исои Масеҳ дар боғи Ҷатсамонӣ дуо мекард, Петрус, Юҳанно ва Яъқуб дар масофаи на чандон дур аз Ӯ ҷойгир буданд, вале онҳо ба ХОБИ САХТ рафта буданд.

Дар паси Пардаи Оҳанин боз фоҷиаи риёзаткашии Калисои Аввалин такрор мешавад, вале Калисои озод хоб рафтааст.

Бародарони мо дар он ҷо танҳо ва нотавон ҳастанд. Онҳо муборизаи далерона ва аз ҳама бузурги асри бистро мебаранд ва ин қаҳрамонӣ ва шуҷоати онҳо ба онҳое баробар аст, ки Калисои аввалин дошт.

Калисои озод бошад ба азобҳои Калисои Махфӣ аҳамият надода, хоб рафтааст, чӣ тавре ки Петрус, Юҳанно ва Яъқуб дар вақти азобҳои рӯҳии Наҷотдиҳанда хоб мекарданд.

Наход шумо ҳам хоб меравед, дар ҳоле ки Калисои Махфӣ азоб мекашад ва танҳо барои Инҷил мубориза мебарад? Ба даъвати он гӯш диҳед: „Моро фаромӯш накунед! Ба мо ёрӣ диҳед! Моро тарк накунед!“



*Сурати ҷавонии оилаи Ричард ва Сабина Вурмбранд бо писарашон Михай (Михаил). Вақте ки волидайн ҳар ду дар лагери меҳнатӣ буданд, Михай зинда монд, зеро ӯро масеҳиёни дигар чун „ятим“ нигоҳубин карданд, вале дар мактаб хор шумурда мешуд ва таҳқир карда мешуд. Баъдтар Михай дар Америка нахустин директори Садои Риёзаткашон (Voice of Martyrs) шуд (октябр, 1967). Ин Мисссия дар он вақт „Исо барои ҷаҳони коммунистӣ“ номида шуда буд.*



*Бо табассум озод шуданаш аз ҳабсхонаи коммунистӣ, Шубон Вурмбранд бисёр масеҳиёнро бо намоиш додани бахшиши бечуну чаро дар ҳайрат монд... коммунизмро бад дидан, вале коммунистонро дӯст доштан.*



*Оилаи пурраи Сабина Вурмбранд (ки яҳудиён буданд), дар лагери консентратсионии фашистон вафот кард. Сабина ва Ричард як нафар фашистро аз он лагер ба хонаи худашон даъват намуданд. Онҳо ӯро хӯрондаанд, дӯст доштанд ва ба назди Масеҳ овардaнд.*




*Нашри аввали „Азобҳо барои Масеҳ — Калисои маъқибшудаи имрӯза“ соли 1960 нашр шуда буд. Масеҳиёни Ғарбӣ дар бораи азобҳои оилаи худ дар Шарқ бисёр кам шунида буданд. Дар он вақт бисёр калисоҳо дар Ғарб чоп кардани чунин ахборотҳоро рад карданд.*



*Зиёда аз ним аср масеҳиён пинҳонӣ дар парастишҳои калисо дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ иштирок мекарданд. То имрӯз ҳам масеҳиёни Осиё ва Шарқи Миёна пинҳонӣ ҷамъ мешаванд.*



*Бо доғҳои шиканҷаҳо дар гардан, дар пушт ва дар синаи худ, Шубон Вурмбранд азобҳоеро, ки бисёр масеҳиёни Африко зери таъқибот кашида буданд, мефаҳмад. Миссияи Садои Риёзаткашон (VOM) аз соли 1960 барои Африқо кӯмак фиристоданро сар кард.*




*Конферонс дар Швейтсария – Дар вақти „Пардаи Оҳанин“ (Ҳукмронии коммунистони шӯравии Аврупои Ғарбӣ) Шубон Вурмбранд дар ҳазорҳо маҷлисҳои калисо ва конференсияҳо сухан меронд, ки онҳоро оилаи Миссияи Садои Риёзаткашон (VOM) ташкил мекарданд. Ҳозир ин миссия чун Ширкати Байналмиллалии Масеҳиён номида шудааст.*



*Дар давоми асри 20 масеҳиён Инҷилҳоро дар таҳхонаҳои дорои даромадгоҳҳои пинҳонӣ чоп мекарданд. Дар асри баъдина чунин корҳо дар Шарқи Миёна, Осиё ва дигар ҷоҳо давом карда баданд. Павлуси маҳбус дар 2 Тимотиюс 2:9 навишта буд: „Ки барои он (барои инҷил), мисли бадкоре, то ба дараҷаи занҷирҳо уқубат мекашам, аммо Каломи Худо ба занҷирҳо банд нест“.*



*Посбонони сарҳади Германияи шарқӣ барои кофтукови Китобҳои Муқаддаси „ғайрқонунӣ“ деворҳо ва дарҳои мошинҳоро шикоф мекарданд.*



*Шубон Вурмбранд дар бисёр маҷлисҳои динӣ ва сиёсӣ гуфта буд, ки Ғарб „аҳли имон"-ро (Ғалотиён 6:10) фаромӯш накунад. Пеши Конгресс вай куртаи худро кашида, доғҳои шиканҷаҳоро нишон дод. Вай забонҳои гуногунро медонист, ва аз газетаҳои русӣ дурӯғҳоеро, ки дар бораи калисо чоп шуда буданд, ба иқтибос меовард.*



*Шӯъбаи Финляндиягии Садои Риёзаткашон (VOM) масеҳиёни дар банд бударо дар ёд дорад (Ибриён 13:3).*





*Дертар, солҳои 70 – Том Уайт барои иштирок дар паҳнкунии адабиёти масеҳӣ дар Куба ба муддати 24 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд. Бисёр коргарони СР (VOM) зарбу лат дида, ҳабс, парронда ва кушта шуда буданд.*



*Дар с.1900 – Рафтан ба „Мактаби якшанбегӣ“-и дар ҷангалҳои Иттиҳоди Шӯравӣ. Мактаби якшанбегии пинҳонӣ имрӯзҳо ҳам дар Виетьнам, Лаос, Хитой, Бутан, Ғарби Миёна ва дигар территорияҳо вомехӯрад.*



*Дар суханронӣ ба калисоҳои пурфайзи Русия Ричард ва Сабина Вурмбранд дар давоми ҳаёти худ оиди фурӯ афтидан Пардаи Оҳанин шаҳодат медоданд.*



*1969 – Кураи ҳавоӣ бо Инҷилҳо дар Кореяи Шимолӣ фуроварда шуд, коре ки 30 сол дертар давом кард.*



*Куба – Фидел Кастро 100.000 Китобҳои Муқаддасро нест кард. Аввали солҳои 70-ум ҳамкорони СР (VOM) Инҷилҳоро аз самолётҳо ба баҳр мепартофтанд ва ба воситаи куриерҳо ворид менамуданд.*



*1990 – Вурмбрандҳо ба ватани худ Румыния баргаштанд, то ки дар калисоҳо ва телевизиони миллӣ бо хабари дӯст доштан ва бахшидани душманони худро гап зананд.*

# МУНДАРИҶА


БОБИ ЯКУМ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 6

БОБИ ДУЮМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 23

БОБИ СЕЮМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 36

БОБИ ЧОРУМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 39

БОБИ ПАНҶУМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 65

БОБИ ШАШУМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 77

БОБИ ҲАФТУМ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 81

БОБИ ҲАШТУМ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 97



## АЗОБҲО БАРОИ

# МАСЕҲ

Дар танҳоӣ ҳабс шудан, солҳои шиканҷаву азоби ҷисмонии такрорӣ, азобу уқубати доимӣ бо гуруснагӣ ва хунукӣ, ғаму андӯҳи шустани мағз ва азоби фикрронӣ – ин таассуроти шубони румынягӣ мебошад, ки дар муддати 14 сол дар ҳабсхонаи коммунистӣ бандӣ буд.

Ҷинояти ӯ, монанди ҳазорҳо одамони дигар, танҳо имони гарм ба Исои Масеҳ ва барои дар бораи имонаш дар пеши омма шаҳодат додан буд.

Вай дар хонаҳо, дар таҳхонаҳо, дар ҷангалҳо – баъзан дар кунҷи кӯчаҳо дар пеши омма мавъиза мекард – ҳамаи инро имондорони вафодор шаҳодат медоданд, гарчанде ки нархи оқибати амалҳояшонро медонистанд.

Ин таърихи онҳо – гузориши намунавии далерӣ, имони мустаҳкам ва сабри ғайриоддӣ аст. Ин таърихи калисои пинҳонӣ азоби давомноки калисоҳои зиёди ҳозираи ин ҷаҳонро ба хотирамон меорад.